Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

14 ноябри соли 2020.
Шанбе
№ 84-85 (14684)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# ВАЗЪИЯТ ДАР ҚАШҚАДАРЁ ДАР ТАМОМИ СОҲАҲО БОЯД БА ТАВРИ КУЛЛӢ ТАҒЙИР ЁБАД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 12-13 ноябр бо мақсади шиносоӣ бо ҷараёни кор дар бобати барқарорсозӣ ва рушди иқтисодиёт, беҳсозии ҳаёти мардум, ки сарфи назар аз пандемия ба амал татбиқ мегардад, аз вилояти Қашқадарё боздид намуд.**



Рӯзи дуюми сафар роҳбари давлат дар шаҳри Қаршӣ бо иштироки фаъолони вилоят, депутатҳои Шӯрои маҳаллӣ, роҳбарони вазорат ва идораҳо ҷамъомад баргузор намуд.

Дар оғози чорабинӣ вазъи иҷтимоию иқтисодии вилоят аз нуқтаи назари танқидӣ таҳлил карда шуд.

— Мақсади асосии сафари ман — якҷоя бо шумо муайян кардани вазифа ва тадбирҳои мушаххас барои такони ҷиддӣ додан ба рушди минтақа мебошад. Кашқадарё аз имконоти худ пурра истифода намебарад, аз бисёр минтақаҳои кишвар хеле қафо мондааст, — қайд кард сарвари давлат.

Минтақа имкониятҳои бузург дорад. Аммо вазъи иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоии он ба ин комилан мувофиқат намекунад. Дар давоми 10 соли охир ҳиссаи минтақа дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 9,4 то 7,1 фоиз, дар саноат аз 11 то 6 фоиз коҳиш ёфтааст.

— Дар ин ҷо нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ яке аз пасттарин дар кишвар ба шумор меравад. Оё мардуми Қашқадарё ба ин сазоворанд? — бо суол пурсид Президент.

Асоси илмӣ, муносибати инноватсионӣ ба парвариши маҳсулоти кишоварзӣ вуҷуд надорад, навъҳои наве, ки ба шароити иқлими минтақа ҷавобгӯ бошанд, офарида нашудааст. Соли гузашта ҳосили пахта аз ҳар гектар 19 сентнерро ташкил дод, ки ин нишондиҳандаи пасттарин дар кишвар гардид. Техникаи кишоварзӣ намерасад. Сатҳи коркарди маҳсулот паст аст.

Шавкат Мирзиёев вазъи корҳои обёрӣ ва мелиоратсияи вилоятро сахт танқид кард. Дар натиҷаи обёрии нодуруст 45 фоизи замин шӯр шудааст. Дар ин росто вазъият махсусан дар ноҳияҳои Муборак, Ғузор, Нишон ва Косон мураккаб аст. 38 ҳазор гектар замин аз муомилот хориҷ карда шуд. Обёрии қатрагӣ танҳо дар 2,4 фоизи майдонҳои обёришаванда ҷорӣ карда шудааст.

Таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар маҷмӯъ дар минтақа 50 фоиз; дар Косон — 26 фоиз, дар Деҳқонобод — ҳамагӣ 4 фоизро ташкил медиҳад. 60 фоизи қубурҳо ба таъмир ниёз доранд. Системаи канализатсияи шаҳри Қаршӣ фарсуда шудааст. 8,7 ҳазор километр роҳҳои нақлиёти автомобилии минтақа ба ҳолати корношоямӣ омадааст.

Масъалаи сифати таълим ва ёрии тиббӣ ба миён гузошта шуд.

Зикр гардид, ки дар 88 мактаби вилоят таҳсил дар якчанд баст гузаронида шуда, филиалҳои алоҳидаи мактабҳо аз гили шикаста сохта шудаанд. Ҷавонони Қашқадарё аз ҷиҳати қабул ба донишгоҳҳои олӣ дар Ӯзбекистон мақоми 13-умро ишғол мекунанд. Ва имсол ҳеҷ яке аз хатмкунандагони 191 мактаби вилоят ба мактабҳои олӣ дохил шуда натавонист.

257 духтури ихтисосаш маҳдуд ва 855 нафар дар зинаҳои аввалия намерасанд. Вилоят ба 18 поликлиникаи оилавӣ ва 30 кабинети духтури оилавӣ ниёз дорад. Сарфи назар аз он, ки ба ҳар як поликлиникаи оилавӣ бояд ба ҳисоби миёна 25-30 ҳазор шаҳрванд рост ояд, дар вилоят ин нишондиҳанда 90 ҳазорро ташкил медиҳад.

Дар ҷамъомад инчунин мушкилоти дигар, имкониятҳои мавҷуда таҳлил карда шуда, афзалиятҳои рушди ҳамаҷонибаи Қашқадарё ва беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолӣ баррасӣ шуданд.

— Вазъият дар Қашқадарё бояд дар тамоми соҳаҳо ба куллӣ тағйир ёбад. Дар вилоят барои ин ҳамаи имкониятҳо мавҷуданд. Ҳама бояд аз хоби гарон хезанд, — гуфт Президент.

Дар асоси пешниҳодҳои ҳокимон ва таҳлили мушкилот дар вилоят, соҳибкорӣ ҳамчун самти асосии кор муайян карда шудааст. Соли 2021 дар вилояти Қашқадарё соли рушди соҳибкорӣ эълон шуд. Барои кори мақсаднок ба ноҳияҳо ва шаҳрҳо вазирон, роҳбарони соҳаҳо ва бонкҳо вобаста карда шудаанд.

Сарвари давлат зарурати махсусгардонии минтақаҳоро ба самтҳои мушаххаси иқтисодиёт бо назардошти шароити бозор ва «нуқтаҳои рушд» қайд кард.

Аз ҷумла, ноҳияҳои Яккабоғ, Қамашӣ, Чироқчӣ, Шаҳрисабз ва Китоб ба боғдорӣ ва токпарварӣ ихтисосонида мешаванд. Дар ноҳияҳои Ғузор ва Муборак дар самти нафту кимиё, дар ноҳияҳои Чироқчӣ ва Деҳқонобод — бинобар истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ корхонаҳои зиёд бунёд кардан мумкин аст.

Ноҳияҳои Касбӣ, Нишон, Миришкор ва Косон ба чорводорӣ ихтисос хоҳанд ёфт. Вазифа ба миён гузошта шуд, ки комплексҳои калон ва фермаҳои хурди чорводорӣ ташкил карда, барои базаи хӯроки чорво замин ҷудо карда шавад.

Ба Вазорати молия супориш дода шуд, ки механизми пешниҳоди субсидияро барои азхудкунии заминҳо таҳти чорводорӣ ва парвариши чорвои калони шохдор фароҳам орад.

Барои солҳои 2021-2022 дар минтақа татбиқ намудан 950 лоиҳа ба маблағи 28 триллион сӯм таҳия шудааст. Дар натиҷа, ташкили 15 ҳазор ҷои корӣ ба назар гирифта шудааст.

Тадбирҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва фароҳам овардани манбаи даромад барои шахсони ниёзманд ва бекорон баррасӣ шуданд.

Ба масъулин супориш дода шуд, ки соли оянда дар 50 ҳазор гектар замин технологияҳои сарфаи обро ҷорӣ кунанд.

Президент ба масъалаҳои таъминоти аҳолӣ бо манзил, сохтани роҳҳо ва шабакаҳои оби нӯшокӣ диққати махсус дод. Вазифа гузошта шуд, ки сатҳи таъмини марказонидашудаи оби нӯшокӣ дар минтақа то 79 фоиз, аз ҷумла дар ноҳияи Ғузор, ки вазъият бениҳоят душвор аст, то 50 фоиз расонида шавад.

Масъалаи таъмини манфиатҳои ҷавонон ва занон амиқ таҳлил гардиданд.

Дар вилоят низоми нави кор бо ҷавонон ҷорӣ карда мешавад. Роҳбари давлат гуфт, ки ҳокимон як рӯзи ҳафтаро рӯзи кор бо ҷавонон эълон намуда, бо мушкилоти онҳо сарукор хоҳанд шуд.

Тадбирҳо оид ба беҳтар намудани шароити зиндагии 2 815 зани ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманд, ҷалби занони бекор ба ҳунармандӣ дар асоси анъанаи «устод-шогирд» муайян карда шуданд.

— Роҳи интихобкардаи мо роҳи пурмашаққат аст. Мо оид ба Қашқадарё нақшаҳои калон дорем, маблағҳои хеле калон ҷудо карда мешаванд. Ҳоло вазифаи асосӣ ва талабот ин дуруст ба кор андохтани ин захираҳо, фароҳам овардани шароити муносиб барои мардум мебошад, — таъкид кард роҳбари давлат.

Баъд аз ин Президент Шавкат Мирзиёев бо мавзеи нави истиқоматӣ, ки дар маҳаллаи Навои шаҳри Қаршӣ қад меафрозад, шинос шуд.

Дар маҷмӯъ дар мавзеъ сохтани 39 манзили бисёрошёна ба нақша гирифта шуда, лоиҳа дар панҷ марҳила амалӣ мегардад.

Дар марҳилаи аввал 3 манзили 16 ошёна қомат афрохтанд.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки то ин дам дар вилоят манзилҳои аз 7 ошёна баланд сохта намешуданд. Аз ин рӯ, ба риояи талаботи замонавии сейсмологӣ ва меъморӣ диққати махсус дода мешавад. Маводҳои баландсифати каммасраф истифода шуданд. Ҳар як квартира обгармкунаки худро дорад.

Сарвари давлат ба технологияи сохтмон ва сифати хонаҳо эътибор дод. Оид ба таъмини бехатарии сӯхтор, хидматҳои баландихтисоси коммуналӣ супоришоти иловагӣ дод.

Ҳудуди атрофи хонаҳо обод гардонда, майдончаи бозӣ ташкил карда шудааст. Дар моҳи марти соли оянда ба истифода додани боз 4 бинои 16 ошёна ба нақша гирифта шудааст.

Ғайр аз ин, мактаб барои 1680 нафар хонанда, 2 кӯдакистон, поликлиника, супермаркет, майдончаҳои варзишӣ, боғ ва дигар иншоот сохта мешаванд.

Дар ин ҷо муаррифии чораҳо оид ба сохтмон ва таъмири роҳҳо, навсозии шабакаҳои гармидиҳӣ, таъминоти оби нӯшокӣ ва канализатсияи Қаршӣ ба амал омад.

Бо ҳамин сафари кории Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Қашқадарё ба поён расид.

**Матназар ЭЛМУРОДОВ,
Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,
хабарнигорони ЎзА.**

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# ХАБАРИ МУХТАСАР

## дар бораи ҷамъомади Шӯрои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон

***11 ноябри соли 2020 ҷамъомади Шӯрои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид. Ба ҷамъомад Раиси палатаи болоии парлумон Танзила Нарбаева роҳбарӣ кард.***

Дар он қарор қабул шуд, ки ҷамъомади умумии нӯҳуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон 20 ноябри соли 2020 даъват карда шавад.

Дар ҷараёни ҷамъомади умумӣ, ки дар шакли видеоконфронс баргузор мешавад, баррасии як қатор масъалаҳо ба нақша гирифта шудааст.

Қонунҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии геномӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон вобаста ба таҳкими минбаъдаи кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии мулкдорон», «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба муносибати андешидани чораҳо оид ба кам кардани таъсири манфии пандемияи коронавирус ба бахшҳои иқтисодиёт ва падидаҳои бӯҳрони ҷаҳонӣ», «Дар бораи таъсиси унвони фахрии Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Геологи шоистаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон», «Дар бораи муқаррар намудани Рӯзи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон» аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Ғайр аз ин, баррасии масъалаҳо оид ба ҳисоботи Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи рафти иҷрои Барномаи давлатии татбиқи Стратегияи амалиёт дар "Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ», инчунин иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон "Дар бораи рӯшодии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ» аз ҷониби вазорату идораҳо ва мақомоти ҳукумат дар маҳалҳо ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин муҳокимаи масъалаҳои марбут ба самти дархостҳои парлумонӣ ба Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи чораҳои баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳои махсуси иқтисодии кишвар, баланд бардоштани самаранокии муоинаи тиббии ҷавононе, ки акди никоҳ мекунанд, дар бораи ҳолати иҷрои қонунгузорӣ дар самти таъмини амнияти нуқтаҳои аҳолинишин ва объектҳои иқтисодӣ, ки дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳии кишвар ҷойгир буда, дар онҳо хатари обхезӣ, сел, ярч мавҷуд мебошанд, пешбинӣ шудааст.

Инчунин, натиҷаҳои дархостҳои парлумонӣ, ки ба Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи чораҳои таъмини ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки муваққатан дар Федератсияи Россия кор мекунанд, дар бораи вазъи иттиҳодияҳои боғдорӣ ва токпарварӣ ва масъалаҳои такмили асосҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо, оид ба мушкилоте, ки дар раванди ҷалби васеи аҳолӣ, алалхусус ҷавонон, ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба миён меоянд, дар бораи шароите, ки барои рушди соҳибкории занон фароҳам оварда шудаанд, оид ба мушкилоти марбут ба партовҳо ва таъсири онҳо ба саломатии аҳолӣ низ баррасӣ мешаванд.

**ЎзА.**

# Ҷонам фидои ту — Ӯзбекистони озод

***Дар маҷмӯи тантанаҳои «Шодиёна»-и Наманган таҳти шиори «Ӯзбекистони нав — ҷаҳонбинии нав» чорабинии маънавӣ ва маърифатӣ баргузор гардид.***

Дар он олимони маъруф, шоирон, нависандагон, рассомон, зиёиён ва ҷавонон, депутатҳо, ки аз пойтахт ташриф оварданд ва фаъолони вилоят иштирок карданд.

Иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Наманган Шавкат Абдураззоқов, ки дар чорабинӣ ширкат варзид, оид ба вазъияти давраи пандемия, ислоҳоте, ки бахри сиҳҳатӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ татбиқ мегарданд, истода гузашт.

Вай инчунин дар бораи корҳои созандагӣ, ки дар минтақа анҷом дода мешавад, рушди соҳибкорӣ, сохтмони манзилҳои имтиёзнок ва корҳои амалӣ дар соҳаҳои динӣ, маънавият ва маърифат сухан гуфт.

Ҳунарпешагони халқии Ӯзбекистон Мирзо Азизов, Зулайхо Бойхонова, Абдуҳошим Исмоилов, шоира Сайёра Тӯйчиева дар бораи симои нав, сиёсати нав, муносибати нави Ӯзбекистони нав ва имкониятҳое, ки барои 34 миллион нафар мардуми мо фароҳам оварда шудаанд, хусусан дар бораи самараи амалӣ ва мусбати қарору фармонҳои аз ҷониби Президент дар давраи пандемия қабулшуда фикрҳояшонро ифроз доштанд.

Дар видеороликҳо гузаштаву имрӯзи кишварамон инъикос ёфтанд. Оҳангу сурудҳои санъаткорон садо медиҳанд.

Таҳти шиори «Ӯзбекистони нав — ҷаҳонбинии нав» чорабиниҳои маънавию маърифатӣ бо рукни «дар ҳар маҳалла» дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят, дар деҳаҳои дурдаст идома доранд.

**Оқилхон ДАДАБОЕВ,
мухбири ЎзА.**

# ҲАҶМИ МАҲСУЛОТ МЕАФЗОЯД

***Имрӯз мушкили шуғли аҳолӣ аз ҳарвақта муҳимтар аст. Имтиёз ва афзалиятҳои соҳибкорон низ як мақсад — афзоиши ҷойҳои кориро пайгирӣ мекунанд.***

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Азия металл гарант», ки дар шаҳри Қаршӣ фаъолият мекунад, ба коркарди металл махсусонида шудааст.

Ин ҷамъият, ки соли 2008 ба ҳайси як корхонаи муштараки Ӯзбекистон ва Чин таъсис ёфтааст, тайи солҳои охир ба мушкилоти зиёде дучор омадааст. Масалан, як замон корхона бинои худро надошт. Ғайр аз ин, бо сабаби технологияҳои кӯҳна он наметавонист бо маҳсулоти худ дар бозор рақобат кунад. Ва, бо вуҷуди ин, ба шарофати саъю кӯшиши устувори муассисони ҷомеа, соҳибкоронро дастгирӣ намудани давлат ва имтиёзу имкониятҳои фароҳам овардашуда «Азия металл гарант» ба яке аз корхонаҳои пешомадноки саноатии минтақа табдил ёфтааст. Имрӯз он садҳо нафарро бо кори доимӣ таъмин менамояд.

— Пас аз он ки соҳибкорони чинӣ лоиҳаро тарк карданд, моро лозим омад корро худамон идома диҳем, — мегӯяд директори ҷамъият Азиз Ҳалимов. — Албатта, дар аввал душвор буд. Он замон мушкилоти ҷойро доштем. Биное, ки мо ишғол карда будем, ба як корхонаи истеҳсоли плитаҳои бетонӣ тааллуқ дошт, пас онро ба ихтиёри корхонаи муштараки мо доданд ва мо дар асоси иҷора кор мекардем. Бо назардошти ин, имкони модернизатсияи истеҳсолот, навсозии технологияҳо, тавсеаи фаъолият вуҷуд надошт. Дақиқтараш, барои татбиқи ҳамаи ин лозим меомад миллиардҳо сармоягузорӣ карда шавад. Мо таваккал карда ва ба биное, ки ба мо тааллуқ надорад, сармоягузорӣ карда наметавонистем. Ва аз ин рӯ барои ба даст овардани бино ба андешидани чораҳо шурӯъ кардем.

Ин ба ширкат имкон дод, ки самараи иқтисодии худро боз ҳам беҳтар созад. Иқтидори шабонарӯзии истеҳсолӣ ба 200-250 тонна расид.

Афзоиши назарраси фоида барои ҷорӣ намудани лоиҳаҳои нав шароит фароҳам меорад. Дар айни замон дар корхона 7 намуди арматураи диаметрашон гуногун ва 3 намуди симҳои диаметрашон ҳархела истеҳсол карда мешавад. Ба қарибӣ истеҳсоли мехҳои андозаашон гуногун ба роҳ монда шуд. Дар оянда ба роҳ мондани истеҳсоли винтҳои худгард ба нақша гирифта шудааст. Умуман, нақшаҳо хеле зиёданд. Ба маҳсулот талабот дар ташкилотҳои сохтмонӣ ва истеҳсолкунандагони маҳаллӣ зиёд аст. Ин кормандони ширкатро дар татбиқи лоиҳаҳои нав ва ноил шудан ба фатҳи қуллаҳои баланд илҳом мебахшад.

**Ӯлмас БАРОТОВ,
мухбири ЎзА.**

# КЛАСТЕРИ КОРКАРДИ ПАРТОВ СОХТА МЕШАВАД

***Дар Наманган ба соҳаи ҳамлу нақл ва коркарди партов сектори хусусӣ ҷалб карда хоҳад шуд. Дар ин бора дар семинари ҷумҳуриявӣ, ки дар меҳмонхонаи «Ахсикент»-и маркази вилоят бахшида ба масъалаҳои такмили минбаъдаи системаи идоракунии фаъолият дар соҳаи коркарди партови маишӣ ва сохтмон гузашт, хабар дода шуд.***

Дар чорабинӣ иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Наманган Шавкат Абдураззоқов, муовини раиси Кумитаи давлатии экология ва ҳифзи муҳити зист Исломбек Боқиҷонов қайд карданд, ки қарори Президент «Дар бораи чораҳои такмили минбаъдаи низоми идоракунии фаъолият дар соҳаи муомилот бо партовҳои маишӣ ва сохтмон» аз 29 сентябри соли 2020 омили муҳими ислоҳоти кулли ин соҳа мебошад.

Воқеан, дар асоси ин ҳуҷҷати муҳим лоиҳаҳои шарикии давлатию хусусӣ ба низом ворид карда мешаванд. Наманган дар ин самт як навъ намуна хоҳад шуд. Аз ҷумла, масъалаи кӯчондани полигони партовҳо, ки аҳолии маҳаллиро ба ташвиш меорад ва сабаби бад шудани муҳити зист мегардад, баррасӣ хоҳад шуд.

Тибқи қарори роҳбари давлат бо мақсади баланд бардоштани ҷаззобии соҳа техникаҳои махсуси корхонаҳои давлатӣ ба соҳибкорон бо муҳлати 7 сол дода мешавад. Имрӯзҳо дар кишвар тақрибан 3 ҳазор адад техникаи махсус мавҷуд аст. Боз як имконияти дигари барои намояндагони тиҷорати хурд ин аст, ки қаламравҳои муайян пурра ба соҳибкорон вобаста карда мешаванд.

— Дар тамоми ҷаҳон бо идоракунии партовҳо бахши хусусӣ машғул аст, аммо дар мамлакати мо ин барои давлат бори изофӣ аст. Ҳоло мо буҷаи давлатиро барои соли оянда баррасӣ менамоем. Мо бо субъектҳои соҳибкорӣ шартнома имзо мекунем ва аз соли оянда маблағгузории давлатӣ қатъ карда мешавад. Соҳибкор тамоми таҷҳизоти заруриро худаш харидорӣ мекунад ва мо маблағҳои буҷаи худро дар ҳаҷми 14 миллиард сӯм ба рушди соҳаи тандурустӣ ва таълими халқ, таъмири роҳҳои дохилӣ ва ҳалли дигар мушкилоти мубрам равона хоҳем кард, — гуфт Шавкат Абдураззоқов.

Дар семинар байни ҳокимияти вилояти Наманган, раёсати вилоятии экология ва ҳифзи муҳити зист, инчунин ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Наманган мусаффо иқлим» созишнома дар бораи шарикии давлатию хусусӣ ба имзо расид.

Лоиҳаи шарикии давлатию хусусӣ оид ба ташкили кластери коркарди партовҳоро, ки шаҳри Наманган, ноҳияҳои Тӯрақӯрғон, Мингбулоқ ва Намангонро фаро мегирад, ҶММ «Наманган мусаффо иқлим» дар асоси тендер ба даст овард.

Тибқи созишнома шарики давлатӣ ба корхона бо муҳлатдиҳӣ ба 7 сол 74 воситаи нақлиёти автомобилии махсус, 2 полигони партовҳо бо шарти сармоягузорӣ барои ҷудокунӣ ва баровардани партовҳои маишӣ ва сохтмон, 36 нуқтаи ҷамъоварии партовҳои маишӣ ва 206 контейнер барои партовҳоро барои истифодаи ройгон ба муҳлати 10 сол пешниҳод менамояд.

Дар навбати худ роҳбари корхона Фахриддин Иброҳимов 7 миллиону 800 ҳазор доллар сармоягузорӣ хоҳад кард. Ин маблағҳо барои харидани 80 адад техникаи махсус барои интиқоли партовҳо, 2 адад таҷҳизоти ҷудокунӣ ва коркард, 150 контейнер барои партовҳо харҷ мегарданд. Инчунин 3 истгоҳи интиқоли партовҳо сохта мешаванд.

Дар натиҷаи татбиқи созишнома сатҳи фарогирии аҳолӣ бо хидматрасонии партовҳо ба 100 ва сатҳи коркарди партовҳо ба 38 фоиз мерасад. Муҳимаш, 796 ҷои корӣ фароҳам меояд.

Дар семинар дар бораи лоиҳаҳои солҳои 2020-2021 оид ба ташкили хизматрасониҳо оиди ҷамъоварӣ ва баровардани партовҳои маишӣ дар асоси шарикии давлатию хусусӣ баррасӣ шуданд. Қайд гардид, ки оид ба ҷорӣ намудани платформаи махсуси иттилоотии Интернет, ки ба онҳо шумо метавонед акс ва видео дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба партовҳои маишӣ ва сохтмонро ҷойгир кунед, чораҳо андешида мешаванд.

Муаррифии контейнерҳои зеризаминӣ барои партовҳо, инчунин таҷҳизот барои коркарди онҳо баргузор гардид. Масъулони шӯъбаҳои Кумитаи давлатии экология ва ҳифзи муҳити зисти Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, сардорони шӯъбаҳои ҳудудӣ ва коршиносон бо корҳои амалии дар Наманган татбиқгардида шинос шуданд.

**Оқилхон ДАДАБОЕВ,
мухбири ЎзА.**

## ХАБАРҲО

### Марҳилаи нави тараққиёт

***Ин маънӣ дар маҷмӯи тадбирҳое, ки бо номи «Ўзбекистони нав – ҷаҳонбинии нав» дар вилояти Ҷиззах шуда гузаштанд, ифодаи худро ёфт.***

Тайи се-чор соли охир дар ҳамаи соҳаҳо, алалхусус дар ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва иқтисодӣ дигаргуниҳои куллӣ рух медиҳанд. Ин ҳолат ҳар як фарди хайрхоҳи кишварро шод месозад. Ба таври мисол, аҳолии зиёди миёнаҳол ва камбизоат соҳиби манзил мегарданд, аз ҳоли шахсони танҳо, бепарастор хабар мегиранд. Дили дардманду маъюбон ба туфайли ин ғамхориҳо таскин меёбад. Шаҳру деҳот дар асоси барномаҳои давлатӣ обод мегарданд. Муҳимтар аз ҳама дар ақлу шуури одамон дигаргунӣ ба вуҷуд меояд. Умуман кишвари мо ба марҳилаи нави тараққиёт ворид гардидааст.

Дар маркази вилоят таҳти шиори «Ўзбекистони нав – ҷаҳонбинии нав» якчанд тадбир доир гардид. Дар он меҳмонон аз пойтахт омада бо ҷавонон вохўриҳо гузарониданд. Тағйиротҳои бузургеро, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ рух додаанд, як-як гуфта гузаштанд. Дар театри мусиқӣ-драмавии вилоят консерти ҳунарпешагони ҷавон доир гардид. Ба беҳтарин варзишгарон ва эҷодкорони ҷавони вилоят туҳфаҳо тақдим карда шуд.

### Ёди инсони шариф

***Адиб ва арбоби давлатӣ Шароф Рашидов барои рушди ҷумҳурӣ дар солҳои вазнин корҳои бузургро ба анҷом расонидааст.***

Имрўз ҳамватанони мо ин инсони шарифро бо некӣ ёд мекунанд. Ҳамчун рамзи гиромидошт муҷассамаи ў дар шаҳри Ҷиззах қад афрохтааст. Дар ин ҷо хиёбону музейи адиб ва арбоби давлатӣ низ ҷой доранд.

Ҳамватанон ҳар сол бахшида ба рўзи мавлудаш ҷамъ омада, ба пои ҳайкалаш дастагулҳо мегузоранд. Аҳли адабу фарҳанг имсол ҳам ба муносибати 103-солагии Шароф Рашидов гирд омада, аз асарҳои безаволаш «Таронаи Кашмир» , «Ғо-либон», «Аз бўрон пурқудрат» ва ғайра ёд намуданд. Бо экспонатҳои дар музей ҷойдошта шиносоӣ пайдо намуданд. Бори дигар маҳорати роҳбарии вай дар он солҳои пуртаҳлука ва фазилатҳои неки инсонпарвариву адабиёту фарҳангдўстиашро ёд карданд. Ин қабил тадбирҳо дар муассисаҳои ноҳияе, ки бо таклифи Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев номи Шароф Рашидовро гирифтааст, ташкил гардид ва хеле хотирмон буд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

### Мактаби махсуси математика дар Оҳангарон

***Беҳуда нагуфтаанд, ки математика – шоҳи фанҳо. Президентамон зимни табрики муаллимону мураббиҳо дар иди касбиашон зарурияти омўзиши таҷрибаҳои мактаби ба математика махсусонидашудаи Қарокўлро, ки воқеъ дар вилояти Бухорост, алоҳида таъкид сохта буд.***

Инак, дар вилояти Тошканд мактаби «Оҳангарон – Қарокўл» ташкил ёфт, ки дар асоси таҷрибаи қарокўлиён дар он фанни математика амиқ омўзонида мешавад. Ҷараёнҳои санҷишӣ барои ҷудо карда гирифтани беҳтарин донишандўзон дар ду давр сурат мегиранд. Пештар 11 нафар беҳтарин омўзгорони фанни математика ба ноҳияи Қарокўл раҳсипор шуда ва таҷрибаи мактаби байналхалқии ба фанни зикршуда махсусондашударо омўхта бошанд, инак 7 нафар омўзгорон аз ин даргоҳ ба Оҳангарон омаданд, то дар сарасозии толибилмони синфҳои 7-8-9-10 аз ноҳияҳои Чиноз, Пскент, Бўка ва шаҳрҳои Ангрену Олмалиқ ба мутахассисони маҳаллӣ кўмак кунанд. Даъвогарон тақрибан якуним ҳазор нафар. Онҳо ба 15 савол (5-то аз математика, 10-то аз англисӣ) ҷавобҳои хаттӣ гардонданд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ҚАДАМҲОИ ТОЗАИ ДАВР БА ЧЎЛИСТОНҲОИ ГУЛИСТОНШУДА



***Дар доираи лоиҳаи «Журналист ва ҳаёт» бо унвони «Сирдарёи нави рў ба рушд» Иттиҳоди эҷодии журналистони Ўзбекистон дар вилояти Сирдарё медиа-тур ташкил кард. Шуъбаҳои вилоятии ташкилоти зикршуда ва идораи ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ ҳамкорӣ намуданд. Баробари ҷамъ омадан дар майдони «Ливои диёр»-и маркази маъмурии вилоят – шаҳри Гулистон иштирокдорон нафаси тозаи замон ва бунёдкориҳои азимро дар сарзамине, ки якчанд даҳсола қабл фотеҳони онро «азхудкунандаҳои чўл» менамуданд, ҳис карданд. Роқими ин сатрҳо пештар дар Гулистон, Хавос ва Янгиер барин шаҳрҳои вилоят шуда ва ба «ҳолнома»-и ин мавзеъҳо то андозае ошно аст. Ҳоло дар пеши назар шаҳрҳои зикршударо бо манзараҳои куллан дигар дарёфтам.***

Хавос ноҳияест дар Сирдарё. Моҳи декабри соли 1926 ташкил ёфтааст. Аз соли 1955 то 1966 ҳамчун ноҳияи Боёвут, аз соли 1966 то 1975 ҳамчун ноҳияи Янгиер зикр мегашт. Аз моҳи марти соли 2004 ба ноҳияи Хавос ноҳияи Меҳнатобод ҳамроҳ гашт. Панҷ мавзее, ки бо номи таърихии Фарҳод машҳуранд, низ ба таркиби шаҳрчаи Ховос даромаданд. Бо ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззах ва ноҳияҳои Сардобаю Мирзообҷди вилояти Сирдарё ҳамҳудуд аст. Майдонаш 1,5 ҳазор км2, аҳолиаш бештар аз 80 ҳазор нафар. Дар ноҳия ГЭС (ИОБ)-и Фарҳод, истгоҳи барқӣ-гармии Сирдарё, наздик 40 фирма ва корхона мавҷуд.

19 феврали соли 2019 бо мақсади шиносоӣ бо рафти ислоҳот дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ Президентамон Шавкат Мирзиёев ба вилояти Сирдарё ташриф фармуда, аз ҷумла ба шароити зисти аҳолии Ховос аз наздик гувоҳ шуда буд. Аз тараққиёти давр то андозае қафомонии шаҳрак ҳис мегашт. Корҳое, ки бояд иҷро шаванд ва ба дигаргуриҳо асос гарданд, ҳанўз дар пеш буданд. Роҳбари давлати мо ба нақшаи асосии сохтмони шаҳри замонавӣ шинос гашт, бобати боз ҳам такмил додани он пешниҳод ва супоришҳо дод. Аз байн фурсати зиёд нагузашта, эътиборан аз моҳи марти соли 2019 ҳудуди маҳаллаи «Бунёдкор» ба майдончаи бузурги сохтмонҳо табдил ёфт. Барои бунёди «Хавос-сити» дар ҳудуди 42 гектар корҳои маҷмўии сохтмонӣ оғоз ёфтанд.

Бино бар лоиҳаи муайяншуда бинои ҳокимият ва мақомоти идоракунии маҳаллӣ, Агентии хидматҳои давлатӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, манзилҳои истиқоматӣ, дабистонҳо, муассисаҳои томактабӣ, боғи истироҳатӣ, Майдони хотира, китобхона, дўкони китоб, кинотеатр, бозори деҳқонӣ, шохобчаҳои тиҷоратӣ ва хидматрасонии маишӣ бояд барпо карда мешуд. Бунёди 30-то бинои бисёрошёнаи истиқоматӣ, ки фарогири 760 адад хонадон аст, низ ба нақша дароварда шуда буд.

Дар як фурсати кўтоҳ биноҳои Маркази ба меҳнат ва шуғл кўмакрасон, Бонки халқӣ, корхонаи нуқтаҳои барқи ноҳия, ҳокимияти ноҳия, масkани истироҳати аҳолӣ, маҷмўи «Майдони хотира» барин як қатор объектҳо сохта ва ба истифода супурда шуданд.

Дар атрофи биноҳои бисёрошёнаи зист, айни замон, объектҳое қад рост карданд, ки барои сокинон бисёр муҳиманд. Хусусан, аҳолӣ аз сохта шудани 29 адад танурхонаҳо мамнун гашт. Инак, дар ҳавои кушод барои пухтани нон ва маҳсулоти нонӣ кулли шароитҳо муҳайё. Дар 8 адад «Майдончаҳои бачаҳо» хурдтаракону наврасон вақти холии худро хушҳолу мазмуннок гузаронида метавонанд. Сохтмони боз 20 адад ин гуна майдончаҳо идома дорад. Демонтаж ва монтажи қубурҳои газии диаметрашон 273 мм дар ҳудуди ШШМ «Бунёдкор» ба охир расидааст. Дар арафаи соли хониши 2020-2021 мактаби барои амиқ омўзонидани фанни маетматика махсусонидашуда бо 350 ҷой ба истифода супурда шуд. Биноҳои нави идораи амнияти сўхтори тобеи шуъбаи ноҳиявии УКД, Агентии хидматҳои давлатӣ ва Инспексияи давлатии андоз дар арафаи ба истифодасупорист.

Дар ҳудуди 42 гектараи «Хавос-сити» дар вазъи риояи қатъӣ ба талаботҳои карантинӣ бунёдкориҳо босуръат давом доранд. 30 адад биноҳои бисёрошёна мунтазири соҳибони худ. Барои оилаҳои камтаъмин дар асоси лоиҳаҳои хонаву ҷойи арзон 50 адад манзилҳои истиқоматӣ бо 2 сотихӣ қитъаи наздиҳавлӣ бо навбат супорида мешавад.

Ба наздикӣ дар ҳудуди маҳаллаи зикршуда сохтмони дар асоси технологияи Ҷопони заводи асфалту бетон, ки арзиши умумиаш 4 миллиарду 600 миллион сўмро ташкил медиҳад, ба охир расид. Иқтидори истеҳсолии заводи замонавӣ хеле баланд: дар як соат 120 тонна, дар як шабонарўз 1000-1200 тонна маҳсулот омода месозад. Аз ҳисоби ба кор андохта шудани корхона дар ин ҷо 12 нафар ба кори доимӣ таъмин карда шуданд. Бо амалӣ гардидани лоиҳа 7 километр роҳи байналхалқии Тошканд – Душанбе, ки аз ҳудуд мегузарад, пурра реконструксия гашт. То ҳозир ба ин роҳ бештар аз 38 ҳазор тонна асфалту бетон хобонда шудааст. Дар иҷрои ин корҳо бештар аз 40 воситаҳои махсуси техникӣ хидмат намуданд, зиёда аз 30 нафар роҳсозон аз таҳти дил меҳнат карданд. Ғайр аз ин ба роҳ ва гузаргоҳҳои паҳлўи роҳи зиёратгоҳи «Хавособод», ҷамъ дар ҳудуди 2 ҳазор метри квадратӣ асфалт хобонда шуд.

Имрўзҳо дар шаҳрчаи Хавос 78-то манзилҳои дуошёна аз таъмир бароварда шуданд, дар атрофи ин манзилҳо корҳои ободонию хуррамсозӣ хушсифат сурат гирифт. Айни замон кўчаҳои марказии ноҳия, роҳ ва гузарҳои байни биноҳои истиқоматӣ мумфарш гардиданд. Ба беҳсозии таъмини аҳолӣ ба оби нўшокӣ эътибори махсус нигаронида мешавад.

Иштирокдорони медиа-тур гувоҳ гардиданд, дар шароити карантин низ дар ин ҷо ислоҳот дар кулли соҳаҳо татбиқи амалии худро меёбанд. Таъмини аҳолӣ бо шуғл, коҳиш сохтани ночорӣ, дастгирии шахсони муҳтоҷ ва камтаъмин, баробари ҳамин, кулли масъалаҳои иҷтимоию маишӣ дар ноҳия мавриди эътибори доимист. Ҳамин низ дар доираи чорабинӣ бо мамнуният қайд гашт, аҳли Ховос дар соли 2020 нақшаи ба давлат супоридани пилла, ғалла ва ашёи хоми пахтаро дар вилояти Сирдарё аз аввалинҳо шуда ба иҷро расонданд.

Нимаи дуюми рўз иштирокдорони медиа-тур ба ноҳияи Мирзообод раҳсипор шуданд.

Назар ба маълумотҳо дар натиҷаи обхезӣ дар обанбори Сардоба ба 4 ҳазору 710 хонадон аз ноҳияҳои Сардоба, Оқолтин ва Мирзообод зарар расида, 2 ҳазору 499 то манзилҳо таъмирталаб шудаанд. Айни ҳол обхезӣ ба маҳаллаҳои «Навбаҳор», «Барлос» ва «Ҳақиқат»-и ноҳияи Мирзообод зарари ҷиддӣ расонд.

Барои кўмак ба зарардидагон ва таъмин сохтани онҳо бо манзилҳои нав дар ҳудуди 12 гектар 40 адад биноҳои панҷошёна бунёд гардид. 800 хонадон метвонад дар онҳо зиндагӣ кунад. Қитъаҳои наздиҳавлии хонадонҳои зарардида дар ихтиёри соҳибони хона монданд. Ба ҳар як хонадон 40 миллион сўмӣ ҷубронпулӣ супурда шуд. Барои хариди ҷиҳози нав бошад, хонадонҳо боз 10 миллионсўмӣ қабул карданд. Маҳаллаи нав, ки ба он биноҳои замонавӣ шукўҳ мебахшад, «Ўзбекистони нав» ном гирифт. Журналистон аз нашриёҳои марказӣ ба кўчида омадан, ба манзилҳои равшану барҳаво аввалин қадамҳои худро гузоштани соҳибҳои нав гувоҳ гардиданд. Калидсупорӣ ба кўчовардаҳо давом мекунад.

Вазъи маишӣ ва таъмин бо шуғл дар маҳаллаҳои нав чи тарз, суол карданд журналистон. Гуфта шуд дар ҳудуди маҳаллаҳои «Дўстлик»-и ноҳияи Сардоба, «Янги Тошкент»-и ноҳияи Оқолтин, «Янги Ўзбекистон»-и ноҳияи Мирзообод корхонаҳои «Сардоба текстил», «Нурли келажак», «Либосҳои нафис» кушода шуданд, корҷўён бо шуғл таъмин гаштанд. Бо мақсади офаридани қулаиҳо ба аҳолӣ 184 километр роҳ, 19-то кўпрук, 4-то зеристгоҳ сохта шуд. Қубурҳои газ дар масофаи 66 километр кашида шуданд. 47 адад ускунаи тақсимкунандаи газ устувор гашт. 11-то иншооти тақсимоти об, 7,9 километр нуқтаҳои оби равон бунёд ёфтанд.

Барои маълумот ҳамин низ зикр гашт, ки дар давоми 50 соли охир дар қаламраве, ки зикр кардем, ягон манзили бисёрошёна қад рост накарда буд. Инак, набераву аберахои «фотеҳони чўл» баробари ба гулистон табдил додани сарзамини худ дар манзилҳои бисёрошёнаи замонавии молик ба ҳама қулаиҳо умр ба сар мебаранд.

Дар доираи медиа-тур ба як қатор журналистони фаъоли сирдарёӣ ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

## Пурсиши иҷтимоӣ

# ҶАМЪИЯТ ДАР БОРАИ КОРҲО ОИДИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ ЧӢ ФИКР ДОРАД?

**Татбиқи чораҳои зиддикоррупсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошад. Дар Ўзбекистон ислоҳоти васеъ гузаронида мешаванд, ки ба пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия, решакан кардани омилҳои тавлидкунандаи коррупсия дар тамоми соҳаҳои давлат ва ҷомеа нигаронда шудаанд.**

Бо мақсади омўхтани муносибати ўзбекистониҳо ба чунин падидаи иҷтимоӣ, ба мисли коррупсия, самаранокии чораҳо оид ба мубориза бо коррупсия Маркази ҷумҳуриявии омўзиши афкори умум «Ижтимоий фикр» дар байни аҳолӣ пурсиши иҷтимоӣ гузаронд. Дар ин пурсиш сокинони тамоми минтақаҳои кишвар, мардон ва занон, ҷавонон ва пиронсолон, аҳли шаҳру деҳот ширкат варзиданд.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти «Афкори ҷамъиятӣ оид ба мубориза бо коррупсия» имкон медиҳанд, ки вазъи мавҷуда сари вақт ва боэътимод арзёбӣ карда шуда, дурнамои фаврии амалҳои минбаъда муайян карда шаванд, барои хулосаҳо дар бораи сабабҳо ва омилҳое, ки ба татбиқи самарабахши чораҳои саривақтӣ ва саркўбии ҷиноятҳои коррупсионӣ халал мерасонанд, тавзеҳоти тамоюли ногузирии ҷазо, баланд бардоштани маърифат ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ, ташаккули муносибати тоқатфарсо ба коррупсия дар ҷомеа хидмат мекунанд.

Тадқиқот нишон дод, ки аксарияти пурсидашудагон (83,2 фоиз) мавҷудияти коррупсияро дар кишвар эътироф мекунанд ва чунин мешуморанд, ки коррупсия ба самаранокии қарорҳои қабулкардаи мақомоти давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад, ба ҳолати маънавӣ ва ахлоқии шаҳрвандон, хусусан ҷавонон зарар мерасонад, эътимоди мардумро ба мақомоти давлатӣ ва адолат паст мекунад.

Мувофиқи маълумоти 32,4 фоизи иштирокчиёни пурсиш, муносибатҳои бештар паҳнгаштаи коррупсия дар соҳаи шуғли шаҳрвандон мебошанд. Иштирокчиёни пурсиш қайд карданд, ки роҳбарони ташкилотҳо ва шўъбаҳо, фирмаҳо ва корхонаҳо, новобаста аз шакли моликият, дар масъалаҳои таъиноти кадрӣ, аз кор озод кардан, ба кор қабул кардан ваколатҳои амалан номаҳдуд доранд, яъне эҳтимоли муносибати субъективӣ ва ҳолатҳои коррупсия ҷой доранд, ки дар гирифтани манфиатҳои моддӣ аз шахсе, ки барои кор муроҷиат мекунад, ифода мегардад.

Дар низоми тандурустӣ, ба гуфтаи 32,4 фоизи шаҳрвандон, коррупсия дар пешниҳоди хидматҳои пулакӣ ва иньомдиҳии ғайриқонунӣ ба табибон барои он хидматҳое, ки онҳо бояд ройгон пешниҳод кунанд, инчунин дар он, ки шифокорон доруҳои гаронарзишро ба беморон барои подош аз таъминкунандагон ё истеҳсолкунандагони маҳсулоти дорусозӣ тавсия медиҳанд, зоҳир мегарданд.

Дар ҷараёни пурсиш сеяки иштирокчиён қайд карданд, ки коррупсия дар системаи маориф васеъ паҳн шудааст. Шаҳрвандон алалхусус аз он дар изтиробанд, ки насли наврас ба соҳаи муносибатҳои коррупсионӣ шомил мешаванд, ки барои онҳо амалҳои коррупсионӣ ба як меъёри ҳаётӣ табдил ёфта, дар соҳаҳои дигар такрор мешаванд. Паҳншавии фасод дар муассисаҳои таълимӣ арзиш ва ормонҳои насли навро таҳриф мекунад.

Бо дарназардошти натиҷаҳои бадастомадаи омўзиши иҷтимоӣ идома додани татбиқи чораҳо дар соҳаи маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Мониторинги афкори ҷамъиятӣ нишон дод, ки шумораи ҳарчи бештари шаҳрвандон пурзўр намудани чораҳои ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳои коррупсионӣ ҳамчун омили самарабахши пешгирии чунин ҷиноятҳо зарур мешуморанд. Дар байни тадбирҳои дигари пешгирии коррупсия таҳия ва татбиқи системаи чорабиниҳои пешгирикунанда, аз ҷумла маҳдуд кардани ваколатҳои мансабдорон, назорати даромад ва хароҷоти тоифаҳои гуногуни ашхос, пешгирӣ ва фурў нишондани сўиистифодаҳои гуногун дар хидмат, инчунин ташаккули ҷаҳонбинии зидди коррупсия ва муносибати тоқатфарсо ба коррупсия дар ҷомеа, баланд бардоштани сифатҳои ахлоқӣ ва маънавии насли наврас ҷой доранд.

Ўзбекистониён дарк мекунанд, ки давлат, низоми ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти идоракунӣ ва назоратӣ метавонанд бо коррупсия дар ҳамкории зич ва бо дастгирии бевоситаи фаъолонаи ҷомеа ва институтҳои шаҳрвандии он самаранок мубориза баранд. Бинобар ақидаи пурсидашудагон, иштироки ҷомеа дар мубориза бо коррупсия метавонад ҳам дар мавқеи фаъоли шаҳрвандон барои ошкор кардани ҳолатҳои коррупсия ҳам дар назорати ҷамъиятӣ аз ҷониби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ифода карда шавад.

Дар ҷараёни пурсиш беш аз нисфи пурсидашудагон динамикаи мусбати мубориза бо коррупсияро дар соҳаҳои ҷудогона муайян қайд карданд. Ба гуфтаи ҳар як иштирокчии сеюм, дер ё зуд аксарияти мансабдорони фасодзада дар назди қонун ҷавоб медиҳанд ва барои ҷиноятҳояшон ҷазо мегиранд.

Ўзбекистониён интизор аст, ки фаъолияти Агентии мубориза бо коррупсия, ки моҳи июни соли 2020 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон таъсис ёфтааст, раванди муқовимат бо тамаъҷўӣ ва ришваситониро ба сатҳи нав мебарорад, ба барҳам додани сабабҳо ва шароитҳои зуҳуроти фасодӣ дар ҳама соҳаҳо мусоидат менамояд, мавқеи Ўзбекистонро дар рейтингҳои байналмилалӣ баланд мебардорад ва нуфузи кишварро дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам мекунад.

Тибқи натиҷаҳои пурсиш, тақрибан сеяки посухдиҳандагон аз кори ВАО қаноатманд мебошанд. Ба ақидаи шаҳрвандон, ба туфайли кори воситаҳои ахбори оммавӣ раванди мубориза бо коррупсия барои мардум ошкоротар шудааст, хабарҳо дар бораи боздошти мансабдорони фасодзада бо тавсифи ҳолатҳои парванда зудзуд ба амал меоянд, ки ин аз миқёси маъракаи зиддикоррупсионӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон, як қатор иштирокчиёни пурсиш чунин мешуморанд, ки ВАО-и ватанӣ ҳанўз далелҳои мушаххаси ошкор кардани мансабдорони фасодзадаро ба қадри кофӣ фаврӣ, шаффоф ва ошкоро равшан намекунанд ва инчунин оид ба сабабҳои амиқи чунин падидаи ҷиноятӣ, аз қабили коррупсия, пайдоиш, миқёс ва дурнамои мубориза амалан маводи таҳлилӣ пешниҳод намекунанд.

Умуман, аксари ҳолатҳои зуҳури коррупсия ва ришваситоние, ки иштирокчиёни пурсиш шахсан бо онҳо рў ба рў шудаанд, бо тамаъҷўӣ аз онҳо аз ҷониби мансабдорон бо истифода аз курсиҳои мансабӣ алоқаманданд. Аксар вақт, ба тамаъҷўӣ шаҳрвандоне, ки ба соҳибкорӣ ва фаъолияти инфиродии меҳнатӣ машғуланд, кормандони муассисаҳои давлатӣ, донишҷўёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёна дучор меоянд. Аксари пурсидашудагон дар чунин ҳолатҳо розӣ ҳастанд, ки барои ҳалли баъзе мушкилоти «муҳими» ҳалношуда ба шахси мансабдор пора диҳанд. Ҳамзамон, ҳар як иштирокчии даҳумини пурсиш посух дод, ки муроҷиат намудан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро афзал медонад. Баъзе пурсидашудагон намехоҳанд, ки рафтору кирдорашон ҷудо шуда истад ва роҳи ҳалли мушкилотро бо додани пора ба мансабдор ҳамчун «меъёри» рафтор муайян мекунанд.Тадқиқот нишон дод, ки чунин омил ба монанди муносибати таҳаммулпазир дар ҷомеа ба ҳалли мушкилот ба воситаи ришва додан ба мансабдорон монеаи рўзафзун дар решакан кардани коррупсия ва ришва мегардад. Ин аз зарурати идома додани корҳо дар самти паст кардани камтаҷрибагии иҷтимоӣ, ташаккули стандарти устувори рафтори зиддикоррупсионӣ ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва маданияти шаҳрвандон, хусусан ҷавонон шаҳодат медиҳад.

Ба ақидаи аксарияти иштирокчиёни пурсиш, дар стратегияи мубориза бо коррупсия, ки дар кишвар татбиқ карда мешавад, маҷмўи чораҳои пешгирикунандаи ҳамаҷониба нақши ҳалкунанда мебозад. Стратегияи мазкур метавонад сатҳи коррупсияро тавассути бартараф намудани заминаҳои зуҳури он, муайян ва кам кардани хавфҳои коррупсионӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, маърифати васеи зиддикоррупсионӣ ва ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионии аҳолӣ ба таври куллӣ коҳиш диҳад.

**Дар асоси маводи Маркази ҷумҳуриявии омўзиши афкори умум «Ижтимоий фикр» хабарнигори ЎзА О.ХАРЧЕНКО омода кард.**

## *Қабули сайёр*

# ЯГОН МУРОҶИАТ БЕ ҶАВОБ НАМЕМОНАД

Ба боғи истироҳати барқароркунии саломатии вилоят, воқеъ дар ноҳияи Самарқанд бо сарварии ҳокими вилоят Э. Турдимов ва ҷонишини мушовири Президент Алишер Усмонов, кормандони масъули прокуратураи генералӣ, Суди олӣ, як қатор вазорату кумитаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ, идораҳои минтақавӣ ва ғайра ташриф фармуданд. Дар қабули сайёр аз тамоми ноҳияҳои вилоят шаҳрвандон бо муаммоҳои худ омада, бо ҳокими вилоят ва дигар шахсони масъул суҳбат оростанд, аксар аризаву шикоятҳо дар ҳамон ҷо ба таври мусбат ҳаллу фасл шуданд.

– Сарвари кишварамон таъкид кард, ки "Халқ на ба идораҳои давлатӣ, балки идораҳои давлатӣ ба халқ хизмат кунанд" – гуфт дар оғози қабули сайёр муовини аввали мушовири Президент А.Усмонов. – Бо мақсади робита бо аҳолӣ, шунидани мушкилот ва ҳалли онҳо, дар саросари кишвар чунин қабули сайёр баргузор мегардад. Имрўз қариб 50 нафар шахсони масъули вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ва вилояти Самарқанд ташриф фармуданд. Мо дар тўли се рўз ба ҷойҳо рафта, муроҷиатҳои шахсони корафтодаро мешунавем ва дар чорчўбаи қонун ҳалли мушкилотро меёбем. Ягон муроҷиат бе ҷавоб намемонад.

Сипас, А.Усмонов ва ҳокими вилояти Самарқанд Э.Турдимов, инчунин роҳбарони масъули пойтахт шаҳрвандонро қабул карданд.

Хусусан, муовини раиси Суди Олӣ И. Муслимов ва судяҳои Суди Олӣ барои сокинони шаҳри Самарқанд, ноҳияҳои Пастдарғом ва Нуробод қабули оммавӣ баргузор карданд.

98 шаҳрвандро қабул карданд. Аз он ҷумла 21 муроҷиат дар ҷояш ҳалли худро ёфта, касоне, ки бо сабабҳои ночизе ба ҷазо маҳкум карда шуда буданд, аз ҷазо озод карда ва 14 шикоят аз рўи парвандаҳои маъмурӣ қонеъ гардонда шуданд.

27 шикоят барои баррасӣ дар Суди Олӣ қабул карда шуда, ба шикоятҳои боқимонда шарҳҳои дахлдори ҳуқуқӣ доданд.

Ҳангоми қабули сайёр як гурўҳ шаҳрвандон аз маҳаллаи Чандирободи ноҳияи Пастдарғом ба ҷонишини раиси Кумитаи роҳҳои автомобилгард О.Ҷумъаниёзов оид ба таъмири роҳҳои деҳот муроҷиат карданд. Пас аз баррасии масъала бо намояндагони минтақавии кумита, гузоштани шағал дар роҳи 400 метр дар кўчаҳои Ишонч ва Зулолбахт оғоз ёфт.

Собиқадори маориф, Аълочии таълими халқи Ўзбекистон Амина Шарофиддинова ба Алишер Усмонов дар бораи коҳиш ёфтани дарсҳои забони тоҷикӣ, бо савҳу хато чоп шудани китобҳои дарсӣ, тарҷума аз забонҳои ғайр ибрози фикр намуд. Инчунин ў таклиф кард, ки дар телевизиони Ўзбекистон канали пурраи тоҷикӣ ташкил шавад ва барои омўзгорон маҷаллаи махсус нашр ёбад.

Дар поёни қабул мо аз ҳокими вилоят Эркинҷон Турдимов доир ба таассуроташ пурсон шудем.

– Шоҳид шудед, ки мардум бо аризаву таклифҳои худ омаданд ва албатта мо ҳамаи онҳоро дар ин ҷо ҳал карда натавонистем. Лекин як қисми онҳо барои санҷиш ба идораҳои дахлдор ирсол гардиданд. Анъанаи қабули сайёр идома хоҳад ёфт, – гуфт ҳоким.

***

Дар байни онҳое, ки дар ин қабул ширкат мекарданд, ба 27 нафар пиронсол, ки солҳои зиёд умедвори гирифтани шаҳрвандии Ўзбекистон буданд, шиносномаҳо супорида шуд.

Ҳокими вилоят онҳоро бо ин рўзи хотирмон самимона табрик гуфт.

– Дар гузашта шаҳрвандӣ ба як нафар дар як сол дода мешуд. Агар вай ба кишвари мо хидмат карда бошад.Шахсони ҳуҷҷати шаҳрвандӣ надошта сертификати махсус доштанду ҳама вақт дар ҳама масъала ҳам ў ва ҳам оилааш сарсон буданд. Ҳоло дар тамоми гўшаҳои ҷумҳурӣ ҳуҷҷатҳои шаҳрвандӣ супорида мешаванд. Ин албатта нишонаи сиёсати одилонаи Президент мебошад. Бо гирифтани ин ҳуҷҷат ҳамаи шуморо боз як бори дигар табрик мекунам!».

– Ман дар Самарқанд зиндагӣ мекунам, фарзандон ва набераҳо дорам, аммо то имрўз шаҳрванди Ўзбекистон набудам. Имрўз, пас аз 26-сол, дар 60-солагӣ ба ман насиб шуд, ки шиноснома гирам. Ман барои ин аз Президент миннатдорам, – гуфт яке аз иштироккунандагони ҷанги Афғонистон С.Азиммуродов.

– Соли 1993 мо аз Тоҷикистон ба Самарқанд омада будем. Аммо пас аз 27-соли интизорӣ ман ҳам ҳуҷҷати шаҳрвандии Ўзбекистонро мегирам, – мегўяд Маҳбуба Неъматова. – Ман ҳамчун эҷодкор кўшиш ба харҷ медиҳам, ки бо эҷоди худ барои гул-гул шукуфтани кишвари ҷонаҷонам хидмат кунам.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
**Шаҳзод КЕНҶАЕВ.**

# ҚОНУН «ДАР БОРАИ ҲУҚУҚИ ШАХСОНИ НОГИРОЙ ДОШТА» ЧӢ ГУНА ИМКОНИЯТҲОРО ФАРОҲАМ МЕОРАД?

***Дар ҷамъомади умумии ҳафтуми Сенати Олий Маҷлис сенаторон Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи ҳуқуқҳои шахсони маъюбӣ дошта»-ро тасдиқ карданд. 15 октябр сарвари давлат ба Қонуни мазкур имзо гузошт.***

Бояд қайд кард, ки дар мамлакати мо масъалаҳои таъмини шаъну шарафи инсон, хусусан шахсони маъюбӣ дошта, доимо дар маркази диққат қарор доранд ва барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо чораҳои муайян андешида мешаванд.

Қонуни мазкур ҳуқуқҳои шахсони маъюбӣ доштаро ба танзим медарорад, фароҳам овардани имкониятҳои баробарро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва истисно кардани поймолкунии ҳуқуқро аз рӯи нишонаи маъюбӣ пешбинӣ менамояд ва ба эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон асос ёфтааст.

Ғайр аз ин, дар санад чунин принсипҳо, аз қабили эҳтироми шаъну эътибори шахсони маъюбӣ дошта, мустақилияти шахсии онҳо, озодии интихоб, роҳ надодани ба поймолкунии ҳуқуқ оид ба нишонаи маъюбӣ, баробарии имкониятҳо дар татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон, эҳтироми қобилиятҳои инкишофёбандаи кӯдакони маъюб ва ҳуқуқи онҳо барои ҳифзи фардияти онҳо, ташкили иншоот ва хидматҳо дар ҳолати қулай барои шахсони маъюбӣ дошта, ҷалби шахсони маъюбидошта ба ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа ва давлат пешбинӣ шудааст.

Қонун инчунин ҳуқуқи шахсони гирифтори маъюбиро ба манзил тақвият медиҳад. Пеш аз ҳама, ба таври возеҳ муқаррар карда шудааст, ки давлат ба шахсони маъюбӣ дошта имконият фароҳам меорад, ки ба барномаҳои давлатӣ ва махсуси сохтмони манзилҳо дастрасӣ пайдо кунанд. Ҳангоме ки мақомоти иҷроияи маҳаллӣ рӯйхати шаҳрвандони ба манзил эҳтиёҷдоштаро ё беҳтар кардани шароити манзилро тартиб медиҳанд, шахсони маъюбӣ дошта ва оилаҳое, ки шахсони маъюб доранд, ба рӯйхати алоҳида дохил карда мешаванд.

Ба шахсони маъюбӣ дошта ва оилаҳое, ки шахсони ногиро доранд, ҳуқуқи гирифтани қитъаҳои замин бо шартҳои имтиёзнок барои сохтмони манзили инфиродӣ, пеш бурдани хоҷагии ёрирасон ва боғдорӣ дода мешавад. Ғайр аз ин, ҳангоми тақсим кардани манзил ба шахсони маъюбӣ дошта, дар сурати имкон, манзил дар наздикии ҷои кор, муассисаҳои табобатӣ ва баркорорсозӣ бо риояи принсипи дастрасии иншоот ва хидматҳо дода мешавад.

Ҳамзамон, давлат ба шахсони маъюбӣ дошта барои амалигардонии ҳуқуқҳои худ барои гирифтани маълумот кафолат медиҳад ва шахсони маъюбӣ доштаро дар форматҳои дастрас ва бо истифодаи технологияҳое, ки шаклҳои гуногуни маъюбиро ба назар мегиранд, иттилоот таъмин менамояд, ки барои оммаи васеъ пешбинӣ шудааст.

Ғайр аз ин, театрҳо, музейҳо, кинотеатрҳо, марказҳои иттилоотӣ ва китобхонаҳо ва марказҳои захираҳои иттилоотӣ, боғҳои фарҳанг ва фароғат бояд барои истифодаи шахсони маъюбӣ дошта дастрас бошанд.

Мақомоти давлатӣ якҷоя бо ташкилотҳои ғайритиҷоратию ғайридавлатӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятии шахсони маъюбӣ дошта ҳамасола барномаҳои фароҳам овардани шароит ва ҷалби шахсони маъюбӣ доштаро ба шуғли варзиш таҳия ва амалӣ мекунанд. Қонун инчунин рушди маърифати фарогирро барои шахсони маъюбӣ дошта тавассути фароҳам овардани шароити зарурӣ барои дастрасӣ ба таҳсил дар тамоми муассисаҳои таълимӣ пешбинӣ менамояд.

Ҷанбаи дигар. Тибқи Қонун, шахсони маъюбӣ дошта ҳуқуқ доранд, ки ба мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо ба таври инфиродӣ ё дастаҷамъӣ муроҷиат кунанд. Ин ҳуқуқ истифодаи забони имову ишора ва хидматҳои сурдотарҷумаро пешбинӣ мекунад.

Тибқи Қонун фаъолияти комиссияҳои экспертии тиббӣ ва иҷтимоӣ такмил дода шудааст. Муоина дар давоми 10 рӯз аз санаи гирифтани ҳуҷҷатҳои тиббӣ ройгон аст.

Ғайр аз он, Қонун муқаррар кардааст, ки эътирофи шахсони маъюбӣ доштаро комиссияҳои экспертии тиббию иҷтимоӣ, кӯдакони то ҳаждаҳсоларо — комиссияҳои коршиносонии тиббию иҷтимоии кӯдакон амалӣ мекунанд. Давлат бо мақсади рушд ва ташкили истеҳсоли маҳсулоти муосири протезӣ-ортопедӣ ва воситаҳои техникии баркорорсозӣ ба рушди соҳаи баркарорсозӣ мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, соҳибони меҳмонхонаҳо вазифадоранд ҳадди ақалл як ҳуҷраро барои маъюбон, ки аз аробачаҳо истифода мебаранд, муҷаҳҳаз кунанд, инчунин насби дисплейҳо ва дастгоҳҳои садоиро барои эълонҳо, ки ниёзҳои шахсони дорои нуқсонҳои шунавоӣ ва биноиро қонеъ мекунанд, таъмин кунанд. Қонун се моҳ пас аз интишори расмӣ эътибор пайдо мекунад.

Хулоса, Қонуни мазкур барои шахсони маъюбӣ дошта барои истифодаи имтиёзҳое, ки дар кишвар фароҳам оварда шудаанд, имконият фароҳам меорад.

**Маҳмудҷон ПАРПИЕВ,**
**муовини раиси Кумитаи Сенати Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои илм, маориф ва нигаҳдории тандурустӣ.**



Дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандии ноҳияи Кӯштеппаи вилояти Фарғона ҶММ «Граф-текстил» ба фаъолият пардохт. Дар корхонае, ки ба истеҳсоли маҳсулоти трикотаж барои бачаҳо махсусонда шудааст, 90 нафар занону духтарон ба кор таъмин шудаанд. Назар ба таъкиди роҳбари корхона Илҳом Акбаров, дар ин ҷо дар асоси талаботи бозори дохиливу берунӣ амалиёти истеҳсолӣ ба роҳ гузошта шудааст. Хусусан, футболка, курта ва свитерҳо бо сифати баланд ба фармоишгарон манзур мегардад. Алҳол маҳсулоти корхона ба Русия экспорт карда мешавад.

***Дар сурат:*** *дар ҶММ «Граф-текстил»-и ноҳияи Кӯштеппа.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

**Имтиёзот барои собиқадорони ҳарбӣ**

# Масъалаҳои ҳалталаб муҳокима гардиданд

***Дар шуъбаи корҳои мудофиаи ноҳияи Чуст бо ташаббуси сардори қисми молиявӣ-хоҷагии идораи мазкур Равшанбек Қурбонов дар боби чунин масъалаҳо ҷамъомади навбатии собиқадорони ҳарбӣ барпо гардид. Ба тадбир раиси шӯрои собиқадорони ҳарбии вилояти Намангон Ҳасан Хидиров расми кушоиш бахшида, таъкид намуд, ки то ин вақт чунин чорабинӣ дар чанде аз ноҳияҳои вилоят гузаронида шуданд. Акнун навбат ба Чуст расид.***

Хидиров қайд кард, ки дар ҷамъомад масоили ҳифзи сиҳатии собиқадорони ҳарбӣ, таъминоти онҳо бо нафақа ва манзили зист муҳокима карда мешаванд. Пешбинӣ шудааст, ки собиқадороне, ки 20 сол ва беш аз он хидмати ҳарбиро адо намудаанд, новобаста аз рутбаи ҳарбиашон метавонанд дар госпитали ҳарбӣ, аз рӯйи имтиёз, бепул сиҳатии худро беҳтар намоянд. Кулли собиқадороне, ки 25 сол ва аз он зиёд хидмати ҳарбиро ба иҷро расондаанд, худашон ва ҳам аҳли оилаашон дар госпитали ҳарбӣ бепул муолиҷа гирифта метавонанд.

Боз як масъала ҳал гардид – минбаъд собиқадорони ҳарбӣ дар осоишгоҳи имтиёзноки Вазорати мудофиа саломатии худро мустаҳкам хоҳанд кард. Танҳо аз нафақахӯрон дархост карда мешавад, ки онҳо дар бораи муддати хидмати ҳарбии адокардаашон маълумотномаро аз шуъбаи корҳои мудофиаи ноҳия ба муассисаи ҳарбии тиббӣ қаблан бояд пешниҳод кунанд. Оид ба ислоҳоти таъминоти нафақаи собиқадорон фикру мулоҳизаҳо ба Вазорати мудофиа ирсол гардида буданд. Боз дар ин масъала пешниҳодҳо ба қайд гирифта шуданд. Ба собиқадороне, ки бо баъзе сабабҳо дар давоми хидмати ҳарбӣ бо манзили зист таъмин нагардидаанд, дар асоси аризаашон ба шуъбаи корҳои мудофиаи ноҳия барои сохтмони ихтиёрии хонаю ҷой қитъаи замин ҷудо карда ё манзили зист дода хоҳад шуд. Хидматчиёни ҳарбие, ки дар асрои иҷрои ӯҳдадории ҳарбӣ маъюб шудаанд, мувофиқи гурӯҳҳои I, II ва III нафақа мегиранд ва аз имтиёзҳо истифода мебаранд. Ба фарзандони хидматчиёни ҳарбие, ки ҳангоми адои ӯҳдадории ҳарбӣ ҳалок гардидаанд, то ба воя расидан ва дар даври таҳсил дар мактаб, муассисаҳои таълими махсус ва олӣ барояшон кӯмакпулӣ дода мешавад.

Аз моҳи январи соли гузашта собиқадорони ҳарбие, ки дар муассисаҳои таълимӣ ё дар дигар соҳаҳо фаъолияти меҳнатӣ мебаранд, нафақаи хидматиашонро ҳар моҳ пурра гирифта истодаанд. Аз ҷониби шуъбаи вилоятии ҳизби либералӣ-демократӣ 15 нафар собиқадорони ҳарбӣ таҳсил гирифтанд, ки фаъолияти соҳибкориашонро пеш баранд. Ҳизб омода аст, боз собиқадорони ҳарбие, ки хоҳиши соҳибкор шудан доранд, имконияти бепул таҳсилгирии онҳоро таъмин намояд. Дар оянда собиқадорони ҳарбие, ки нияти ба сафари ҳаҷ рафтан доранд, идораи корҳои мудофиа барои ба онҳо ҷой ҷудо кардан кӯмак мерасонад.

Сардори шуъбаи молия ва иҷтимоии Садорати корҳои мудофиаи вилояти Намангон Шуҳрат Расулов шарҳ дод, ки барои фарзандони ноболиғи собиқадорони ҳарбӣ кӯмакпулӣ дода мешавад. Агар собиқадор дар ягон муассиса ё корхона меҳнат кунад, кӯмакпулӣ боздошта хоҳад шуд. Собиқадор ӯҳдадор аст, ки дар хусуси ба меҳнат шурӯъ карданаш ба шуъбаи корҳои мудофиа хабар расонданаш шарт аст, вагарна ӯ ба ҷавобгарӣ кашида ва маблағи додашуда ситонда мешаванд.

Дар давоми тадбир иштирокчиён бо фотоалбом ва дастуруламалҳое, ки фаъолияти шӯрои собиқадорони ҳарбии вилоятро акс намудаанд, шинос шуданд.

**Ш.МИРЗОЕВ,**
**собиқадори ҳарбӣ.**

# ЭЪТИБОР БА ҶАВОНОН ВА БОНУВОН

***Моҳи октябри соли ҷорӣ таҳти раисии Президент доир ба муҳокимаи чораҳои баланд бардоштани нақши бонувону ҷавонон дар ҷамъият ва таъмини онҳо бо шуғл ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардида буд. Дар он оиди масъалаҳои занону духтарон ва ҷавонон ҷорӣ кардани сохтори нав таъкид ёфт.***

Инчунин бо мақсади дастгирии иҷтимоии аҳолӣ тартиб додани рӯйхати оилаҳои ба кӯмаки моддӣ мӯҳтоҷ ва дар доираи ҳар маҳалла ташкил намудани «Дафтари ҷавонон» ва «Дафтари бонувон» таъкид гардида буд. Ба он «дафтарҳо» рӯйхати ҷавонон ва занону духтарони бекор, ки ба дастгирии иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, психологӣ эҳтиёҷманд ва ба донишу касбомӯзӣ иштиёқ доранд, дохил карда мешаванд.

Дар ноҳияамон низ аз рӯйи иҷрои вазифаҳои пешбинишуда корҳои ҷолиби диққат ба амал бароварда мешавад. Бо ҳамкории ҳокимият, корхона ва муассисаҳои дахлдор ва фаъолони маҳаллаҳо фаъолияти гурӯҳҳои корӣ ба роҳ монда шудааст. Дар 77 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо хона ба хона гашта, муаммоҳои ҷавонон, духтарону занон омӯхта, рӯйхати онҳо ба «Дафтари ҷавонон» ва «Дафтари бонувон» қайд карда мешавад.

Дар ин бора дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои Чиғаноқ, Юксалиш ва Яккатути ноҳияамон корҳо дуруст ба роҳ монда шудааст.

**Тӯлқинҷон ЭРМАТОВ,**
**мудири шуъбаи маҳалла ва дастгирии оилаи ноҳияи Попи вилояти Намангон.**

# БО МОШИНИ ДАРЗДӮЗӢ ТАЪМИН ГАРДИДАНД

***Дар кишвар бобати омӯхтан ва ҳал кардани мушкилоти занону духтарон, дастгирии моддӣ ва маънавии онҳо, таъмини шуғли бонувон чорабиниҳои мақсаднок амалӣ мегарданд. Аз ҷумла, аз тарафи гурӯҳи кории махсуси ҷумҳурӣ доир ба ҳифзи иҷтимоии оилаҳои ниёзманд, бо кори доимӣ фаро гирифтани духтарон, ҳалли муаммоҳои мавҷудаи онҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Самарқанд корҳои омӯзишӣ гузаронида шуд.***

Аъзои гурӯҳи корӣ хона ба хона гашта, вазъи 5305 оилаи камбизоат, ба ҳифзи иҷтимоӣ мӯҳтоҷ ва нооромии 1096 маҳалларо омӯхтанд. Дар рафти омӯзиш 6478 эҳтиёҷманд аниқ гардид. 39 фоизи муроҷиатҳо оиди таъмин бо хонаву ҷой ва таъмир кардани манзили истиқоматӣ, 4,5 фоиз доир ба беҳсозии саломатӣ, 37 фоиз оиди ёрии моддӣ, 8 фоиз доир ба таъмини шуғл ва дигар масъалаҳо вобаста буданд.

Бо мақсади таъмини шуғл ба 3 нафар зан бо маблағи 15 миллион сӯм гармхонаҳо бунёд, ба 12 нафар бонувони оилаҳои ниёзманд бо маблағи 71 миллион сӯм чорвои калони шохдор супорида шуд ва шуғли онҳо таъмин гардид. Ғайр аз ин, ба 1 нафар барои кушодани сартарошхона, ба 2 нафар барои хариди таҷҳизоти пазандагӣ ёрии амалӣ расониданд ва бо мақсади беҳсозии шароити рӯзгори як гурӯҳ бонувон ба 22 нафар мошини ҷомашӯӣ, ба 41 нафар плитаи газ, ба 30 нафар баллони газ, ба 4 нафар телевизор ва ба 4 нафар яхдон тақдим гардид.

Инчунин, дар асоси рӯйхатҳое, ки доир ба пешниҳоди хизмати тиббӣ ва ёрии моддӣ тақдим гардидааст, ба 136 нафар занон карточкаи пластикӣ кушода, 314,3 миллион сӯм маблағ гузаронида мешавад.

Бо мақсади бунёди хонаву ҷойи нав барои шаҳри Самарқанд 574,3 млн. сӯм ва барои ноҳияи Каттақӯрғон 514,6 млн. сӯм ҷудо карда шуд.

Бино ба ҳолати имрӯза аз 9 млрд. маблағи молиягузоришуда ёрии моддии 4,4 миллиард сӯмина амалӣ гардид. Ба маблағи боқимонда, ки 4,6 млрд сӯм мебошад, боз корҳо иҷро мегарданд.

Ҳангоми таҳияи лоиҳаи барномаи иҷрои корҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят татбиқи лоиҳаҳои бузург ба назар гирифта нашудааст. Барои созмони ҷойҳои нави корӣ аз рӯйи 24 самт таклифҳо қабул карда шуд ва нақшаҳои тиҷоратӣ таҳия гардид.

Бояд гуфт, ки барои ташкили ҷойи кории доимӣ барои занону духтарон нақшаи тиҷоратӣ ба гурӯҳи корӣ пешкаш карда мешавад. Ба соҳиби лоиҳаи нақшаи тиҷоратие, ки гурӯҳи корӣ маъқул медонанд, дар асоси тартиби муқаррарӣ аз тарафи Иттиҳоди ташкилотҳои иттифоқи касабаи вилоят маблағ ҷудо карда мешавад.

Бо супориши сарвари мамлакат таҳти ташаббуси раиси Федератсияи Иттифоқи касабаи Ӯзбекистон «Телефони боварӣ»-и гурӯҳи кории ҷумҳурӣ доир ба омӯхтан ва ҳал кардани муаммоҳои занону духтарон, татбиқи чорабиниҳо бобати дастгирии моддиву маънавии онҳо бо рақами кӯтоҳи 1211 ташкил карда шудааст.

Инак, беш аз се моҳ аст, ки «Телефони боварӣ» амал мекунад ва дар ин муддат беш аз ҳазор муроҷиат ба рӯйхат гирифта шуд.

Бо мақсади сари вақт ҳал кардани ҳар муроҷиати шаҳрвандон дар ҳокимияти вилоят штаб ташкил карда шудааст. То ҳол ҳар як муроҷиат ва муаммои занону духтарон аз рӯйи дахлдорӣ якҷоя бо мутасаддиён ҳал карда мешавад. Дар байни муроҷиатҳо, мушкилиҳое низ ҳастанд, ки барои ҳалли онҳо вақт лозим аст. Чунин ҳолатҳо зери назорат гирифта мешаванд. Ба шаҳрвандоне, ки ба ёрии ҳуқуқӣ ниёз доранд, аз тарафи мутахассисон ёрии амалӣ расонида мешавад.

Масалан, сокини маҳаллаи Чартеппаи ноҳияи Ургут Мунаввара Рауфова ба «Телефони боварӣ» занг зада, муроҷиат кард, ки боми хонааш лойпӯш аст ва ҳангоми боришот аз шифти он об мечакад. Шаҳрванд барои харидани шифер ёрии амалӣ пурсид. Вазъи рӯзгори муроҷиаткунандаро омӯхта, тамоми масолеҳи зарурӣ, инчунин, ду дар ва ду тиреза расонида шуд.

Сокини маҳаллаи Буюк Тӯрони ноҳияи Пастдарғам Анора Рӯзимуродова низ ба мо муроҷиат карда, аз ногувории рӯзгори худ шикоят кард. Ҳангоми омӯзиш аён гардид, ки ин зан ду нафар фарзанди ноболиғи худро танҳо нигоҳубин мекунад. Хонаи истиқоматии вай аз ду ҳуҷра иборат буда, ба таъмир ниёз дорад. Бинобар ин, маблағи зарурӣ ҷудо гардида, ҳоло дар хонаи ӯ таъмирсозӣ давом дорад.

Ҳангоми таҳлили муроҷиатҳо ба чунин хулоса меоем, ки дар ҷойҳо ба муроҷиаткунандагон ба таври гуногун муносибат менамоянд. Яъне тафовутҳо назаррасанд. Баъзе роҳбарон бо дарди халқ кор доранд. Аммо дар баъзе ҳудудҳо лоқайдии мутасаддиён мушоҳида мешавад.

**Суҳроб РАФИҚОВ,**
**депутати Шӯрои намояндагони халқи вилояти Самарқанд.**

**ЁДБУД**

# ЯКЕ АЗ АХТАРОНИ ОСМОНИ АДАБ

Ба дунболи дарс будам, ки Масруриҷон занг заду гуфт: «Баҳманёр ҳам рафт...» Нависандае даргузашт, ки аз даврони донишҷӯӣ ҳар навишторашро мисли ташнае, ки ҷӯйи об аст, меҷустему меёфтему мехондем...

Адибе, ки ҳазор-ҳазор хонанда, маҳбубияти хосса миёни ошиқони каломи бадеъ дошт... Нависандаи тозагӯву тозаназар, бо тасвирҳои рамзиву шартиаш зиндагиро аз равзанае ба мо менамуд, ки қаблан ба он равзана дастрасӣ надоштем. Кайҳонеро дар деҳаи хурде таҷассум мекард... Ҳунари волои устурасозӣ дошт... Гарчи турбати покаш дар пантеони миллӣ раҳ наёфт, дар қалби мардум ёду хотироти некаш сахт ҷо гирифта... Мазораш дар синаҳои мардум хоҳад буд... Бузурге гуфта, ки зиндагӣ чун саҳнаи театр аст, чӣ қадар намоиш давом мекунад, аҳамияте надорад, муҳим ин аст, ки ҳунарпеша чӣ нақши хотирмоне меофарад. Баҳманёр ҳам дар театри зиндагӣ нақше офариду рафт, аммо чӣ нақши зебое...

Солҳои дар телевизион кор карданам барномаҳои адабӣ омода мекардам ва баъди хондани романи «Ғавғо ва ғазаб» ва ду маҷмӯаи адиби маъруфи амрикоӣ, барандаи Ҷоизаи Нобел дар соли 1949 – Вилям Фолкнер хостам роҷеъ ба ин нависандаи воқеан ҳунарманд, барномае созам. Қабл аз ин, суҳбати ҷолибе бо Абдуқодири Рустам оид ба эҷодиёти адиби машҳури ҷопонӣ Акутагава доштам ва одамони зиёде занг зада, таассуроти неки хешро баён намуданд. Аз таассуроти бисёр касони мафтуни адабиёти асил хулоса кардам, ки маҳз осори адибони навгарову навҷӯ таваҷҷӯҳи ононро ба худ мекашад.

Бо устод Баҳманёр дар ин мавзӯъ суҳбат кардем. Тақрибан якуним соат. Пурсукови банда қабл аз ин суҳбат ва баъди он дар ҳайратам гузошт: Баҳманёр анқариб тамоми осори ин нависандаро, ки аз якчанд маҷмӯа иборат аст, хонда будаанд... 19 роман танҳо аз як адиб! Қабл аз ин ҳам огоҳ будам, ки Баҳманёр хеле сермутолиа буда, аз осори нависандагони зиёди равияҳои нав огоҳ аст...

Аз суҳбати нахуст дарёфтам, ки чун ҳама эҷодкорони асил як навъ «якравӣ» дорад: бастани галстукро рад кард... «Бе ин ҳам дасти зиндагӣ дар гулӯям аст, боз ин чӣ лозим...» Дубора хоҳиш кардам, посух қатъӣ буд: ё ман ё галстук... (Намедонам, ҳоло чӣ вазъе бошад, вале он



солҳо бастани галстук дар телевизион ҳатмӣ буд...) Ҳамин тавр гузаштем аз баҳри галстук ва нишастем рӯ ба рӯ...

Қадри зар заргар бидонад, гуфтаанд. Аз он суҳбат ва гуфтугӯҳои баъдӣ дарёфтам, ки Баҳманёр ба осори нависандагоне таваҷҷӯҳ дорад, ки воқеан кашшофи розҳои одамианд ва ҳаётро ба гунае дигар тасвир мекунанд. Ҳамон тавре ки Ҷон Олдриҷ дар ҳаққи Фолкнер гуфтааст: «Ӯ танҳо буду дар танҳоӣ эҷод мекард, мисли як боғбон. Ончунон бо муҳаббат эҷод мекард, ки осораш тахайюли миллионҳо одамони соҳибандешаро то кунун таҳрик мебахшад...»

Баҳманёр ҳам чунин эҷодкор буд. Фикр намекунам, ки эҷодиёташ куҳнагӣ пайдо кунад... На, замону макони бадеии Баҳманёр садҳо сол ҳам ҳамон гунае хоҳад буд, ки имрӯз ҳаст. Нақшҳои ҳунариаш мондагоранд. Гарчи таърих хислати софкорӣ дорад, кам адибоне аз як қарн ба қарни дигар мегузаранд... Асри XI чаҳорсад шоири соҳибдевонро медонад, вале имрӯз, ба ҷуз се-чор нафар дигаронро танҳо мутахассисони нақд ба ёд меоранду бас...

Баҳманёр дар радифи нависандагони дорои сабки хос (фаразан, Муҳаммадзамони Солеҳ, Муаззама, Сайф Раҳимзод, Абдуқодири Рустам, Аброри Зоҳир ва дигарон) қарор дорад, ки эҷодашон ҳам аз сарчашмаи мусаффои адаби классикӣ ва ҳам равияву ҷараёнҳои тозаи адаби ҷаҳонӣ маншаъ гирифтааст. Образнок гӯем, инҳо ҳар яке барои худ як воҳаи сабзу хуррамеро дар сарзамини насри бадеии тоҷикӣ ба вуҷуд овардаанд ва рангорангии насри муосири мо, қаробати маънавӣ ва ҳунарӣ пайдо кардани ин наср ба насри классикии форсии тоҷикӣ аз шарофати тозаҷӯиҳои онҳост.

(Давомаш дар саҳ.5).

***Сафири Ӯзбекистон дар Австрия Абат Файзуллоев эътимодномаи худро ба Котиби масъули Созмони Аҳдномаи манъи озмоиши ҳамаҷонибаи ядроӣ (САМОҲЯ) Лассина Зербо ҳамчун намояндаи доимии ҷумҳурӣ дар назди ин сохтори байналмилалӣ супурд.***

# КОТИБИ ИҶРОИЯИ САМОҲЯ ТАШАББУСИ ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОНРО ПУШТИБОНӢ КАРД

Зимни мулоқот Лассина Зербо қайд кард, ки ӯ аз дигаргуниҳои мусбате, ки дар Ӯзбекистон ба амал меоянд ва ислоҳоти босуръате, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев ба амал бароварда мешаванд, хуб огоҳ аст. Вай таъкид кард: ба динамикаи ҳамкориҳо баҳои баланд медиҳад, ки ба шарофати он ҳамкории Маркази миллии маълумоти Ӯзбекистон бо Маркази байналмилалии САМОҲЯ дар Вена тақвият меёбад.

Котиби иҷроияи САМОҲЯ гуфт: ният дорад, ки имкони расонидани кӯмаки техникиро дар таҳкими Маркази иттилооти миллии Ӯзбекистон, фиристодани мутахассисони Ӯзбекистонро барои таҷрибаомӯзӣ ба марказҳои пешрафтаи ҷаҳон ва ҷалби васеи онҳоро ба чорабиниҳои таҳти сарпарастии созмон баррасӣ кунад.

Нақши махсуси Ӯзбекистон дар ташкили минтақаи аз силоҳи ядроӣ озод дар Осиёи Марказӣ қайд карда шуд. «Таҷрибаи беназири офаридани он, ки дар Ӯзбекистон ғанӣ шудааст, бешубҳа сазовори таваҷҷӯҳ ва тарғиб аст» — гуфт роҳбари ташкилот.

Лассина Зербо ташаббуси нави Президенти Ӯзбекистонро дар бораи баргузор намудани форуми байналмилалии коршиносон оид ба бесилоҳсозии ядроӣ ва ташкили минтақаҳои аз силоҳи ядроӣ холӣ, ки 29 октябри соли 2020 ҳангоми суханронии сарвари давлат дар Форуми байналмилалии ҳамкории шимолии иқтисодӣ изҳор карда шуд, пуштибонӣ кард. Инчунин омодагии ташкилотро барои расонидани кӯмак дар баргузории ин чорабинӣ ва иштирокаш дар сатҳи баландтарин қайд кард.

*ВЕНА.*

**АИ «Дунё».**

**Арзишҳо**

# БОЗ ОИДИ ИСРОФКОРӢ

Ҳамаи мо то чӣ андоза азиз будани нонро хуб медонем, аммо бештар фаромӯш мекунем, ки аз хӯроквориҳо бисёртар нонро исроф мекунем. Дур наравем, дар меҳмондорӣ, тӯю маъракаҳо нонро бисёр пора мекунем. Дар натиҷа баъди маъракаҳо халта-халта нонпораҳо боқӣ мемонад. Ҳеҷ кас дар зиёфатҳо намегӯяд, ки биёед нонро мувофиқи истеъмоламон шиканем, исроф накунем, уболаш мегирад. Дар ошхонаю чойхонаҳо барои нонпораҳои боқимонда қуттиҳои махсус ҳаст. Бегоҳӣ одамони алоҳида нонпораҳоро бо пасмондаи хӯрок гирифта бурда ба чорвояшон медиҳанд. Ба онҳо чӣ қадар нонпора бисёр бошад, ҳамон қадар хуб аст. Агар дар чойхона ва ошхона нони баъди тановул зиёдатӣ мондаро бо ҳам гирем, атрофиён бо тааҷҷуб менигаранд, ё ки механданд, ҳол он ки ин нони мост.

Имрӯз муаммои нону хӯроквори дар миқёси дунё мавҷуд аст, дар рӯи замин як қисм одамон гурусна ва ё нимгурусна умр ба сар мебаранд.

Сарвари давлатамон барои бо озуқаворӣ таъмин кардани аҳолӣ чораҳои судбахш андешида истодааст. Мо бошем, дар базму зиёфатҳои пурдабдабаи худ ба исрофкориҳо роҳ дода истодаем. Оё солҳои аввали истиқлолият барои орду нон дар дӯконҳои савдо дар навбат истоданро фаромӯш кардем? Имрӯз шукри Худо, ки дар мағозаҳоямон хелҳои гуногуни орду нони босифат мавҷуд.

Ривоят мекунанд, ки Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд дар растаи бозор мегашт, шахсе ба назди аллома омада савол медиҳад, ки шайх, шумо чӣ тавр дар муддати кӯтоҳ соҳиби мартабаи баланд гардидед? Хоҷа Баҳоуддин ҷавоб медиҳанд: «Ман ҳеҷ гоҳ нонреза накардам, нонпораҳоро чида мехӯрдам».

Имрӯз, мо бояд ба қадри ҳар бурда нон, ба қадри ҳар як сӯм расем. Тӯю маъракаҳоро хурд, оддӣ, камхароҷот гузаронем. Бахт дар тантанаҳои боҳашам нест, дар хоксорию хотирҷамъист.

**Назирҷон ЭРГАШЕВ,**
*вилояти Намангон.*

Тандурустӣ

## Чорабинӣ дар поликлиника

**Поликлиникаи оилавии рақами 31-уми ноҳияи Юнусободи шаҳри Тошканд ба ҳашт маҳалла хидмати тиббӣ мерасонад.**

Дар рӯзҳои пандемия духтурону ҳамшираҳои ин муассисаи табобатӣ муроҷиати беморонро интизор нашуда, то имкон ҳаст ба хонадонҳо мебароянд, аз аҳволи сокинон хабар мегиранд, аз байни 34 ҳазор нафар аҳолӣ, хусусан, солимии шахсони синнашон аз 65 болоро таҳти назорати доимӣ қарор медиҳанд.

Дар ин маскан ба муносибати 14 ноябр – Рӯзи байналхалқии муҳофизат аз деабет чорабинӣ бо иштироки аҳолии синнашон аз 40 боло баргузор гардид. Дар бораи пешгирии ин беморӣ, тарзи муолиҷа, асоратҳое, ки диабети қанд мегузорад, маълумот дода шуд.

Дар бораи озуқаворие, ки ба ратсиони таомҳо дохил шуда ва парҳезӣ ҳисоб меёбанд низ сухан ба миён омад. Маслиҳат дода шуд барои напечидан ба ин дард дар навбати аввал бояд ба тарзи солими зист ва тановули дуруст риоя кард.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Дар хонаи шафқати рақами 1-уми ноҳияи Хӯҷайлии Қароқалпоқистон наздик ба 130 нафар кӯдакони бепарастор, фарзандони оилаҳои камтаъмин тарбият меёбанд. Дар ин ҷо барои таълиму тарбия, ҳунар омӯхтан, мунтазам машғул шудан ба эҷод ва навъҳои варзиш ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст.*

*Ба наздикӣ як гурӯҳ ҷавонон иборат аз вакилони шӯроҳои марказии Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон ва Қароқалпоқистон дар хонаи шафқат ба шароитҳое, ки дар ин ҷо офарида шудаанд, аз наздик шинос шуданд. Дар давоми ташриф онҳо ба хурдтаракон туҳфаҳои хотиравӣ тақдим намуданд.*

***Дар сурат:** хонаи шафқати рақами 1-уми ноҳияи Хӯҷайлии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон.*

***Суратгир: М.ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

Дар мавзӯи рӯз

# БЕМОРИРО РУСТ КУНӢ...

Дар хона субҳ сари дастурхон барои ношто нишастанӣ будам, ки садои занги дар баланд шуд. Дарро кушодам. Пушти он ҳамсояамон – Фозилҷон меистод. Вай хабар дод, ки шаб ҳамсари Маннобака фавтидааст. Хонаи Маннобака дар ошёнаи якуми хонаи рӯ ба рӯи мост.

Ҷои фикр кардан набуд. Ношторо мавқуф гузоштаму тағйири либос намуда, рӯи ҳавлӣ баромадам. Дар саҳни ҳавлии хонаи ҳамсоя аллакай наздикони майит ҷомаи сиёҳ дар бар бо сари хам қатор меистоданд. Дар байнашон Маннобака низ буд.

Тибқи қоидаҳои карантин ду даст пеши бар ба Маннобака изҳори тасаллият намудам. Маълум шуд, ки завҷаи ӯ қариб понздаҳ рӯз боз дар бемористон бистарӣ будааст ва бо вуҷуди талошҳои зиёди духтурон шабонгоҳ риштаи ҳаёташ канда шудааст.

– Роҳи нафасаш шамол хӯрдааст, гуфта вайро ба бемористон хобондем. Гумон кардем, ки баъди муолиҷаҳои пай дар пай шифо хоҳад ёфт. Аммо бемории илтиҳоби шуш ба вай сироят намудааст. Камтар аз бемории қанд низ шикоят мекард. Ин ду беморӣ як шуда, оқибат ҳамсарамро аз мо ҷудо кард, – бо чашмони ашколуд гуфт Маннобака.

Ба гуфтаи ӯ ҳамсарашро мошини махсус ба ин ҷо меорад ва баъди адои намози ҷаноза ӯро ба хок месупоранд. Вақте ки ҳамсари Маннобакаро ба хонааш оварданд, пеш аз фаровардани ӯ аз мошин тақозо гардид, ки ҳеч кас наметавонад рӯи ӯро бубинад. Зеро эҳтимол вуҷуд дорад, ки беморӣ ба дигар пайвандони ӯ сироят кунад.

Баъди чанде намози ҷанозаи ӯ хонда шуд, бо теъдоди ками одамон майитро бурда ба қабр монданд. То ин замон дар чандин нишастҳои матбуотӣ ширкат кардаву перомуни пахши бемории коронавирус, роҳҳои ҷилавгирӣ аз он гузоришҳо таҳияву таълиф намудаам. Аммо бори аввал бевосита дар ҷанозаи шахсе ширкат кардам, ки аз сирояти ин вирус фавтида буд. Пайвандон дар ивази он ки шахси наздики худро аз даст дода буданд, боз наметавонистанд рӯйи ӯро бубинанд ва алвидоъ гӯянд. Шояд барои фарзандону шавҳар ғоибона хайрухуш кардан бо модар ё завҷа ҳолате бошад, ки гаронии онро танҳо вуҷуди онҳо эҳсос мекунад.

– Ҳоло мо дар шароите ба сар мебарем, ки вазъияти эпидемиологӣ дар саросари олам, аз ҷумла ҷумҳуриву вилояти мо ҳанӯз рӯ ба беҳбуд наовардааст. Саломатии одамон беш аз пеш бо хавфу хатар мувоҷеҳ мегардад. Бубинед, шояд дар масири таърих бори аввал аст, ки дар баробари беморони вазнин пизишкону парасторони шифохонаҳо, ки гирди беморон парвона мешуданд, бар асари сирояти бемории коронавирус ҷони худро бохтаву ба ҳалокат мерасанд, – гуфт бо таассуф духтури бемористони маркази ёрии таъҷилии вилояти Фарғона Шавкат Неъматов.

Вай афзуд, ки ин беморӣ тамоми соҳаҳои тандурустии дунёро ғофилгир кардааст. Зеро дар баъзе маворид духтурони босалоҳият низ дар барқарор намудани саломатии беморони мубталои ин вирус оҷиз мемонанд. Ба таъкиди Шавкат Неъматов ин дар миёни мардум ваҳму ҳароси бештарро барангехтааст ва ҳатто барои баъзеҳо аз ҳеч гуна сирояти беморӣ низ ба ташвиш афтодаанд.

– Фавти одамони сироятшуда ҳодисае нест, ки онро пинҳон дорему ба касе нагӯем. Натиҷа имрӯз ба ҳамаи мардуми олам маълум аст. Беморони зиёд бар асари беэҳтиётӣ ва саривақт муроҷиат накардан ба пизишкону мутахассисон аз бистари беморӣ дубора ба по намехезанд. Дар чунин ҳолатҳо ҳувайдост, ки тибби имрӯза дар пурра бартараф кардани ин беморӣ низ оҷизӣ мекашад, – мегӯяд пизишки бемористони марказии ёрии таъҷилии вилоят. — Барои ҳамин теъдоди одамони ба ин бемории хатарнок сироятшуда беш аз пеш меафзояд. Гузашта аз ин, теъдоди ба ҳалокатрасидагон низ ба ҷои коҳиш рӯ ба афзоиш овардааст. Бо вуҷуди мушкилоти зиёд, пизишкон барои расонидани кӯмакҳои фаврии тиббӣ ба беморони сироятшудаи ин вирус шабу рӯз саъй ва талош меварзанд.

Ногуфта намонад, ки чанде муқаддам вилояти Фарғона ба минтақаи сабз ворид шуда буд. Ҳама гумон доштанд, ки дар ин вилоят кайҳо аз пахш ва сирояти ин вирус ҷилавгирӣ шудааст. Ҳатто манбаъҳои расмӣ низ таъкид мекарданд, ки ин вилоят ягона дар водии Фарғона аст, ки дар ҷисми ягон нафар сирояти бемории коронавирус ба қайд гирифта нашудааст. Аммо воқеъияти ҳол акси инро нишон медиҳад.

Сардори садорати тандурустии вилоят Ҳусанҷонমамаҷонов низ зимни суҳбат бо хабаргузориҳо баъзе хабарҳоро дар бораи он қотеъона рад намудааст, ки тибқи он дар вилояти Фарғона теъдоди сироятшудагони коронавирус хеле зиёд мешавад. Ба гуфтаи ӯ шабакаҳои иҷтимоӣ хабарҳои дурӯғ ва беасос нашр мекунанд.

Ҳусанҷон Мамаҷонов боз далел овардааст, ки дар фасли тирамоҳ байни мардум бемориҳои роҳи нафас ва шамолхӯрӣ зиёд мешаванд. Аммо ин бемориҳо ба пандемияи коронавирус рабте надоранд. Натиҷаҳои таҳлилу ташхисҳои тиббӣ, ки дар байни одамони ба бемориҳои роҳи нафас ва шамолхӯрда мубтало гузаронидаанд, набудани коронавирус дар узви онҳоро собит намуданд.

Баъдан дар бораи он бештар ҳарф мезаданд, ки дар бемористон беморони аз коронавирус сироятшуда бо тамоми дорувор ва таҷҳизоти зарурии тиббӣ таъмин мебошанд. Гап дар бораи кадом беморон меравад? Оё вилояти Фарғона дар радифи вилоятҳои минтақаи сабз қарор надорад?

Маълум шуд, ки барои бемористонҳои соири шаҳру ноҳияҳо ва маркази вилоят ба таври иловагӣ боз 25 дастгоҳи нафаскашии сунъии ИВЛ ва SPAP оварданд ва теъдоди ин дастгоҳҳоро ба 200 адад афзоиш додаанд.

Ғайр аз ин, муассисаҳои тиббии вилоят бо 764 дона консентратори ҳаво ва панҷ ҳазор дона оксиметрҳои набзсанҷӣ таъмин карда шуданд. 80 ҳазор тести экспресс харидорӣ ва ба вилоят оварда шуданд.

Манзури нигорандаи ин сатрҳо ҳамин аст, ки вируси бемории хатарноки коронавирус чизе нест, ки онро пӯшида нигаҳ дорӣ. Тавре ки дар урфият мегӯянд, “Бемориро руст кунӣ, табаш фош менамояд”. Чанд муддат вилояти Фарғона ба минтақаи сабз ворид карда шуд, вале маълумотҳои зиёд аз ҳақиқат дур будаанд. Ба ибораи дигар, дар айни ҳол шахсони зиёд аз ин беморӣ ҳалок шудаанд.

Дарвоқеъ, мо барои дафн кардани завҷаи ҳамсоямон – Маннобака ба яке аз қабристонҳои ин шаҳр рафтем. Ғайр аз он, ки ин майит ба хок супурда шуд, дар паҳлӯи қабри ӯ боз чаҳор қабри дигарро кофта тайёр карда буданд.

Агар ба омори байналмилалӣ назар афканем, маълум мешавад, ки бештар аз 50 миллион шаҳрвандони кишварҳои гуногун ба КОВИД-19 сироят шудаанд. Наздики якуним миллион нафари онҳо аз ин беморӣ ҷон бохтаанд. Барои ҳамин ҳар як шаҳрванди кишвари моро лозим аст, ки ҳам худро ва ҳам атрофиёнашро эҳтиёт кунад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**“Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

Таълим

*ФИКРИ ДЕПУТАТ*

# ОМӮЗГОРИ МАҚОМ ВА ДАРОМАДАШ БАЛАНД ОМИЛИ СИФАТ ДАР ТАЪЛИМ ХОҲАД ШУД

***Имом ал-Бухорӣ устоди Имом Исо ал-Тирмизӣ будааст. Пас аз вафоти устодаш ӯ беист гиря карда, кӯр шуда, даргузаштааст. Ин аст қудрати меҳру муҳаббат ба устод. Дар тӯли ҳаёти Исо ал-Тирмизӣ устоди ӯ Имом Бухорӣ гуфтааст, ки: «Шумо шогирди ман бошед ҳам, ман аз шумо бисёр чизҳоро омӯхтам, садоқату муҳаббат ба некуӣ, эҳтиром ба устодро аз шумо омӯхтам».***

Мисолҳои ҳаётии ба ин монандро бисёр овардан мумкин аст. Ин маънои онро дорад, ки шогирд ва ҷомеае, ки устодро эҳтиром кардааст, ҳамеша боло рафтаанд.

Дар Қонун “Дар бораи таълим”, ки ба қарибӣ қабул шуд, ба ин масъала диққати махсус дода, боби 5-уми он дар бораи мақоми ҳуқуқии ходимони педагогӣ тавсиф шудааст. Аз ҷумла, аз ҷониби ҷамъият ва давлат эътироф шудани мақоми кормандони педагогӣ муайян шудааст. Ғайр аз ин, ҳуқуқ, шаъну шараф ва эътибори кории кормандони педагогии муассисаҳои таълимӣ таҳти ҳимояи давлат қарор хоҳанд гирифт.

Дахолати муассисаҳои таълимӣ ба фаъолияти касбии кормандони педагогӣ, таъсиррасонӣ ба арзёбии дуруст ва беғаразонаи дониши таълимгирандагон, инчунин монеъ шудан ба иҷрои вазифаҳои ин кормандони педагогӣ роҳ дода намешавад.

Дар баробари ин, барои амалӣ намудани фаъолияти касбии омӯзгорон талаб намудани фароҳам овардани шароити зарурӣ барои онҳо, бепул истифода бурдан аз хидматҳои марказҳои захираи ахбори самти таълимӣ, илмӣ ва методӣ, ҳимоя намудан аз дахолат ба фаъолияти касбии худ, муоинаи ройгони тиббӣ дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ (барои муассисаҳо ва ташкилотҳои таълими давлатӣ) барин ҳуқуқу манфиатҳои муҳим мустаҳкам шудаанд.

Масъалаи дигари муҳим он аст, ки ба омӯзгорон машғул шудан ба корҳои дигаре, ки ба вазифаҳои касбии онҳо марбут нестанд, манъ гардидааст.

Чаро инҳо дар қонун сабт ёфтанд?

Вақтҳои охир дар ин бора бисёр ва зиёд гуфта шуда, ба меъда расида бошад ҳам, маҷбур шудам, онро боз такрор кунам. Мутаассифона, нуфузи муаллимон хеле коҳиш ёфтааст. Бисёре аз фидоиёни соҳа аз сабаби кашидани бори рӯзгор корро боздошта, ҳатто ба хориҷа рафтанд. Ҷиҳати бадаш маҷбур шуданд, ки корҳои сиёҳ, безебро иҷро кунанд. Ҳатто кӯчарӯбӣ, партовкашонии онҳоро нагӯем ҳам мешавад...

“Дард ба боли дард” гуфтагӣ барин ҳолатҳои аз шикояти ночизи фарзандаш ба мактаб давида, худро ба сӯи омӯзгори дар ҷамъият беобрушуда “партофтани” волидон афзуд. Дар тӯли фаъолияти омӯзгории худ чандин маротиба шоҳиди ин гуна ҳолат будам. Охир, мақсади падару модару омӯзгор як нест магар. Ин ҳам бошад, ба фарзандони мо таълими пухта ва тарбияи зебо додан аст.

Дар пурсиш таҳти мавзӯи «дар оянда кадом касбро интихоб мекунед?» аксари ҳамсинфонам омӯзгор шудан мехоҳам гӯён навишта буданд. Аз ин маълум аст, ки касби омӯзгорӣ аз ҳама бонуфузтарин буд. Ҳоло бошад?

Мутахассисон қайд мекунанд, ки роҳи дигари фаҳмидани гиромӣ доштани омӯзгорон дар ягон кишвар ин муайян кардани фикри волидон оиди ба фарзандонашон муносиб донистану надонистани ин касб мебошад.

Замоне дар деҳа инсони мӯътабартарин муаллим ба ҳисоб мерафт. Ҳар гуна мушкилот ё маслиҳат дар деҳа аз муаллим пурсида мешуд.

Бинобар нақлҳо, кӯдаки инсоне бемор мешавад ва табиб ба ӯ ҳушдор додааст, ки ширинӣ нахӯрад. Ҳарчанд волидонаш ҳар рӯз ширинӣ нахӯр гӯён таъкид намоянд ҳам, ба бача асар накардааст. Сипас падар ӯро ба назди омӯзгоре, ки дар мадраса ба ҷавонон дарс медод, бурд.

— Шумо ба ҷавонон дарс медиҳед, дар маҳаллаамон ҳам обрӯ доред, ба писарам ҳам насиҳат мекардед, — гуфтааст. Муаллим таъкид намудааст, ки баъд аз ду ҳафта биёяд. Муҳлати муайяншуда паси сар шудааст. Падар писарашро бо муаллим рӯ ба рӯ кардааст. Муаллим бачаро ба наздаш хонда, гуфтааст, ки: «писарам, дигар ширинӣ нахӯр». Падар: «фикр карда будам, ки ба писарам насиҳат мекунед, шумо бошед, бо як калима кифоят намудед», гуфта каме ранҷидааст. «Ман то ки ба писаратон ин гапро гӯям, ду ҳафта ширинӣ нахӯрдам, иншооллоҳ, писари шумо ба гапҳоям гӯш мекунад» гуфтааст муаллим. Писар воқеан аз хӯрдани ширинӣ даст кашида, аз беморӣ халос шудааст.

Тавре ки мегӯянд, «қарс — аз ду даст», ба фикрамон одамоне, ки омӯзгориро пеша кардаанд, бояд ба ин муносиб бошанд.

Дар Қонун инчунин меъёрҳо дар бораи ӯҳдадориҳои кормандони педагогӣ муайян шудаанд. Бинобар он онҳо шаън, қадру қимат ва обрӯи кории иштирокчиёни ҷараёни таълимро эҳтиром намоянд, машғулотҳои таълимиро сифатнок гузаронанд, аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, шаклу усулҳои пешқадам ва инноватсионии таълиму тарбия истифода баранд, ба оинннома ё ки ҳуҷҷатҳои дигари таъсисӣ, қоидаҳои тартиби дохилии меҳнат риоя намоянд, малакаи худро мунтазам такмил диҳанд, мувофиқи мансаби ишғолнамудаашон давра ба давра аз аттестатсия гузаранд. Кормандони педагогӣ дар амалӣ гардондани фаъолияти омӯзгориашон набояд ба содир намудани кирдорҳои хилофи меъёрҳои ахлоқиву этика роҳ диҳанд.

Умуман, халқамон аз азал устозонро гиромӣ дошта, ба онҳо арҷ гузоштаанд. Сухани пурҳикмати «Муаллим мисли падар бузург аст» беҳуда гуфта нашудааст. Мо бояд ин ҳикматро дар амал татбиқ намуда, ба шаъну эътибори муаллим ҳамчун гузаштагони худ эҳтиром гузорем. Ҳол он ки, омӯзгори мақом ва даромадаш баланд метавонад дар таълим омили сифат гардад. Зеро, обрӯи омӯзгор обрӯи ҷомеа аст.

**Фирдавс ШАРИПОВ,**
**депутати Палатаи**
**қонунгузории Олий Маҷлис.**

# ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ МАКТАБУ МАОРИФ

## дар осори равшангарони тоҷик

***Яке аз он масоили муҳиме, ки дар ҷомеаи муосир бештар мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст, масъалаи мактабу маориф ба шумор меравад. Дар оғози садаи бист масъалаи мазкур мавриди таваҷҷӯҳи равшангарони тоҷик қарор дошт. Таҷдиди мактабу маорифи кишвар аз ҳадафҳои асосии равшанфикрони замон ба шумор мерафт. Чеҳраҳои намоёни наҳзати маорифпарварӣ ин масъаларо дар таълифоти хеш инъикос намуд.***

Ба рушди матбуот ва публитсистика замина фароҳам овардаанд. Онҳо зарурати таъсис додани нашрияҳоро ҷиҳати вусъати афкор ва густариши ҷаҳонбинии мардум эҳсос карда, пайи он талош намуданд, ки ин падидаи тозаи маънавӣ ҳарчӣ зудтар ва бештар миёни оммаи мардум паҳн гардад ва дар бедории миллӣ саҳм гузорад. Эшон саҳфаҳои матбуотро барои ҷавлони афкори хеш истифода бурда, пеш аз ҳама масоили маорифпарварӣ, ба вижа муҳимияти ислоҳоти соҳаи мактабу маорифро ҳамаҷониба тарғиб, дар сафҳаҳои матбуоти даврӣ вазъи рӯзгори адабию фарҳангӣ ва иқтисодиву иҷтимоиро бо сабку услуби ба худ хос инъикос намудаанд. Чунончӣ, дар ибтидои садаи XX аз Бухорои замони пеш камтар осоре боқӣ монда буд. Аз ин лиҳоз, руҷӯи ҷадидон ба гузаштаи фараҳманди Бухоро муҳимтарин сифати ҳофизаи таърихии онҳоро бозгӯӣ мекунад. Мирзо Сироҷ дар ин бобат чунин мегӯяд:

«Ҳар гоҳ мо, мардуми Бухоро, чашми худро кушода, ба як назар фуқарои замонҳои гузаштаи худро пеши чашм биёварем, хоҳем дид, ки мо ҳам миллати дорои илму фунуни солеҳ буда, дар ҷиргаи милали мутамаддин ба шумор мерафтем, муаллими мо Форобӣ, ҳакими мо Бӯалӣ, алломаи мо Бухорӣ, шуарои мо Рӯдакӣ буданд, ки ҳар кадом ягона ва фарди асри худ буд, номашон ҳанӯз зиннатбахши сафҳаи таворих аст». (БШ.–№10.–22 март.–1912.)

Осори арзишманди Мирзо Сироҷ бо шеваи баён ва ҷаҳони андешаи ӯ бештар бар пояи воқеияти иҷтимоӣ таълиф гардидаанд. Ӯ наомӯзондани илмҳои дунявиро дар мактабу мадорис маҳкум намуда, онро омили соҳибкасб нагардидани аҳли ҷомеа мешуморад. Нуктаи ҷолиб он аст, ки анҷоми мақолаҳои ӯро пурсишҳои паёпай дар бар мегиранд, ки хоҳони ҷавобанд ва онҳо ба рӯҳияву сабки иҷтимоъгарии замона созгорӣ доранд: «Агар Худо нахоҳад, ба манора шикасте ворид шавад, оё мисли аввал метавонем сохт ё на? Дар ҷавоб хоҳед гуфт, ки аз хориҷа усто меорем...».

Масъалаи нарасидан ва мавҷуд набудани мутахассисон дар ҷомеа низ аз ҷониби равшангарон хуб дарк шуда буд, ки ин нуктаро мо дар таълифоти онҳо метавонем мушоҳида кард. Хонандагони нашрия мушкилоте, ки равшангарон ислоҳи онҳоро дар ҷомеа талаб намудаанд, тарафдорӣ карда, таҷдиду ислоҳи ҷомеаро муҳим ва зарур ҳисобидаанд.

Дар аксари навиштаҳои хеш равшангарон аз бесаводӣ ва бемаънавиятӣ дар ҷомеа изҳори нигаронӣ намуда, таъкид менамоянд, ки «бузургтарин хидмати ватани имрӯза ин аст, ки дар таълими нашри маориф ва мактаб ва ислоҳу тартиботи таълим ва таҳсили илм кӯшиш кунад» (БШ.–№21.–4 апр.–1912).

Наҳзати маорифпарварӣ бештар барои фардои саодатманд талош мекард, ба наҷоти миллат, эҳёи миллӣ ва барпо намудани ҷомеаи маънавибунёд саъй меварзид. Тавре ки устод Муҳаммадҷон Шакурӣ мегӯяд: «Масъалаи растагорӣ масъалаи асосии замон буд, ки дар сари он ҳар равшанфикре ба таври худ теша ба решаи андеша мезад».

Ин гуна равиши андешаронии равшангарон, ки ба аҳли ҷомеа писанд буд, ҳангоми мутолиа ва баррасии маводи рӯзномаи «Бухорои Шариф» собит мегардад. Онҳо рушди бомароми ҷомеаро дар оянда аз донишмандон доништа, таҷдиду ислоҳи ҷомеаро орзу намудаанд. Пешниҳоди эшон барномаеро мемонад, ки тибқи он «ба донишмандон... воҷиб ва лозим аст, бо авзои олами маориф иштирок намуда фурсатро ғанимат шуморанд ва аз барои ислоҳи мактабҳо саъйи болиғ намоянд ва ҷиҳати назорат ва ислоҳи мактаб, алҳамдулиллоҳ, дар Бухорои мо ашхоси қобил низ ҳастанд, ки ин корро пеш бибаранд».

Мутолиаи «Бухорои шариф» ин маъниро возеҳу равшан пеши назар ҳувайдо мегардонад. Чунончӣ, Мирзо Сироҷ аз ҳамзамононаш ҳамқадами замон будан ва аз ҳар лаҳзаву вақт босамар истифода бурданро хоҳиш менамояд, зеро «такомулу тараққии дунё мунтазири мо, оғоён нест. Пас беҳтар аст, ки мо ҳам тобеи тараққии олам гашта мисли дигарон ба тараққӣ бикӯшем».

Гуфтем, ки муҳимтарин масъалае, ки равшангарон ва хонандагони рӯзномаи “Бухорои Шариф” сари он андеша кардаанд, ин тарғиби мактабу маориф ва омӯзиши илму дониши дунявӣ буд. Ба андешаи онҳо омили асосии рушди ҷомеа илму дониш мебошад. Наомӯхтани илмҳои зарурири дар мадорису макотиб Мирзо Ҷалол қайд намуда, тағйири фанҳои дарсиро низ талаб менамояд.

«Ислоҳи мадорис – мегӯяд ӯ, аз ду қисм: яке ислоҳи вазъи таълим ва феҳраст... улум ва фунуне, ки то ҳол машғул шудаанд. Дигаре таҷдид ва тағйири дарсҳо мувофиқи феҳрасти замони ҳозира аст”.

Раванди таълиму тарбияро дар макотибу мадорис Мирзо Ҷалол зери тозиёнаи танқид гирифта, ислоҳи онро амали саривақтӣ медонад. Ба андешаи ӯ толибилми мадраса он ҷо ба ҷуз талафи вақт чизе пайдо намекунад. Ӯ бо алам мегӯяд: – “баъд аз даҳ ва понздаҳ соли таҳсил ва таҳқиқ дар илми наҳв боз ибороти арабиро наметавонанд, чунонки муқтазои илми наҳв аст, саҳеҳ ва дуруст нависанд ва дуруст бихонанд”.

Бо дарки он ки муаллимон дар ҷомеа нақши тақдирсоз доранд, Мирзо Ҷалол аз онҳо низ саъю талошро баҳри тарбияи насли худогоҳу худшинос талаб менамояд. Нуктаи ҷолиберо ӯ қайд менамояд, ки дар шароити имрӯза бояд “муаллимҳои мо саъй фармуда муаллими ҳақиқӣ гарданд. Исми бе расм маънӣ надорад” .

Дар саҳифаҳои нашрияи “Самарқанд” низ, ки аз ҷониби яке аз чеҳраҳои мондагори наҳзати маорифпарварӣ Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ баҳори (апрел -А.Ш.) соли 1913 ба нашр оғоз намуда буд, афкори пешрави маорифпарварон боз ҳам бештар мунъакис гардидаанд. Ин нашрия чун минбари баёни афкору ғояҳои пешрав дар муддати кӯтоҳ миёни хонандагон маҳбубият пайдо кард.

Дар саҳифаҳои рӯзнома маводи ҷолиби равшангароне чун Абдурауфи Фитрат, Ҳоҷӣ Муин, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Ҳоҷӣ Мирзо Ибрат, Сиддиқӣ ва худи Беҳбудӣ дарҷ гардидаанд, ки тамоми масоили умдаи он замонро фаро гирифтаанд. Забон ва шеваи эҷоди осор ва навиштаҳои ин равшангарон соддаву равон буда, дар бозгӯии мушкилот ва муаммои ҷомеаи он рӯз аҳамияти хоса доранд. Масалан, Ҳоҷӣ Муин дар яке аз навиштаҳояш «Боиси тараққӣ» аз нақш ва зарурати мактаб дар ҷомеа ёдовар гардида, чунин гуфтааст:

«Мабдаи улум ва маориф мактаб аст, бе мактаб ҳеҷ яке аз инҳоро ҳосил наметавонем, як дарича чашми ибрат боз намоем ва ба ақвоми соираи мутамадин назар андозем, чи сон барои мактаб ва маориф кӯшиш намудаанд, ки аз сад навад лоақал аз сад ҳафтод соҳиби илму ирфонанд» («Самарқанд» №39, 27-августи 1913).

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ бо пайгирӣ аз ин ҳадаф пас аз қатъи нашри рӯзномаи “Самарқанд” ба чопи маҷаллаи «Ойина»-оғоз намуд. Дар маҷалла матлабе таҳти унвони «Мулоҳиза» дарҷ гардидааст, ки дар он Беҳбудӣ мегӯяд:

«Ислоҳ аз куҷо сар мешавад, ҷавоб хоҳанд гуфт, ки «аз мактабу мадраса. Чунки ҳаёти миллат вобаста ба мактабу маориф аст. Мактабу мадрасаи кадом миллат, ки обод аст, он миллат худро мудофиа мекунад, ҳам соҳибу ҳокими миллати дигар мегардад. Мактабу мадрасаи кадом миллат хароб, ё дар таназзул аст, он миллат маҳкуми таданнӣ ва забун аст. Ривоҷи дину миллат, тараққии илму диёнат, пешрафти фазлу ҳунар, салоҳи ахлоқу одоб, хубии маишату зиндагонии ҳар тоифаро сабаб мактабу маориф аст» («Ойина» №2- 1913).

Беҳбудӣ ҳамчун мубаллиғи мактабҳои усули ҷадид пайваста зарурати онҳоро дар таълифоташ зикр намудааст. Ӯ менависад:

«Бародарони муҳтарам, ба ҳамаамон чун офтоб равшан ва аён аст, ки мактаб — оғози тараққиёт, дарвозаи маданият ва санъат аст».

Маҷаллаи «Ойина» барои дигар адибон низ майдони муборизаи ақидавӣ ва сайқали истеъдод буд. Дар саҳифаҳои он ба нашр расидани қасидаи «Мактаб»-и равшангари тоҷик Абдулвоҳиди Мунзим далели ин гуфтаҳост, ки дар он бештар тарғибу ташвиқи мактаби усули ҷадид мушоҳида мегардад. Чунончӣ, дар матлаи қасида мехонем:

*Бувад файзу саодат ҳосили*
*туллоб дар мактаб,*
*Ки аз файзи саодат ҳаст*
*фатҳулбоб дар мактаб.*
*Шавад бо каъбаи мақсуд восил*
*зуд толиб ҳам,*
*Шавад аз Замзами илму адаб*
*шодоб дар мактаб.*

(Давомаш дар саҳ.5).

ТАДҚИҚОТ

# ЗАБОНИ ТОҶИК Ё ЗАБОНИ ТОҶИКӢ?

Пас аз солҳои бисти асри XX дар иртибот ба он баҳсҳое, ки атрофи забони тоҷикӣ сурат гирифта буданд, дар матбуоти даврӣ аз ҷониби адибону равшанфикрони он замон номи забони тоҷикӣ дар бештар мавриди дар шакли «забони тоҷик» муаррифӣ мешавад, ки ин қолаб дар муқобили қолаби меъёрӣ ва суннатии номи «забони тоҷикӣ» ғалат мебошад. Аммо ин ғалати машҳур дар корбурди забони мо аз он солҳо то ба имрӯз идома дошта, гӯё, воқеан номи ин забон на «забони тоҷикӣ», балки «забони тоҷик» буда бошад. Ин қолаби ғалат дар номи забон ба гунаи «забони тоҷик» дар нашриҳои маъруфе ҳамчун «Овози тоҷик» ва «Роҳбари дониш» дар муқобили қолаби дурусти «забони тоҷикӣ» истифодаи хеле фаровон доштааст, ки ин аз маводи ин рӯзномаҳо ва нашриҳои дигар низ ба хубӣ бармеояд.

Қолаби «забони тоҷик» дар шумораҳои гуногуни ин ду нашрияи дар боло зикршудаи солҳои 1928-1930 дар ибораҳо ва таркибҳое чун «забони тоҷик», «забони авомфаҳми тоҷик», «забони адабии тоҷик», «забони нави адабии тоҷик», «забони имрӯзаи тоҷик», «забони умумихалқии тоҷик», «забони равони тоҷик», «забони ширини тоҷик», «забони асосии тоҷик», «забони зиндаи тоҷик», «лаҳҷаҳои тоҷик», «лафзи тоҷик», дар китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» (қисми 1, Душанбе, 1973, с. 14), «забони адабии пешазреволютсионии тоҷик», «забони пешазреволютсионии адабии тоҷик», «забони миллии тоҷик» дар номи китоби сарфу наҳви Абдурауфи Фитрати Бухорой – «Қоидаҳои забони тоҷик», «луғати забони тоҷик» фаровон ба кор рафтааст. Якҷо бо ибороту тартиботи ёдшуда дар чанде аз мақолаҳои он солҳо қолаби «забони тоҷикӣ», «забони адабии тоҷикӣ», «забони зиндаи тоҷикӣ», «забони адабии оммафаҳми тоҷикӣ», «забони оммаи тоҷикӣ», «забони соддаи тоҷикӣ» низ аз ҷониби бархе аз муаллифон истифода шудааст. Баъдан, номи забони тоҷикӣ дар китобҳои дарсӣ барои мактабҳои олӣ ва грамматикаи академӣ дар чунин қолабҳо ва унвонҳо мавриди истифода қарор гирифт: «забони адабии ҳозираи тоҷик», «грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик», солҳои баъдӣ – «забони адабии муосири тоҷик» ва ғ. Дар факултаҳои филологияи тоҷики донишгоҳҳо то ба ҳол фанҳое низ тахти номи «забони адабии ҳозираи тоҷик» ва ё «таърихи забони адабии ҳозираи тоҷик» дарс гуфта мешавад, ки ин бори дигар далели устувории чунин як қолаби ғалати маснӯӣ дар андеша ва зеҳни чандин насли забоншиносон ва то ба ҳол ислоҳ нашудани он дар илми забоншиносӣ мебошад. Муқоиса шавад истифода аз ҳамин қолаби ғалат дар номҳои «Қоидаҳои асосии имлои забони адабии ҳозираи тоҷик» ва ё «Терминологияи тоҷик».

Дар он солҳо якҷо бо ибораи «забони тоҷик» аз ибораи дурусти «забони тоҷикӣ» низ истифода шудааст, ки инро дар чанде аз навиштаҳо метавон мушоҳида кард. Дар муқобили ибораи «забони тоҷик», ки аз ҷониби адибон дар он давра корбурди фаровон доштааст, шакли дуруст ва меъёрии номи забони мо дар унвон ва матни китоби К. Д. Громатович ва В. А. Дмитревский бо номи «zaboni tojiki» дар қолаби суннатии вожасозӣ ба воситаи пасванди нисбии і (-ӣ) ба кор рафтааст (Gromatovic va Dmitrevskiy 1929).

Ҷолиб он аст, ки бинобар нашри ин дастури омӯзишӣ дар соли 1929 барои аврупоиёне, ки дар Дастгоҳи давлатии Ҷумҳурии Мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Ӯзбекистон хидмат мекарданд, таҳия шуда буд, номи забон аз ҷониби ховаршиносони рус дар қолаби дурусти меъёрӣ муаррифӣ гардида, аммо дар таълифоти бархе аз адибону равшанфикрони тоҷик номи забони тоҷикӣ бар хилофи қоидаҳои дастури забон дар як шакли хориҷ аз меъёри вожасозӣ, яъне «забони тоҷик» истифода шудааст, ки ин, воқеан ҷойи тааҷҷуб мебошад. Бояд тазаккур дод, ки ховаршиносони Ғарб бо истилоҳи «забони тоҷикӣ» (на «забони тоҷик») тавассути як таълифоти Ф. Тойфел ҳанӯз дар охири асри XIX ошноӣ пайдо карда буданд (Toufel 1884,241). Ф. Тойфел истилоҳи забони тоҷикиро бар ивази истилоҳи забони форсӣ бори нахуст дар нисбати забони тоҷикони Бухоро ба кор бурдааст (Ниг: Оранский 1979. 111).

Дар рӯзномаи «Овози тоҷик», (29-декабри соли 1930) дар иқтибос аз банди 5 қарорҳои Анҷумани якуми илмии Тоҷикистон ибораи «забони араб» ба кор рафтааст, ки ин низ дар баробари «забони тоҷик» ва «забони форс» далели корбурди чунин қолаб дар ин ҳавзаи забонӣ мебошад. Муқоиса шавад: дар забони ӯзбекӣ tojikcha 1. тоҷикӣ; 2. номи забони кишвари Тоҷикистон, забони тоҷик (Farhange uzbaki bi farsi 1386. j.2, c.989) ва ё дар лаҳҷаи Бухоро ӯзбакча ба маънои ӯзбекӣ: «Пуртаринаш ӯзбакча гап мезананд эронихоя»; ӯзбакчаба нағалтидан «ба забони ӯзбекӣ сарфаҳм нарафтан, ӯзбекиро надонистан», «моҳо ӯзбакчаба намеғалтем: ӯзбакчайа интухин нағз намеафтад» (Маҳмудов, Бердиев 1989, 264). Қолаби ӯзбекии «тоҷик тили» тарҷумаи вожа ба вожаи «ӯзбек тили» буда, баргардони он «забони тоҷик», яъне «тоҷик тили» (бидуни аломати сифати нисбии-ӣ дар номи «тоҷикӣ») мебошад.

Дар иртибот ба ин шарҳи «Фарҳанги узбакӣ бе форсӣ» муқоиса шавад дар «Фарҳанги форсии имрӯз» «тоҷикӣ» – номи забони кишвари Тоҷикистон, забони тоҷик (Фарҳанги форсии имрӯз 1374, с.313). Аммо дар ҳамин фарҳанг вожаи «узбакӣ», на «забони узбак», балки дар шакли дуруст «забони мардуми узбак» маънӣ шудааст. Ҳамчунон ки мебинем, ибораи «забони тоҷик» ҳамчун ғалати ом ва иштибоҳи он солҳо ба фарҳангҳои форсӣ низ таъсир гузоштааст. Дар ҳамин қолаби бегонаи забонӣ пас аз он ки пули миллӣ ба муомилот ворид карда шуд, дар бархе аз лаҳчаҳо қолаби «пули тоҷик» (бар ҷойи қолаби дурусти «пули тоҷикӣ») пайдо шуд, ки ин як намунаи дигари корбурди қолаби мазкур дар бархе аз ҳавзаҳои дузабонии тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ба шумор меравад.

Тибқи меъёр ва қоидаҳои дастури забони форсӣ-тоҷикӣ номи забонҳое, ки бо номи мардумон ва ё қавмҳову миллатҳо иртибот мегиранд, дар қолаби изофӣ ба воситаи сифати нисбӣ бо пасванди ӣ (-1 -1g -1k, эронии бостон*-yaka-) ташкил мешаванд (Дар бораи таърихи пасванди -1 ниг: Salemann GIPh, 279; Расторгуева, Молчанова 1981, 69).

Дар ин қолаби изофӣ, ки яке аз равишҳои маъмули суннатӣ дар таърихи забони мо маҳсуб мешавад, иртиботи ҷузъҳо бар асоси мансубияти як ҷузъ ба ҷузъи дигар дар шакли сифати нисбӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, тибқи чунин қоидаи дастури забони тоҷикӣ номи забон дар шакли сифати нисбӣ, яъне тоҷикӣ ба вожаи забон (забони тоҷикӣ) иртибот гирифта, бо доштани нишонаи морфологӣ ва ё сарфӣ бо пасванди «-ӣ» метавонад бидуни муайяншавандаи худ, яъне вожаи забон низ ба танҳоӣ истифода шавад. Ба таври мисол форсӣ (забони форсӣ), паҳлавӣ (забони паҳлавӣ), тоҷикӣ (забони тоҷикӣ), курдӣ (забони курдӣ), тотӣ (забони тотӣ), толишӣ (забони толишӣ) ва ғ.

Аслан истифодаи қолаби «забони тоҷик» маънои манфӣ дошта, ин қолабро дар нисбати забонҳои дигар наметавон истифода кард. Магар мо метавонем «забони рус», «забони ӯзбек», «забони қазоқ», «забони қирғиз», «забони курд», «забони толиш», «забони арман» ва ғ. гӯем ва нависем? Чунин қолаб дар номи ҳеҷ кадоме аз ин забонҳо қобили истифода нест. Ҳамчунон ки мушоҳида мешавад ин қолаб махсуси ҳавзаҳои дузабонии тоҷикӣ-ӯзбекӣ буда, иллати корбурди он таъсири сохтори забони бегона маҳсуб мешавад. Дар ҳама маврид номи забон тавассути пасванди «-ӣ» ҳамчун нишонаи мансубият ва ё нисбат ба мардумони дорои ин ва ё он забон мебошад, ки ин баёнгари мансубияти забон ба номи ҳамон қавм ва ё миллат аст.

Қолаби «забони тоҷик» дар гуфтор ва ё лаҳҷаи мардуми Бухоро бар ивази қолаби меъёрии «забони тоҷикӣ» ба кор рафта, ки намунаҳои онро аз навиштаҳо ва ёддоштҳои муҳаққиқони хориҷӣ дар даст дорем. Намунае чанд аз истифодаи ин қолаб дар лаҳҷаи Бухоро аз сабти О. А. Сухарева (Сухарева 1966, 125) ва Ф. Д. Люшкевич (Люшкевич 1971, 43, 45):

«Престарелый житель квартала Гозиён, Яхьё ходжа, сказав, что таджикязычное насиление его квартала – узбеки, пояснил: «Вахташ-ба Эрон омадаги, лафзи ино тоджик, мо тоджики ёдгирифта омадаги» (Во время они проходили сюда персы, а язык у них – таджикский, у них мы и научились таджикскому) (Сухарёва 1966, 125). Дар як сабти соли 1950 аз қавли Саъдуллоев (соли таваллуд тақрибан 1875) О. А. Сухарёва дар тарҷумаи русӣ чунин овардааст: «Во всех гузарах Бухары живут узбеки, язык у них – таджикский, но это ничего не значит: когда узбек начинает говорить по – таджикский, он от этого таджиком не становится.

русский говорит по – узбекский, но вед он не узбек» (Сухарёва ҳамин ҷо).

Қолаби дигари мустаъмал дар ҳавзаи забонии Бухоро дар баробари қолаби «забони тоҷик» ибораи «лафзаш тоҷик» маҳсуб мешавад. Дар иртибот намунаеро аз маводи мақолаи Ф. Д. Люшкевич метавон зикр кард: «Ин қишлоқ эрониҳо, он қишлоқ сунниҳо. Лафзаш тоҷик». В этом кишлаке ирони, в том – сунниты, язык их (тех и других) таджикский; – сказали нам, например, в кишлаке Кухна Мачит (Люшкевич 1971, 43). Дар ҷойи дигари ҳамин мақола аз номи як нафар бошандаи деҳаи Зиробод Мулло Ёдгор дар мавриди роиҷ будани қолаби «забони тоҷик» метавон ин намунаро зикр кард: «Агар аз аҳли Эрон меоянд – эронӣ мегуим, агар аз ҷамъияти мо меоянд – гуем форс. Мо аҷам ҳастим ба маънои форс. Забони мо форс, миллати мо шеа». Тарҷумаи Ф. Д. Люшкевич: «Если приезжают из Ирана, то говорим – ирони, из нашей среды – форс. Мы, как иранцы, называемся форс. Язык наш персидский, народность шииты» (Лушкевич 1971, 45-46.).

Ҳамчунон ки аз намунаи боло дида мешавад, таркиби «забони мо форс» ба маънои «забони мо форсист» низ забон на ба гунаи сифати нисбии «форсӣ», балки дар шакли «форс», яъне «забони форс» ба кор рафтааст. Муқоиса шавад истифодаи ҳамин қолаб дар номи «забони тоҷик», «забони форс» ва «забони араб».

Намунаи ҷолиби дигар дар мақолаи Т. Зеҳнӣ «забони форсии афғон» (Овози тоҷик 4 ва 6 декабри 1928) ба мушоҳида мерасад.

Мутобиқи меъёр ва грамматикаи забони тоҷикӣ номи забонҳое, ки ба номи қавму миллатҳо ва ё номи кишварҳо мансубанд, дар ибораи изофӣ номи забон ҳамчун муайянкунанда дар шакли сифати нисбӣ пас аз вожаи муайяншавандаи забон қарор гирифта ва дар ин робитаи изофӣ номи забон бидуни истисно дар шакли сифати нисбӣ ба кор меравад. Ба таври намуна: забони тоҷикӣ, забони арабӣ, забони русӣ, забони курдӣ, забони арманӣ, забони англисӣ ва ғ.

Дар қолаби изофӣ, ки дар равиши суннати забон ташкил шудааст, ҷузъи дувум ҳатман бо доштани нишона ва ё аломати мансубият ва ё нисбат дар қолаби сифати нисбӣ дар робитаи вобаста будани як ҷузъ ба ҷузъи дигар қарор мегирад ва ҷузъи дувум, яъне номи забон ба ҷузъи якум вожаи забон тобеъ буда, онро ташхис менамояд. Аз ин рӯ номи забон дар шакли сифати нисбӣ бо пасванди «ӣ» (-1 -1g -1k) метавонад бидуни вожаи забон, яъне ҷузъи нахуст низ истифода шавад. Ба таври мисол: форсӣ, паҳлавӣ, тоҷикӣ, курдӣ, русӣ, англисӣ ва ғ. аз ибораҳои забони форсӣ, забони паҳлавӣ ва ғ. Ин шакл дар қолаби вожасозии забони тоҷикӣ далели мансубияти забон бо номи қавму миллат, кишвар ва ё шаҳр мебошад.

Масалан, дар осори таърихнависони давронӣ исломӣ, аз ҷумла Мақдисӣ, дар «Аҳсанут-тақосим» (дар тарҷумаи форсӣ аз арабӣ) метавон аз ин чанд намуна далел овард:

«Забони Тус ва Нисо наздики нишобурӣ аст, забони Хуҷистон миёни маврӣ ва балхӣ аст ва забони Бомиёну Тахористон наздик ба балхӣ аст..., забони хоразмӣ фаҳмиданӣ нест, забони тирмизӣ наздики балхӣ аст» (с.490-491).

Дар намунаҳои боло қолаб чунин аст:

1. забони Тус, Нисо, Бомиён, Тахористон ва ғ.

2. (забони) нишобурӣ, маврӣ, балхӣ, хоразмӣ, тирмизӣ (бо пасванди ӣ-и нисбат). Чун дар ҳолати дувум номи забон дар шакли сифати нисбӣ ба кор рафтааст, бинобар он аз вожаи забон истифода нашудааст.

Ин равишро метавон дар осори даврони Ҳохоманишиён ба хати меҳӣ ва забони форси бостон, дар сангнавиштаи маъруфи Дориюши I дар Бесутун (сутуни IV сатрҳои 89-90) пайдо кард: Oatiy Darayavaus xsaya0iya vasna Auramazdaha i (ya)m dipimay ty (am) adam akunavam patisam ariya aha uta pavastaya uta carma gradita aha.

«Шоҳ Дариюш гӯяд: ба хости Аҳурамаздо ин набиштаи ман (аст), ки ман кардам. Ҳамчунин ба ориёӣ буд, ҳам дар лавҳ ҳам дар чарм нигошта шуд». Дар ин ҷо ariya, яъне «ба ориёӣ» ба маънои «ба (забони) ориёӣ» буда ва он дар шакли сифати нисбӣ ёд шудааст.

Ҳамин равиш дар қолаби сифати нисбӣ дар забони форсии миёна parsik//parsig, яъне «порсӣ» дар ду маъно ҳам номи қавм ва ҳам номи забон (забони порсӣ, яъне форсӣ) корбурд доштааст.

Бармегардем ба қолаби «забони адабии ҳозираи тоҷик».

Манбаи иқтибоси ин қолаб баргардони қолаби русии «современный русский литературный язык» ва дар забони тоҷикӣ «современный таджикский литературный язык» маҳсуб мешавад. Ин ном, ки аз чаҳор вожа иборат аст, дорои ин чанд иштибоҳ мебошад:

1. Қолаби ибораи «забони тоҷикӣ» устувор буда, ҳама гуна сифоти дигари ташхисдиҳандае, ки ба ин ном иртибот мегирад, бар асоси қоидаи маъмул пас аз номи забон афзуда мешавад. Барои мисол «забони порсӣ ва ё форсӣ», якҷо бо сифати ташхисдиҳандаи он «дарӣ» «забони порсии дарӣ// форсии дарӣ». Яъне «дарӣ» ҳамчун сифати порсӣ (форсӣ) пас аз номи порсӣ (форсӣ) афзуда мешавад, ки бо ин далел наметавон номи забонро «дарии порсӣ (форсӣ)» номид. Аз ин ҷост, ки «дарӣ» ҳамчун гунаи сабки порсӣ (форсӣ) дар номи забон бар ивази порсӣ (форсӣ) низ ба кор меравад:

забони дарӣ-порсӣ ва ё форсӣ.

2. Дар қолаби «забони адабии хозираи тоҷик» бидуни калимаҳои «адабии ҳозира» номи забон боз ҳамон «забони ... тоҷик» боқӣ мемонад.

3. Дар таркиби ин ном истифодаи калимаи «ҳозира» дар ибораи «забони ҳозира» ё «забони адабии ҳозира» низ ғалат аст. Ҳамчунон ки медонем, калимаи арабии «ҳозира» (?) шакли муаннаси «ҳозир» буда, «ҳозир» дар арабӣ сифати фоилӣ аз «ҳузур» ба маънои «ҳузурдоранда, ба ҳузур» омада ва зидди ғоиб; омода, муҳайё, мавҷуд мебошад» («Фарҳанги форсии Амид» 1387, 772);

4. Дар «Фарҳанги форсӣ ба русӣ» (ҷ.1, 487) ниг: 1) присутствующий; 2) готовый; согласный; 3) данный; настоящий.

Калимаи арабии «ҳозира» (аз ҳозир), ки дар забони тоҷикӣ истифода мешавад, махсуси меъёри забони классик ва ё адабӣ нест.

Дар луғати русӣ-тоҷикӣ (М. 1985) нынешный – 1. разг. ҳозира; 2 прост. имрӯза ва калимаи «современный (дар маънои 3.) – ҳозира муосир ҳозиразамон», дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (Душанбе 2006) «ҳозира-современный; настоящий»; замони ҳозира-настоящее время.

Калимаи «современный», ки дар забони тоҷикӣ онро «ҳозира» баргардон кардаанд, дар ҳама фарҳангҳои русӣ ба форсӣ ва форсӣ ба русӣ «муосир, кунунӣ» маънӣ шуда ва дар номи забон низ муҳтаво ва маъно на «ҳозир», яъне «ҳузурдошта дар муқобили ғоиб», балки «муосир», яъне марбут ба аср ва ё кунунӣ аст.

Иштибоҳ дар корбурди вожаи «ҳозира» дар забони ба истилоҳ «адабии ҳозираи тоҷик» ғалати тарҷумонҳо буда ва он маҳз аз роҳи тарҷумаи мафҳуми русии «современный литературный язык» ба забони тоҷикӣ ворид карда шудааст. Ин иштибоҳ мисли корбурди ғалати садҳо вожаҳои дигар то ба имрӯз дар забони тоҷикӣ мавриди истифодаи забоншиносон, ба хусус устодони донишгоҳҳо, қарор дорад.

Бояд тазаккур дод, ки чунин иштибоҳ дар корбурди вожаи «ҳозира» ба маънои «муосир» танҳо махсуси забони тоҷикӣ мебошад. Дар мавриди истифодаи дурусти ин вожа муроҷиат шавад, ба фарҳангҳои форсӣ ва фарҳангҳои дузабонаи русӣ ба форсӣ, форсӣ ба русӣ, қомуси русӣ ба пашту ва дарӣ, ҳамчунин фарҳанги арабӣ ба русӣ ва ғ.

Қолаби ба таври сунъӣ сохташудаи «забони адабии ҳозираи тоҷик» барои номи забон қобили қабул набуда ва он дар чунин шаклҳо бояд ислоҳ карда шавад:

1. забони тоҷикӣ, на забони тоҷик

2. забони тоҷикии адабӣ, на забони адабии тоҷик ва ё забони адабии тоҷикӣ.

3. забони тоҷикии муосир (кунунӣ), на забони ҳозираи тоҷик.

4. забони тоҷикии адабии муосир, на забони адабии ҳозираи тоҷик.

Қолабҳои дигар: забони тоҷикии меъёр, забони тоҷикии навишторӣ, забони тоҷикии гуфторӣ ва ғ.

Имрӯз аз ибораи «забони тоҷик» вожаи мураккаби «тоҷикзабон» сохта шудааст, ки шакли дурусти он «тоҷикизабон» махсуб мешавад. Вожаи мураккаби «тоҷикизабон» муодили мафҳуми «дорои забони тоҷикӣ» буда ва он дар қолаби «форсизабон» шакл гирифтааст. Муқоиса шавад иборатҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ забони паҳлавӣ (на забони паҳлав): «Агар паҳлавӣ ту надонӣ забон», яъне «агар ту забони паҳлавиро надонӣ».

Аз ин шакл метавони вожаи мураккаби «паҳлавизабон»-ро дар равиши «форсизабон» қолаб зад, ки аз инҷо на «тоҷикзабон», балки «тоҷикизабон» шакли меъёрӣ дониста мешавад.

Сохтаҳо ва бофтаҳои ғалате ҳамчун «адабиёти форсу тоҷик» (Форс номи кишвар, аммо тоҷик номи миллат), адабиёти даҳанакӣ устная литература, бар ивази адабиёти шифоҳӣ; «эҷодиёти даҳонии халқ» устное народное творчество ва ғ., ки бар хилофи қоидаҳои забон аз ҷониби донишмандон дар солҳои қаблӣ сохта шудаанд, имрӯз бояд ислоҳ карда шавад ва номи забони миллии мо, ки яке аз муқаддасоти миллӣ эътироф шудааст, барои миллат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шакли дуруст ва бидуни иштибоҳ муаррифӣ гардад.

**Додихудо САЙМИДДИНОВ,**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор.**



*Муҷассамаи Шайх Камол дар зодгоҳаш шаҳри Хуҷанд.*

**Ба ифтихори 700-солагии шоири бузурги форс-тоҷик Камоли Хуҷандӣ**

***Нормурод КАРИМЗОДА***

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Даҳанат ғунчаву лӯълӯйи ту хуш меояд,
Атри сунбул саҳар аз сӯйи ту хуш меояд,
Ашки чашмам ба дилу хӯйи ту хуш меояд,
«Навбаҳорон зи гулам бӯйи ту хуш меояд,
Ҳамаро боғу маро рӯйи ту хуш меояд».

Ин қадар ҳарфи бад аз мо ту ба ағёр мағӯй,
Коми дил беҳуда аз васли чунин ёр маҷӯй,
Дасти уммед ба оби шаби дидор машӯй,
«Ҳамчу наргис наниҳам чашм ба сарви лаби ҷӯй,
Ки маро қомати дилҷӯйи ту хуш меояд».

Ҳар ҷафое, ки ба мо мерасад аз ёр, қабул,
Соқиё мастиву девонагиям аз лаби мул,
Хандаат фораму шевост чу овози дуҳул,
«З-он ҳама ҳалқа, ки шамшод занад бар сари гул,
Бандаро ҳалқаи гесӯйи ту хуш меояд».

Ҷони мо садқа ҳамон кокули хушбофтаро,
Садқа бар холи лаби шаккари он дидадаро,
Суфтам аз дурри сухан байту ғазал, хону саро,
«Бӯйи гулзор хуш ояд ҳама касрову маро,
Накҳати хоки сари кӯйи ту хуш меояд».

Ҳусни ёр ойинаро суфта, биорояд хуш,
Шӯру исёни дилозурда бияфзояд хуш,
Чашми дунёи латофат ҳама бикшояд хуш,
«Печи сунбул ба чаман ҳеч намеояд хуш,
Пеши рӯйи ту хами мӯйи ту хуш меояд».

Рӯзгори мани дилдода пур аз шебу фароз,
Ҳамчу фӯлод гудозад тани ман сӯзу гудоз,
То кай аз мо ба канорӣ, маҳи ҳамрозу ниёз,
«Шеваи чашм чу наргис чӣ кунад ишваву ноз,
Шева аз наргиси ҷодуйи ту хуш меояд».

Қомати доли ман аз хотири абрӯйи ҳилол,
Шаҳди шаҳбайти ғазалҳои ман аз завқи висол,
Баҳри он аҳду вафоҳои басе поку ҳалол,
«Чашм накшуда ба рӯйи гул, аз он рӯй Камол,
Ки назар бар гули худрӯйи ту хуш меояд».

*САМАРҚАНД.*

## ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ МАКТАБУ МАОРИФ

### дар осори равшангарони тоҷик

(Аввалаш дар саҳ.4).

Тавре ба назар мерасад, бунёди сухани Мунзим поя бар воқеяти иҷтимоъ дорад. Мактаб ба сони чашмаест, ки оби зулоли он метавонад, ҳамаро шодоб гардонад. Қасидаи «Мактаб» саршори андешаҳои маорифпарварии Мунзим мебошад.

Яке аз шуарои машҳури он замон ки ашъори рангини ӯ дар ин маҷалла нашр гардидааст, Мулло Муҳаммади Нормуҳаммадзода мебошад. Шеърҳое чун «Саёҳати фохта»(№30), «Гузашта ва оянда» (№20), «Баҳори Ватан» (№ 26), ки саршори маонии ҷолиб ҳастанд, дар ҳамин маҷалла нашр шудаанд. Баҳри тасдиқи андешаҳои хеш порчаеро аз шеъри «Баҳори Ватан»-и ин шоир намуна меоварем:

*Кунун тарбият бояд*
*атфолро,*
*Сазад кардан ислоҳ*
*аҳволро.*
*Ҳама сидқи некуст*
*ақволро,*
*Сафо лозим ахлоқу*
*афъолро.*

Бо орзуи рушду пешрафт ва таъсиси мактабҳои ҷадид шоир гӯё аз он изҳори хурсандӣ менамояд, ки аҳли ҷомеа ҳамагон дар талоши рушди макотибанд.

Умуман, масъалаи таҷдиди мактабу маориф дар бештари навиштаҳои равшангарон ба гунаҳои мухталиф баён гардида, ислоҳот дар ин соҳа муҳим арзёбӣ шудааст.

**Абдуқодир ШЕХОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.**

## ЯКЕ АЗ АХТАРОНИ ОСМОНИ АДАБ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Солҳои навҷавонии мо, нимаи дувуми солҳои 80-ум, устодони сухан ӯро ҳамчун «қаламкаше, ки умедбахш аст ва адабиёти тоҷик аз ӯ чизҳои зиёдеро интизор аст» муаррифӣ мекарданд. Ҳамин гуна шиносоӣ солҳои сол дар нақди адабӣ маъмул буда, ба як навъ қолаби андеша табдил ёфта буд. Ӯ нафақат умедҳои адабиётро пиёда кард, балки ба сари он тоҷи шуҳрат ҳам ниҳод. Солҳои донишҷӯйӣ ҳар ҳикояти навчопашро бо шавқ мехондем ва бо ҳамон маърифати андакамон ҳис мекардем, ки ӯ «дигаргуна» менависад, на фақат тарзи баён, балки нигоҳаш ба олами ашё, ҳаводиси зиндагӣ, гирудори ботини инсон дигар аст...

Паргори андешаи адиб асосан гирдогирди деҳа ва одамони наҷиби он тоб мехӯрад, мисли Василий Шукшин. Дар нақди шӯравӣ ин гуна адибонро «насри деҳа» (деревенская проза) мегуфтанд, аммо насри Баҳманёр аз чаҳорчӯби ин истилоҳи маъмули адабӣ берун меравад, фазои бозтаре дорад. Ӯ аз ибтидои фаъолияти адабӣ бо сабки хосе ба саҳнаи адабиёт омад ва то охир ба ҳамон рӯҳияву мавқеъ содиқ монд. Ин сабк мунҳасир ба фардияти ӯст, агар зери мафҳуми сабк василаи худбаёнгарии адиб, мутобиқати комили муаллиф ва ноқил, ифодаи рӯшани «ман»-и адибро ба эътибор дошта бошем...

Ду ҷиҳати муҳими ҳунари нависандагии ӯро, агар каме аз осораш огаҳ бошем, нек дармеёбем: аввалан, ошноии комил доштан бо забон ва ҳама василаву абзори таъсири ҳиссиву шавқии он ва баъдан – тарзи хоссаи образофаринӣ.

Ҷиҳати севум – бисёрмаъноӣ дар нутқи муаллиф ва тавассути сухан офариниши нақшҳои ҳунарие, ки дар пасманзари рафтору гуфтор ва пиндорашон маъниҳои ҷолибе ба мазраи тафаккур сар мезананд. Баҳманёр, бидуни муболиға, устоди навъи аз ҳама мушкилэҷоди насри бадеӣ, яъне ҳикоят аст.

Дар воқеияти адабии мо, мутаассифона, ин навъи ҳунарро ҳамчун зинаи аввали нависандагӣ мешуморанд, чун камоли нависандагиро танҳо дар эҷоди навъҳои бузургтаре, мисли қиссаву роман эътироф мекунанд. Ҳол он ки, ба қавли Чингиз Айтматов, ҳикоянависӣ шабеҳи кандакорӣ дар чӯб аст. Ҷузъиёти мавриди тасвир бояд дақиқ бошад ва адиб дар истифодаи воситаҳои тасвир хеле сарфакор. Агар бисёр на, ҳамин ҳикоёти «Пешрави дор», «Ғӯли кӯҳистон», «Чашмаи ният», «Соли малах»-ро ба эътибор бигирем, ҳамон ду хислати асосии ҳикоятнависии дар боло номбаршуда ва дар маҷмӯъ – кандакори дақиқназар будани Баҳманёрро хоҳем дарёфт.

Дигар омили дар ин навъи наср дасти қавӣ ва табъи дуруcту саҳеҳ доштани Баҳманёр дар он аст, ки дар ҳар лавҳаи зиндагӣ аслу моҳияташро мебинад ва аксаран хонандаашро такон медиҳад, ки ба андеша равад: дар набарди инсону зиндагӣ, инсону ҳаводиси рӯзгор гӯё имкони маънавияти одамро ба санҷиш мегирад, инсонро аз нигоҳи ахлоқу сиришту хӯ дар гирдоби воқеаҳо имтиҳон мекунад...

Хеле аз нависандагони маърўфи дунё, аз қабили Ги де Мопассон, Антон Чехов, Юрий Нагибин, Карел Чапек, Амброз Бирс, Танидзаки, Нодар Думбадзе ва даҳҳо дигар ҳикоятнависон бо ҳамин роҳу равиш эҷод кардаанд, яъне аз тасвири ҷузъитарин ҳаводис мазмунҳои баланди фалсафӣ ҳосил намудаанд.

Дигар вижагии насри Баҳманёр истифодаи барои сабкаш хоси санъати саҷъ аст, ки ба рӯҳия ё тавре ки расман мегӯянд, пафоси ҳикоёташ мувофиқат мекунад. Ва истифодаи ин ҳунар танҳо бо ҳикоёташ маҳдуд намешавад. Дар оғози романи «Шоҳаншоҳ», ки ба қавли муаллиф «ба сирату ба сурат фарққунанда аз дигар романҳост», намунаи зебои ин ҷузъи ҳунарро мебинем:

«Духтар пешопеши ман мерафт. Баландболо бо пойи расову гесувони сиё, либосҳои фарангии фофо, аз онҳоест, ки аз пушти сарашон мебиниву мегӯӣ, чеҳрааш ҳам ба яқин ҳаст зебо. Ман чашм ба мӯйи ӯ дӯхта, по ба муми роҳ кӯфта, дунбол мегирам ӯро...»

Шабеҳ донистани ин ё он адиби забардаст ба ситорае пурдурахш ташбеҳи нав нест: воқеан, дар осмони пурситора ҳар яке ҷилои ба худ хос дорад. Яке аз ҳамин ахтарони осмони адаб Баҳманёр аст, ки дурахши ҷовидона хоҳад дошт.

**Ҳафиз РАҲМОН,**
**адабиётшинос.**

Шодмон ОТАБЕК

# РӮЗЕ АЗ РӮЗҲО...

***Алоқамандони адабиёт бо китоби адиби шинохта Шодмон Отабек – «Ҳангомаҳои Дӯрмон», ки такрор чоп шуда меистад, ошноянд. Китоби «Рӯзе аз рӯзҳо...» баргузидаи ҳамон китоби пешина аст, ки чанде қабл рӯйи чопро дида буд.***
***Хонанда осори адибони номиву шинохта Ғафур Ғулом, Ойбек, Абдулло Қаҳҳор, Эркин Воҳидов, Абдулло Орипов, Ӯткур Ҳошим, Шукур Холмирзоев, Рауф Парфӣ, Анвар Обидҷон, Тоҳир Малик, Иқбол Мирзо, Мирпӯлод Мирзо, Яҳё Тағоро бо дилбастагии зиёд мутолиа намудааст. Дар ин китоб, аз ҷумла, воқеаҳои завқангезу аҷиб ва ибратбахш, аскияю латифа ва лутфҳои латифе, ки ба рӯзгори адибони мазкур иртибот доранд, гирд оварда шудаанд.***
***Чанде аз воқеаҳои китоб ба рӯзгори Устод Айнӣ низ иртибот доранд, ки тасмим гирифтем ба хонандагони рӯзнома пешниҳод намоем.***

### Домодро дар берун монд

Рӯзе аз рӯзҳо Домулло Айнӣ духтарашро ба шавҳар медиҳад. Тӯй бе дабдабаю исрофкорӣ, хоксорона мегузарад. Баъди чанд муддат аз ҷониби қудо вакиле омада, бо нависанда музокира оғоз менамояд.

– Домулло, шумо бо ҷониби қудо ба мувофиқа расида будаед, ки маросими домодсалом баргузор нахоҳад шуд. Вале домод пофишорӣ дорад, ки бояд ба домодсалом ояд. Ҳамаи ҷӯраҳояш ин маросимро гузаронда будаанд. Мегӯяд, ки агар баргузор нашавад, назди онҳо шарманда хоҳад шуд. Барои донистани фикри шумо омада будам.

Айнӣ, баъди дурудароз фикр кардан, изҳор менамояд:

– Бигузор, гуфтаи ӯ шавад, мегӯянд, ки домодро паёмбар низ бинвохта будааст. Вале шарте дорам.

– Чӣ шарт?

– Ин гуфтаро расонед, ки мо танҳо барои даҳ нафар омодагӣ мегирем.

– Домулло, хотиратон ҷамъ бошад, шартатонро пазируфтем.

Ниҳоят дар рӯзи муқарраргардида домод бо ҷӯраҳояш ба домодсалом меояд.

Домулло дар остона меҳмононро худ пазирой менамояд. Ҷӯраҳо ёздаҳ нафар будаанд, бино ба қарордод, нафари ёздаҳум ба хона намедарояд. Вақте воридшудагон рӯйи курпачаҳо мешинанд, мебинанд, ки ҷойи домод холист. Ошкор мегардад, ки ҷавони дар кӯча монда домод будааст.

Вале маросим бояд гузарад. Биноан, домодро ба хона медароранд.

### «Раҳмат»

Домулло Айнӣ аз беэътиборӣ ва гоҳо бешафқатии роҳбарони шӯравӣ нисбати мероси миллӣ ва зиёратгоҳҳо ранҷ мекашид.

Устод рӯзе аз рӯзҳо ба зодгоҳи Абӯалӣ ибни Сино рафта, баландиеро, ки дар он ҷо табиби шаҳир дафн шуда буд, аз назар гузарондан мехоҳад. Дар рафти ҷустуҷӯ чашмаш ба харобаҳо афтода, дуд аз димоғаш мебарояд. Бо иддао ба роҳбари вилоят мегӯяд:

– Мо хокҷойи Ибни Синоро, ки ҳазор сол қабл даргузаштааст, ҷустуҷӯ дорем. Ин чӣ разолату бедодӣ, қабри Мушфиқие, ки ба наздикиҳо даргузаштааст, валангору хароб! Магар бас набуд, ки қабристони Ҳазрати Нурободро ба харобазор табдил дода буданд. Мадрасаи Хӯрҷин, Ҳавзи Говкушон дар куҷост? Сарои Баррас-чӣ? Чӣ қадар масҷиду мадрасаҳо бераҳмона бо замин яксон карда шудаанд. Дареғ... Бухорои шариф аз манзили бум фарқ надорад.

Роҳбари аз суханони пурсӯзи устод нороҳатгардида эътироз баён менамояд:

– Рафиқ Садриддин Саидмуродович! Ин қадар гузаштаро ба ёд овардед? Магар шумо ҳамон нависандаи пролетарӣ нестед?..

– Э, бар падари он рӯзгоре, ки моро нависандаи пролетарӣ кардааст, ҳазор... «раҳмат»!

Устод ин суханонро сари қаҳру ғазаб гуфта буд, дар асл мехост бигӯяд: «Ҳазор лаънат!»

### Ҳарчанд «чужит»-ро намедонист

Дар яке аз рӯзҳои соли 30-юм дар шаҳри Самарқанд ҷамъомади зиёиёни эҷодкор баргузор мегардад. Дар ҷамъомад олимони шинохта ва роҳбарон ширкат меҷӯянд. Яке аз олимони рус доир ба сужет ва композитсия баромад мекунад. Устод Айнӣ аз баромади олими рус чизеро намефаҳмад. Вақте ба домулло Айнӣ сухан дода мешавад, ба минбар баромада мегӯяд:

– Маърӯзаи олими муҳтарамамонро хуб дарк нанамудам. Вожаи «чужит» (сужет)-ро чанд бор такрор кард, вале ман «Ғуломон»-ро, дар ҳоле ки аз чужит хабар надоштам, навиштаам.

### Шумо чӣ навиштед?

Рӯзе аз рӯзҳо Садриддин Айнӣ дар рӯйи сандалӣ бобҳои охирини асари машҳури худ «Ёддоштҳо»-ро менавишт. Дар ин ҳангом ба зиёрати устод ду-се нависандаи ҷавон меоянд. Нависанда онҳоро бо чеҳраи кушод пешвоз мегирад. Меҳмонон дар як гӯшаи сандалӣ ба якдигар ҷафс шуда мешинанд. Дастархони хурди болои сандалӣ дар як лаҳза аз хӯрданиҳо пур мешавад. Яке аз нависандаҳо, ки ашёи хонаи эҷодии устодро аз назар мегузаронд, нописандона мегӯяд:

– Устод, шумо адиби бузург, академик ҳастед. Магар намешавад, баробари замон қадам гузошта, мизу курсӣ ва нармкурсӣ харида, бароҳат нависед?

Устод нимтабассуме карда, посух медиҳад:

– Инҷониб «Қорӣ Ишкамба», «Дохунда», «Ғуломон», «Одина» ва «Ёддоштҳо»-ямро рӯйи ҳамин сандалӣ навиштаам. Шумо дар рӯйи курсиву нармкурсӣ нишаста чӣ навиштед?

Шогирди олуфта аз ин ҷавоб мулзам мешавад.

**Тарҷума аз ӯзбекӣ.**



# Мусобиқаи дастпарварони академияҳои футбол

Дар варзишгоҳи «Ёш куч»-и шаҳри Намангон бо иштироки дастпарварони мактабҳои футболи лигаи профессионалии соли таваллудашон 2005 чемпионати Ӯзбекистон баргузор шуд. Дар баҳсҳо аз шаҳри Тошканд, Қароқалпоқистон ва вилоятҳои мамлакатамон дастпарварони академияҳои футболи суперлигаи мамлакат қувваозмоӣ карданд.

– Мақсади асосии ташкил кардани чемпионати Ӯзбекистон дар байни мактабҳои футболи лигаи профессионалӣ муайян намудани футболбозони соҳибистеъдод ва аз онҳо дастаи мунтахаби миллии Ӯзбекистонро ташкил карда, ба мусобиқаҳои байналхалқӣ омода кардан аст. Чунин мусобиқа дар кишварамон бори аввал ташкил мегардад. Аз футболбозони наврас умедамон калон аст, – гуфт сардори садорати Вазорати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш Ҷаҳонгир Ҳасанов.

Дар баҳсҳое, ки як ҳафта давом кард, футболбозони навраси вилоятҳои Намангон ва Андиҷон дар гурӯҳҳои худ ғолиб баромада, ба финал роҳхат гирифтанд. Бозӣ ба ҳисоби 1:1 ба анҷом расид. Барои муайян кардани ғолиб зарбаҳои ҷаримавии 11 метра таъин шуд. Дар пеналтӣ футболбозони навраси вилояти Андиҷон ҷойи якумро ба даст оварданд ва ба унвони чемпиони Ӯзбекистон сазовор гаштанд.

**А.МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

*Дар арзҳои дӯстӣ*

# АЛИШЕР НАВОӢ ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК




*Муҷассамаи Мавлоно Ҷомӣ ва А. Навоӣ дар шаҳри Самарқанд.* ***Суратгир: Т.ХОВАРӢ.***

Алишер Навоӣ бо асарҳои пурбори тоҷикӣ-форсии худ ба рушди адабиёти тоҷик ҳиссаи арзанда гузоштааст ва яке аз намояндагони ин адабиёт ба шумор меравад. Ӯро ҳоло дар Тоҷикистон ба сифати ҳомии ғамхор ва шоири зуллисонайн эътироф ва эҳтиром мекунанд.

Ба таъбири суханвари бузурги Шарқ ва муҳаққиқи пурмаҳсул Садриддин Айнӣ "хидматҳои Навоӣ дар роҳи рушди адабиёти тоҷик серҷабҳа" буда, онҳоро дар самтҳои зерин омӯхтан мумкин:

– Алишер Навоӣ ва тарғиби адабиёти тоҷик.

– Мероси ғанӣ ва рангоранги тоҷикии Алишер Навоӣ.

– Аҳли илму адаби тоҷикро сарпарастӣ кардани Алишер Навоӣ.

– Таъсири Алишер Навоӣ ба адабиёти тоҷик.

– Алишер Навоӣ – тарҷумони адабиёти тоҷик.

Алишер Навоӣ забон ва адабиёти тоҷикро мукаммал медонист. Мо инро дар асари "Муҳокамат-ул-луғатайн"-и ӯ мушоҳида мекунем, ки ду забонро қиёсан таҳлил кардааст. Бинобар эътирофи худаш девони форсии машҳуре, ки ӯ мутолиа накарда бошад, кам мондааст. Ин шахсияти барҷаста, ки дар рӯҳияи адабиёти тоҷик парвариш ёфтааст, нахустин шеърҳои дар 3-4-солагӣ ёдкардааш ҳам, аввалин машқҳои шеъриаш ҳам бо забони тоҷикӣ будааст. Ӯ дар синни панҷ-шаш солагӣ маснавии "Мантиқ-ут-тайр"-и шоири мутасаввиф Атторро, ки ба 500 ҳазор байт наздик аст, аз ёд медонист.

Бинобар таъкиди худи Навоӣ дар муддати беш аз сӣ сол шоирони тоҷик асарҳои худро назди ӯ оварда, маслиҳат мепурсиданд, таҳрир кардани намунаҳои эҷодиёти худро хоҳиш менамуданд. Ҳатто Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам ҳар чизе, ки нависад, нахуст ба Навоӣ нишон дода, маслиҳат мегирифт. Дар навбати худ Навоӣ низ ин корро мекард. Боз дар бисёр баҳсу мунозираҳое, ки оиди асарҳои шоирони форс-тоҷик сурат мегирифтанд, доварӣ карда, бурд намудааст. Ба қасидаи маснӯъи машҳури Салмони Саваҷӣ ҷавоб навиштааст ва ба воситаи санъати тарсеъ рубоӣ офаридааст.

Алишер Навоӣ барои рушди адабиёти туркии ӯзбекӣ, муайян кардани мақоми ба худ хоси он бисёр ҳаракат намудааст, барои ба туркӣ навиштан дигаронро даъват карда, саъю кӯшишҳои дар ин роҳ амалишавандаро дастгирӣ намуда, худи ӯ намунаҳои барҷастаи бадеии ин адабиётро ба вуҷуд оварда, ба адабиёти форс-тоҷик ҳеҷ гоҳ бо чашми бегона нанигаристааст, баръакс онро ба сифати яке аз беҳтарин адабиёти ҷаҳон эътироф карда, барои дар адабиёти туркӣ ҷорӣ кардани анъана ва таҷрибаҳои пешқадами он саъй намудааст. Осори намояндагони бузурги ин адабиёт, мисли Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Фаридуддин Аттор, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҷалолуддини Балхии Румӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ барои ӯ намуна будааст. Таснифи шоирон дар «Маҳбуб-ул-қулуб» аз эҷодиёти ҳамаи намояндагони машҳури адабиёти форсӣ хабардор будани ӯро нишон медиҳад.

Маълум аст, Алишер Навоӣ, ки ҳанӯз аз 15-солагӣ ба сифати шоири зуллисонайн шинохта шуда буд, дар баробари забони туркии ӯзбекӣ ба забони форсии тоҷикӣ низ бо тахаллуси Фонӣ пурсамар эҷод намудааст. Сабаби якуми ба забони форсии тоҷикӣ эҷод кардани ӯ таъсири суханварони форс-тоҷик бошад, дуюмаш ин аст, ки дар асри XV мавқеи ҳукмронии забони форсӣ ба сифати забони расмӣ ва адабӣ буд, сеюм, гуфтан мумкин аст, ки бо забони форсӣ ҳам эҷод намуда, мехост собит намояд, ки дар ин бобат низ тасаллут дорад. Шоир дар бораи ба ду забон асар навиштани худ ишора карда мегӯяд, ки гӯё дар бозори сухан як тараф дӯкони шириниву як сӯ заргарӣ ифтитоҳ намудааст:

*Маънии ширину рангинам ба туркӣ*
*беҳад аст,*
*Форсӣ ҳам лаълу дурҳои самин,*
*гар бингарӣ.*
*Гӯиё дар раста бозори сухан бикшодаам*
*Як тараф дӯкони қаннодиву як сӯ заргарӣ.*

Навоӣ баъди тартиб додани "Хазоин-ул-маонӣ" солҳои 1495-1500 намунаҳои осори форсӣ-тоҷикиашро ҳам ҷамъоварӣ намуда, "Девони Фонӣ"-ро тартиб медиҳад. Он аз 552 ғазал, 1 мусаддас, 1 марсия-таркиббанд, 73 қитъа, 72 рубоӣ, 16 таърих, 9 луғз (чистон), 373 муаммо иборат аст. Аксарияти ғазалҳо татаббӯъҳое мебошанд, ки ба ашъори шоирони машҳури форс-тоҷик баста шудаанд. Аз ҷумла, шоир ба 237 ғазали Хоҷа Ҳофиз, 52 ғазали Ҷомӣ, 33 ғазали Амир Хусрав, 25 ғазали Саъдӣ ва шоирони дигар татаббӯъ кардааст.

Навоӣ дар "Девони Фонӣ" ба ғазалҳои форсии худ тахти унвонҳои "Мухтареъ", "Ихтироъ" сарлавҳа гузоштааст, ки миқдори онҳо аз 50 адад беш аст. Мавҷудияти 7 нусхаи девони форсии Навоӣ нишондиҳандаи он аст, ки байни халқ васеъ паҳн шуда будааст.

Татаббӯъҳои Алишер Навоиро набояд ба он тарз фаҳмид, ки ӯ аз эҷодиёти салафони худ илҳом гирифта, тахти таъсири онҳо ғазалҳои монанд офарида бошад. Навоӣ ғазалҳои беҳтарини симоҳои пешқадами адабиёти форс-тоҷикро интихоб намуда, дар ҳамон вазн, қофия ва радиф мавзӯи баёнкардаи онҳоро идома медиҳад, бо нерӯи тафаккури амиқ ва салоҳияти шоирии нотакрор паҳлуҳои нави мавзӯъро кушода медиҳад.

Ба ҷуз ин, Навоӣ бо забони форсии тоҷикӣ ду маҷмӯаи қасида ҳам тартиб додааст. Яке аз онҳо "Ситтаи зарурия" ном дошта, 6 қасидаро дар бар мегирад: 1. "Рӯҳ-ул-қудс" — 132 байт. 2. "Айн-ул-ҳаёт" — 106 байт. 3. «Туҳфат-ул-афкор" — 99 байт. 4. "Қут-ул-қулуб" — 120 байт. 5. "Минҳоҷ-ун-наҷот" — 138 байт. 6. "Насим-ул-хулд" — 129 байт. Маҷмӯаи қасидаҳои "Фусули арбаъа" бошад, аз 4 қасида иборат аст, ки ба фаслҳои сол бахшида шудаанд: 1. "Саратон" — 71 байт. 2. "Хазон" — 33 байт. 3. "Баҳор" — 57 байт. 4. "Дай" — 70 байт.

Дар назми классикии форс-тоҷик қасида мақоми баланд дошта, он мизони муҳими нишондиҳандаи салоҳияти шоир будааст. Қасида танҳо аз мадҳу санои шоҳону амалдорон иборат набуда, дар мавзӯъҳои фалсафиву ирфонӣ, ахлоқиву таълимӣ низ намунаҳои нодири жанри мазкур офарида шудаанд.

Дар "Туҳфат-ул-афкор", ки дорои тафаккури амиқ ва тахайюли нозук мебошад, Навоӣ бинобар эътирофи ҳамаи ҳамзамонони худ доди сухан ва маъниро дода, фасоҳатро ба авҷи аъло расонидааст ва ин қасида қуллаи баланди истеъдоди шоирии ӯ ва гавҳари қиматбаҳои садафи шеъри форсии тоҷикӣ ба шумор меравад.

Асари "Муфрадот" (Рисола дар бораи муаммо) соли 1485 таълиф гардида, оиди назарияи муаммо мебошад. Ба сабаби он ки дар он услуб ва амалҳои гуногуни муаммо содда ва фаҳмо баён карда шудаанд, шуҳрати зиёд касб намудааст. Абдураҳмони Ҷомӣ ба ин асар баҳои баланд дода, ба писараш Зиёвуддин Юсуф онро ба сифати китоби дарсӣ тавсия кардааст.

Мероси форсии Алишер Навоӣ аз ҷониби ҳамзамонони машҳури ӯ мисли Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Камолиддини Биноӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Ғиёсиддини Хондамир, Фахрии Ҳиравӣ, Аҳлии Шерозӣ баланд арзёбӣ шудааст. Аз ҷумла, Абдураҳмони Ҷомӣ дар хотимаи "Ҳафт авранг" ба истеъдод ва маҳорати Навоӣ баҳои баланд дода, таъкид мекунад, ки ӯ ба панҷаи Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ муносиб панҷа зада тавонист.

*Ки гар будӣ он ҳам ба назми дарӣ,*
*Намондӣ маҷоли сухангустарӣ.*
*Ба мизони он назми муъҷазнизом*
*Низомӣ кӣ будию Хусрав кадом?*

"Хамса"-и Алишер Навоӣ фақат пайравии салафҳо, таъсирпазирӣ аз онҳо ва қувваозмоӣ набуда, балки намунаи нави такмилёфтаи "Хамса"-ро ба майдони сухан гузоштан ҳам буд.

Маълум аст, дар нимаи дувуми асри XV дар Ҳирот адабиёт, санъат, маданият, илму фан ривоҷ ёфт. Дар ин бобат саҳми Навоӣ ба сифати арбоби давлатӣ калон аст. Олимоне чун Мирхонд, Атоуллоҳи Ҳусайнӣ, Мавлоно Фасеҳиддин, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдураззоқи Самарқандӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Хондамир, шоироне мисли Мавлоно Осафӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Зайниддини Восифӣ, Абдуллои Ҳотифӣ, котибоне чун Султоналии Машҳадӣ, рассом ва наққошоне мисли Камолиддини Беҳзод, Қосим Алии Чеҳракушо, Шоҳ Музаффар, Хоҷа Мираки Наққош, Мавлоно Муҳаммади Исфаҳонӣ, созандагоне аз қабили Шоҳқули Ғиҷҷакӣ, Абдулқодири Ноӣ, Ҳусайни Удӣ, Дарвеш Аҳмади Қонунӣ, табибоне мисли Абдулҳайтабиб, Мавлоно Ҳаким, Дарвешалии табиб, мунаҷҷимоне мисли Мавлоно Кавкабӣ, Хоҷа Авҳади Муставфӣ, Муҳаммади Олим ва бисёр мутахассисони соҳаҳои дигар тахти сарпарастии Навоӣ зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Чунончи, ӯ ба донишманди шеърияти мумтози Шарқ Атоуллоҳи Ҳусайнӣ хонаи ҳашаматнокеро аз ҷойи хушбоду ҳавои Ҳирот туҳфа мекунад. Барои навиштани асари таърихии "Равзат-ус-сафо", ки аз ҳафт ҷилд иборат аст, барои Мирхонд ҳама шароитро фароҳам месозад — хонаи худро, ки дорои китобхонаи калон буда, дар хонақоҳи "Халосия" ҷойгир шуда буд, бо асбоби навишт ҷиҳозонида, ба ихтиёри ин муаррихи забардаст мегузорад.

Садриддин Айнӣ дар тадқиқоти ба Алишери Навоӣ бахшидаи худ 46 асарро ном ба ном зикр мекунад, ки бо ташаббуси ин шоири бузург офарида ва ба ӯ бахшида шудаанд. Танҳо Ҷомӣ бинобар илтимоси Навоӣ ё бахшида ба ӯ 27 асар навиштааст. Дар ин бобат худи ӯ дар муқаддимаи ин асарҳояш таъкид мекунад.

Алишер Навоӣ аз устодони суханвари пешин дарси маҳорат омӯхта, дурдонаҳои нотакрори бадеӣ офаридааст. Бо шурӯъ аз ҳамзамонҳояш, мисли Давлатшоҳи Самарқандӣ, Мавлоно Осафӣ, Камолиддини Биноӣ, Зайниддини Восифӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Абдуллои Ҳотифӣ, Аҳлии Шерозӣ, ҳамаи шоирони асрҳои баъдӣ аз ин шоири бузург дарси маҳорат омӯхтанд, ба ӯ пайравӣ намуда, ба ду забон эҷод карда, анъанаи зуллисонайниро ривоҷ доданд. Шоирони муҳити адабии Самарқанд, Бухоро, Хева, Қӯқанд, Хуҷанд, аз ҷумла, Навоиро ба худ устод ва дар роҳи эҷод раҳнамо донистаанд. Ба назар мерасад, ки то Навоӣ ва дар замони ӯ эҷодкорони ӯзбек тахти таъсири шоирони тоҷик ба забони форсии тоҷикӣ ҳам асар эҷод карда бошанд, пас аз Навоӣ бо таъсири ӯ байни шоирони тоҷик туркигӯйҳо пайдо шуданд. Онҳо ба бисёр ғазалҳои Навоӣ татаббӯъ навишта, мухаммасҳо бастаанд. Аксарияти ин шоирон ба ду забон девон ҳам тартиб додаанд. Аз ин рӯ, онҳо ба таври ҳаққонӣ намояндагони ду адабиёт ба шумор мераванд.

Алишер Навоӣ натанҳо шоири сермаҳсул ва забардаст мебошад, балки инсони донишманд, нозуктабъ ва адабиётшиноси сахтгир ҳам буд. Тазкираи "Маҷолис-ун-нафоис"-и ӯ, ки ба сифати адабиётшинос ба муҳити адабии асри XV ва намояндагони он баҳо додани муаллифро дар худ инъикос намудааст ва айни замон дар бораи тараққиёти жанрҳо низ маълумот медиҳад, ба таъбири Садриддин Айнӣ «бо вуҷуди ба забони ӯзбекӣ навишта шудан, манбаи асосии таърихи адабиёти тоҷик дар асри XV низ мебошад». Дар асари мазкур, ки аз муқаддима ва 8 қисм иборат аст, муаллиф дар бораи 459 нафар шоири пеш аз худ гузашта, бо ӯ дар як давр зиста ва ҷавон (39 нафари онҳо ба забони туркӣ эҷод кардаанд) маълумот дода, аз ашъори машҳур ва мукаммали онҳо иқтибос меорад. Баҳоҳои мухтасари Навоӣ моҳият ва самтҳои асосии эҷодиёти ин ё он шоирро муайян менамояд. Асосан, ба воситаи "Маҷолис-ун-нафоис" расида омадани маълумотҳо дар бораи аксарияти ин шоирон қимати онро ба сифати манбаи адабӣ меафзояд. Барои ҳамин ҳам, асари мазкур танҳо дар асри XVI се маротиба ба форсӣ тарҷума шудааст. "Маҷолис-ун-нафоис" ба тазкираҳои баъдӣ таъсири калон гузошт.

Алишери Навоӣ аз он ки дар тазкираи "Маҷолис-ун-нафоис" дар бораи бисёр шоирони форс-тоҷик маълумот ва ба эҷодиёти онҳо баҳо дода, дар пандномаи "Маҳбуб-ул-қулуб" ҳамаи шоирони машҳури то замони худ гузаштаи таърихи адабиёти форс-тоҷикро бинобар самти эҷодиашон тасниф карда, дар бобати ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ тахти унвони "Хамсат-ул-мутаҳаййирин" асари махсус навишта, дар тазкираи "Насоим-ул-муҳаббат", достонҳои "Хамса" ва як қатор асарҳои дигари худ ба эҷодиёти суханварони забардасти форс-тоҷик мисли Абулқосими Фирдавсӣ, Ҳаким Саноӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Фаридуддини Аттор, Ҷалолуддини Балхии Румӣ, Фахриддини Ироқӣ, Маҳмуди Шабистарӣ, Мавлоно Ашраф, Хоҷуи Кирмонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ муносибат баён кардааст, дар адабиётшиносии форс-тоҷик ҳам мавқеи ба худ хос дорад.

Алишер Навоӣ яке аз тарҷумонҳои ӯзбеки адабиёти форс-тоҷик ҳам ба шумор меравад. Тарҷумаи осори Абдураҳмони Ҷомиро дар замони худ айнан ӯ оғоз ниҳода буд. Бо мақсади туркзабононро ҳам баҳраманд кардан аз тазкираи "Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ул-қудс", ки бо пешниҳоди худи Навоӣ солҳои 1476-1478 аз ҷониби устод ва дӯсташ Ҷомӣ дар бобати ҳаёт ва фаъолияти шайхону валиён навишта шудааст, ба забони туркӣ баргардондани онро ният мекунад. Дар ҷараёни тарҷума зикри 154 машоихи ҳинд, турк ва форс илова мешавад, дар натиҷа дар "Нафаҳот-ул-унс" дар бораи 616 нафар шайх-ул-машоих маълумот дода шуда бошад, дар "Насоим-ул-муҳаббат" миқдори онҳо ба 770 нафар мерасад. Ҳамчунин, ӯ "Чил ҳадис"-и Ҷомиро низ, ки аз талқини назмии чил ҳадиси оид ба одобу ахлоқ иборат аст, бо ризоияти устоди худ бо номи "Арбаин" тарҷума мекунад.

Маълум мешавад, ки хидматҳои Алишер Навоӣ барои рушди адабиёти форс-тоҷик назаррас аст. Бинобар мероси форсии ӯ донишмандони ду халқ мисли Садриддин Айнӣ, Абдурауфи Фитрат, Ҳамид Сулаймон, Абдулғанӣ Мирзоев, Шоислом Шомуҳамедов, Эргашалӣ Шодиев, Содирхон Эркинов, Ботир Валихӯҷаев, Раҳмонқул Орзибеков, Ёқубҷон Исҳоқов, Аҳмад Абдуллоев, Наҷмиддин Комилов, Абдусалом Абдуқодиров, Алишер Шомуҳамедов ба ин ё он дараҷа тадқиқот бурда бошанд ҳам, ин мероси бузург дар ҳолати яклухтӣ омӯхта, ба таври бояду шояд арзёбӣ нагардидааст.

**Эргаш ОЧИЛОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ.**

Адабиёт ва санъат

# НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ АДИБОНИ САМАРҚАНДИ ЧУ ҚАНД



*Ҳаёт НЕЪМАТ*

## НОНИ САМАРҚАНД

Аз Самарқанди барӣ
ҳар аҷнабӣ
нони горматро чу савғо мебарад,
Рӯйи дунё мебарад.
Худ ба ҳар ҷое равам, андар бағал
Нону шеърам назди ёрам меравам,
Пуру паймон меравам,
Шоду хандон меравам.
Ҳеҷ як шаҳре набошад дар ҷаҳон
То ки бошад нону имонаш қиёс,
Нону виҷдонаш қиёс,
Нону имконаш қиёс!
Ҳеҷ як халқе набошад дар замин,
То ки бошад нон рамзи санъаташ,
Нон қадру қиматаш,
Нон фахри миллаташ!
Рамзи халқи мост,
бешак, нони мо,
Нони мо –
ин номи мо,
ин ҷони мо!

*Салим КЕНҶА*

## ҶОН САМАРҚАНДАМ

*Ту, эй боғу баҳори нозанинам, ҷон Самарқандам,*
*Ту ҳастӣ Сайқали рӯйи заминам, ҷон Самарқандам.*
*Ҳамехоҳам набинам дарду доғатро дар ин дунё,*
*Фақат рушду камолатро бубинам, ҷон Самарқандам.*
*Дар оғӯшат ҳамеша, модари ҷон, шодмон ҳастам,*
*Туӣ ҷонам, туӣ оину динам, ҷон Самарқандам.*
*Маро илҳом мебахшад хиёбон, кӯчаҳои ту,*
*Баҳори бехазони гул баринам, ҷон Самарқандам.*
*Ниҳоли боғу роғи ту зи мева пур бувад доим,*
*Зи ҳар шохи дарахтат мева чинам, ҷон Самарқандам.*
*Даме, ки зинда ҳастам ман, дар авсофат ғазал хонам,*
*Ту шеъри аввалину охиринам, ҷон Самарқандам.*
*Хурӯшад табъи дил аз ҳусни зебою диловезат,*
*Аё, эй зодгоҳи дилнишинам, ҷон Самарқандам.*

*Асадуллоҳ ИСМОИЛЗОДА*

## БУХОРО

*Эй Бухоро, оби шӯрат оби чашмони ман аст,*
*Раъду барқат қатрае аз мавҷи исёни ман аст.*

*Баҳри ҳар як заррахокат ҷон бидодам солҳо,*
*Сангу хишти ҳар манорат  пораи ҷони ман аст.*

*Моҳи Хоса бо ҳамон истораи рахшони худ*
*Раҳнамои миллати аз худ гурезони ман аст.*

*То ҳанӯз Исмоили Сомонӣ аз худ норизо,*
*Норизо аз ҳамзабони нобасомони ман аст.*

*Бӯалӣ Сино надорад як нишоне дар диёр,*
*Ҳар гиёҳи ин замин ҳарчанд дармони ман аст.*

*Аз Баҳоуддин Балогардон бигирам ибрате,*
*«Дил ба ёру дас(т) ба кор» ин рамзи имони ман аст.*

*Эй Бухоро, шуҳрати ту оламе тасхир кард,*
*Таърихи пурэътиборат шавкату шони ман аст.*

*ХОҶА*

## АНГЕЗАЕ БАРОИ ХУД

*Ҳар нафас дар роҳи ҳақ бо дидаи бедор бош!*
*Бо тамоми лаҳзаи эҳсоси худ ҳушёр бош!*
*Дар раҳи ҳақ он қадарҳо домҳо густурдаанд,*
*Мурғи ҳақ шав, дар кушуду тадбири асрор бош!*
*Ин ҷаҳон майдони нерӯи набарди зидҳост:*
*Назди гулҳо гул бибошу пеши хорон хор бош!*
*Даври гардун ҳар киро бигзорад андар ҷойи худ,*
*Нуқтаи гардандае дар гардиши паргор бош!*
*Ё Баҳоуддин Балогардон! Мадад бинмову гӯй:*
*Дил ба Ишқи Ёр дору дасти худ дар кор бош!*
*Ҳуши худ дар дам бибошу бар қадам бинмо назар,*
*Сайр бинмо дар Ватан, дар хилвати аҳрор бош!*
*Ойина бар каф бигиру худ шиносу ҳақ шинос,*
*Рӯ ба рӯ бо Ёри худ дар олами анвор бош!...*

## «ҲОҶӢ АБДУЛАЗИЗ, БА МИНБАР БАРОЕД!»

Ҳаҷвия

– Эҳ, замоная гардам. Садқаи номи баланди роҳбарони ин замон шавам.

Болои устали чармини сиёҳашон, ки нишастанд, кӣ буданашонро ҳам фаромӯш мекунанд, хонахамирҳо..., – тоқии сарашро албонҷ дода ба рухсори арақшораш шамол мерасонд Саттори Самеъ.

Ӯ роҳҳои пурпечутоби зиндагиро гашта, пойҳоро аз зарби сангшолу хоктӯдааш обила сохта, зина ба зина дар мактаби зиндагӣ хонда, ба гуфти ҳамсоягонаш одам шуда, сонӣ ба курсии мансаб нишастааст. Барои ҳамин, ҳар суханаш мағзу маза дорад. Чӣ гуфтанашро медонад, одамро мешиносад, дарди оламро ҳис мекунад.

– Акнун ба гапи ин роҳбари навбаромад на хандида метавонеду на гириста. Хандиданӣ шавед, даҳон калон кушода мешаваду ҷойи холии дандони ақл намудор мегардад. Гиристанӣ шавед, ҳоло рӯймолчаро аз киса набароварда, ба ҳолатон механданд. Механданд, ки мардак ҳам гиря мекардааст-дия. Айби замон не. Муйинбобои навадсола дуруст мегуфт, ки айби замон не, худи одамҳо ганда шудагӣ. Одамҳоя баъзе роҳбарҳои худдонами камсавод ганда кардагӣ, – тоқиро ба сар гузошта, даст ба зону зада, худ ба худ оташинона изҳор дошт Саттори Самеъ.

Ба айбе хандидан, даҳони ғайбат кушодан дар асл ба хулқу атвори Саттори Самеъ бегона аст. Вале ҳоло ӯро чун собиқадори меҳнат, касе, ки рангҳои сиёҳу сафеди зиндагиро фарқ карда метавонад, ба маҷлис даъват намудаанд. То ба ин идора омадан гумон мекард, ки аз вай ҳам барои салоҳи кор ягон чиз мепурсанд. Равед, ки аз таҷрибааш истифода мебаранд. Охир, одам дар ин айёми сериву пурӣ ҳатто ба тӯй ҳам танҳо барои хӯрдан намеравад...

Бо Саттори Самеъ дар тӯйи як шиноси деринааш чунин воқеа рух дода буд. Раиси давра хандону печон назди ӯ омаду тамаллуқкорона пурсид:

– Саттор Самеевич, ҳамин домоду келинро як табрик мекардед? Ё фурсат надоред? Табрик мекунед?...

– Ҳой, маҳмаддоно, ман ин ҷо барои шунидани бидирбидири тую харовозии артистонат наомадем. Ҳар ду гӯшамро ба девори қиёмат наздик кардед. Хӯрдану нӯшидан дар хона ҳам ҳаст. Мақсадам табрик карда, аз ин ғалоғулаи дилбеҳузуркунанда дур шудан, фаҳмидӣ?! – ба шӯр омад Саттори Самеъ.

Вақте ин гапҳоро мегуфт, ду шоҳраги гарданаш берун ҷаста буданд. Аз асаб бари рухсораш мепарид.

Охир, солҳои дароз як корхонаи калони истеҳсолиро роҳбарӣ кунаду қадраш ҳамин қадар бошад, сахт алам мекардааст. Ё мардум ҳама роҳбарро як хел: дарди нафсу шикам медонад, ё...

Раиси давра аз ваҷоҳати Саттори Самеъ сахт тарсид магар, ки тозон назди санъаткорон рафта, онҳоро аз авҷу пардаи баланд якбора ба замин фаровард. Яъне, ҳофиз ба гапи баранда, ки надаромад, чароғи дастгоҳи овоздиҳиро якбора кушт. Акнун на овози овозхони тӯйгард мебаромаду на садои фонограммаи ӯ.

Саттори Самеъ аз он хиҷолат мекашид, ки барандаи бечора аз тарс дами аҳли санъатро ба дарун зад. Иллати беҳунарии онҳоро ошкор сохт.

Рост-дия, ҳоло соҳиби маърака ҳам ба ҷойи даҳ нафар як каси барояш наздиктарро мегӯяд, ки аз вай ягон табрики бамаънӣ, равед, ки ягон тӯёнаи дурусттар рӯёнад. Саттори Самеъ – ин пири пуртаҷриба ҳақ дорад, ки рӯйи саҳна омада, ба ҷавонон дуо диҳад.

*Ғарази сайру саёҳат*
*талаби дидор аст,*
*В-арна ин нону намак*
*мардуми мо бисёр аст,*

– сухан оғоз кард Саттори Самеъ пеш аз салому паём ва табрик.

Ин байт ба баранда, ки то ин лаҳза гирифтори теғи нигоҳи санъаткорон гардида буд, форид. Ӯ ҳамаи «айб»-ро ба гардани Саттори Самеъ партофта буд. Баробари аз дасти табриккунанда гирифтани микрофон суханпардозӣ мекарду айбҷӯӣ.

– Дидед, азизон, дӯстон. Агар ба Саттор Самеевич сухан намедодем, намешуд. Худашон гуфтанд-ку:

*Мақсад аз омаданам*
*табрики ин тӯйдор аст.*
*В-арна ин нону намак дар*
*ҳама ҷо бисёр аст.*

Одамҳое, ки сари роҳи Саттор Самеевич истода, бо он кас сӯҳбат ороста, як пиёла чой нӯшиданӣ мешаванд, бисёранд. Мана, ин кас ҳамин қадар одамонро монда, ба тӯйи мо омаданд, хуш омаданд...

Раиси маърака боз чиҳо гуфт ба гӯши Саттори Самеъ надаромад. Зеро ӯ аз тӯйхона хеле дур рафта буд.

Ҳоло ба ин маҷлиси ҳукуматӣ низ ӯро даъват кардаанд, ки ягон фикри худро гӯяд. Маслиҳат диҳад. Аммо ғайр аз худи мудири шӯъба каси дигар ба чизе гуфтан ҳақ надошт. Баъд аз ҳар суханаш «Фаҳмидед? Ҳамин хел бояд бошад!» мегуфт мудир омирона.

Мавзӯи маҷлис барқарор намудани вазъияти динӣ дар вилоят буд. Дар он арбобони дин, олиму шоир, аҳли зиёву маърифат ва санъат ҳузур доштанд. Мудири шӯъба рӯйхати онҳоеро, ки бояд бо халқи минтақа сӯҳбати фарҳангӣ гузаронанд, эълон мекард.

Барои он, ки бо рӯйхат пешакӣ шинос набуд, ҳиҷо мекард:

– Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов. Куҷост? Омадагӣ? – аз коғаз сар набардошта меҳонд ӯ.

Як муаллими коллеҷи санъат оҳистекак «Мо ҳамин ҷо» гуфт. Мудир намедиду мегуфт: «Нағз-нағз».

– Маъруф Ҳоҷӣ ҳамин ҷо?

– Ҳамин ҷо, ҳамин ҷо, – овоз мебаромад аз толор.

– Ҳоҷӣ Муин – музей...

Мудир якбора дарғазаб шуду овоз баровард:

– Ҳӯй, канӣ коргари котибият – Исрофил? – ва бо ҳамон қаҳр садо дод:

– Ман ба шумоён гуфтам, ки ин қадар ҳоҷиҳоро ҷамъ накунед! Ин ҳоҷиҳотон боз аз шохаҳои дин гап зада, фикри одамонро вайрон мекунанд! Фаҳмидед?! Мисол, куҷост, Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов ба саҳна барояд, гӯяд канӣ, ба халқ чӣ гуфта метавонад? Охир ӯ ғайр аз «намоз хонед, рӯза доред», чӣ ҳам гуфта метавонад!...

Маҷлисгоҳ чунон ором шуд, ки пашша пар занад шунида мешуд.

Саттори Самеъ гумон кард, ки мудир ҳазл мекунад. Охир пири санъати мақомро нашинохтани арбоб мумкин нест! Не, ӯ ҷиддӣ буд.

– Дидед, ин хелҳо ба маҷлис ҳам намеоянд. Ҳоҷӣ Муин Шукруллозода куҷост?

Боз ҷавоб, ки нашуд, мудир хандаи истеҳзоомез намуду гуфт:

– Ана, Ҳоҷӣ Муинаш ҳам моро писанд намекунад.

Наомаданаш ҳам беҳтар, бо саллаву риш халқро раҳгум карданаш мумкин. Ба ҷойи инҳо ягон артистро гӯед, ду-се суруд мехонаду халқро ба рақс медарорад. Хайр, аз ин ҳоҷиҳотон кадомаш омадагӣ? Шоираш зинда будагист, – ба толор бо умед нигарист мудир.

– Шоир – абадзинда. Вай мурданӣ надорад, – садое шунида шуд аз толор ва сӯйи минбар ҷавонмарди мӯйлабчадоре расида омаду гуфт:

– Ман Маъруф Ҳоҷӣ – аъзои Иттифоқи нависандагон!

– Раҳмат Ҳоҷиака... гап занед, ки ба одамон дар бораи маънавият ва маърифат чиҳо мегӯед? – суол кард мудир.

– Мудири муҳтарам, аввало ба одамон мегӯям, ки ман Ҳоҷӣ нестам. Номи бобоям Ҳоҷӣ. Номи худам Маъруф. Сонӣ мегӯям, ки Ҳоҷӣ Абдулазизу Ҳоҷӣ Муин ҳоҷиҳои ҳақиқӣ, олиму шоир ва санъаткорони бузурги даврони худ буданд...

Ҳанӯз сухани Маъруф Ҳоҷӣ ба охир нарасида, мудир баландтар садо кард:

– Шумо – шоир, ба Ҳоҷӣ Абдулазизу Ҳоҷӣ Муин кордор набошед. Вақте моро писанд накарда, наомаданд, ҷазо медиҳем. Ҷарима мегузорем. Якеашро аз коллеҷ, дигарашро аз музей дафъ мекунем. Онҳо надонистанд, ки бо кӣ бозӣ мекунанд. Ба шумо раҳмат, ки омадед, нутқи зебо доштаед. Ба шумо рухсат медиҳем, ки бо халқ рӯ ба рӯ шавед. Шинед.

– Исрофил! – боз дод зад мудир ба зердасти худ. – Худи ҳозир ҳар ду ҳоҷии саркашро ёфта, аз ҳардуяш ҳам узрхат мегирӣ. Пойҳояшон аз замин канда бошад, пайванд мекунем. Чаро ба ҷояшон ягон касро нафурсонданд, навишта диҳанд. Худат ҳам рапорт менависӣ.

Ба кордории мудир Исрофили қобилу сархам ҳам тоқат карда натавонист.

– Мудири муҳтарам, ин ҷо як нофаҳмие шуд, узр. Аслан мо вакилҳоро аз коллеҷи Ҳоҷӣ Абдулазизу музейи Ҳоҷӣ Муин чеғ зада будем. Онҳо омадаанд...

Мудир боз худнамоӣ кард:

– Исто, Исрофил, чаро худи ҳоҷиҳо наомаданд. Аз маҷлиси мо ҳам зарууртар коре доштаанд?

Ҳозирин ба ҷунбишу ғалоғула даромаданд. Пичир-пичир авҷ гирифт.

– Писарам, – мисли он, ки аз раиси тӯй маҷбуран иҷозат пурсида буд, бо амри виҷдон аз ҷой хеста садо кард Саттори Самеъ, – як сухан дорам. Иҷозат ҳаст?

Ба «ҳа» ё «не»-и мудир эътиборе надода, аз назди издиҳом сӯйи минбар рафт Саттори Самеъ. – Аввало мебахшед, ки шумои мансабдорро писарам гуфтам, – узрхоҳона сухан оғоз кард Саттори Самеъ. – Агар ба сухан намебаромадам, намешуд. Чунки одатан зердастон айби роҳбарро ба рӯяш намегӯянд. Боз назди ин қадар халқ. Ним соат боз масъалаи ҳоҷиҳоро мебинед. Он Ҳоҷӣ Абдулазизу Ҳоҷӣ Муине, ки шумо ин ҷо дидан мехоҳед, панҷоҳ сол пеш аз олам гузаштаанд... – Саттори Самеъ ба гуфтаҳои худ нуқта нагузошта, мудир боз дод зад:

– Исрофил, чаро рӯйхати одамони мурдаро ба ман додӣ!

– Рафиқ мудир, шумо агар аз ибораи ба номи коллеҷи Ҳоҷӣ Абдулазиз сарфи назар мекардед, чашматон ба номи масъули соҳа Абдураҳмон Олимов меафтод. Барилова, корманди музейи Ҳоҷӣ Муин – Фазлиддин Шукруллоев аст..., – овози ларзони Исрофил базӯр мебаромад.

– Ана ин гапи дигар, писар, – ба ҳар ду нигарист Саттори Самеъ, – ин мард ҷуръат карда, ҳамин ҳақиқатро гуфт, ба ҳаминаш ҳам шукр.

Зеро ин ҷо нишастагон ҳама аз аҳли фазл бошанд ҳам, андешаи фардои худро мекунанд. Охир дар курсии мансаб нишастаанд. Ман бошам, як пири фартут. На мансаб дораму на курсӣ. Ба шумо маслиҳатам ин аст, ки аввал ба маҷлис дурустакак тайёрӣ бинед. Бо зиндагии алломаҳои маънавият шинос шавед. Роҳбари соҳа шоиру муллоро фарқ карда натавонад, айб аст...

– Ало, хӯҷаин, ҳозир меравам!

Ин овози мудир буд, ки телефони бесим дар гӯш аз толор баромада мерафт. Гӯё насиҳати Саттори Самеъ ба гӯши ӯ намедаромад.

– Саттор Самеевич, кори нағз накардед. Ин кас додарзодаи Султон Амирович. Барои ба вазифаҳои болотар «трамплин» шудан, дар соҳаи мо роҳбар таъин шуда буданд. Оббо, калон хафа мешаванд-дия...

Саттори Самеъ дар ҷойи худ рафта нишасту чашмонашро пӯшид, то аз ин ғалоғула «дур» бошад. Вақте чашмонашро кушод, толорро тамоман холӣ дид. Фаррошзан бо тоза кардани фарши маҷлисгоҳ машғул буд.

– Хоҳар, кори шумо душвортарин амали дунё будааст. Хасу хошокро бояд аз саҳни маънавият дур созед.

**Озод ҲАМИДЗОДА.**

## ЧОЙПУЛӢ

(Ҳикоя)

Ҳаво сард буд ва ҳавои дили мардум сардтар аз он. Сардии ҳаво сӯзанвор ба тан неш мезад. Одамон сар даруни гиребон кашида, гардану гӯши худро аз шамоли сарсарӣ паноҳ мекарданд.

Сабукраве аз тарафи деҳаи Мотурид ба чорроҳаи Даҳбед наздик шуд. Роҳро аз пеши бонки «Роҳи абрешим» бо лента баста, барои ҳаракати мошинҳо иҷозат намедоданд. Сабукравҳое, ки ба тирбандӣ даромадаанд, аранг қафо бармегаштанд.

– Дар ин ҷо чӣ гап бошад? – ба пеш гардан ёзонд шофёр ва сар аз оина бароварда аз роҳгузаре пурсид:

– Бародар, чӣ гап? Чӣ шудааст?

– Як зан мурдааст, – ҷавоб дод роҳгузар.

– Ба чорраҳа гузашта намешавад, – ба мусофирони мошин рӯй овард шофёр. – Ман аз ҳамин ҷо бармегардам.

Ҷавони қадбаланди хушлибос, ки дар паҳлӯи ронанда менишаст, роҳкироро дода, шикоятомез:

– Ин қадар роҳро чӣ хел пиёда меравем? – пурсид.

– Роҳ маҳкам. Набошад мебурдам.

Ҷавони қадбаланд зери лаб ғурунгида, ба тарафи чорроҳаи Даҳбед шитофт. Шамоли сард ба сару рӯй бераҳмона ҳамла мекард. Дар як лаҳза гӯшу бинии ҷавонмард лолагун гардид. Аз байни мошину издиҳом гузашта, ба истгоҳ наздик шуд. Милисаҳо гирдогирди истгоҳро, ки мусофиркашонҳои ноҳияи Пойариқ дар ҳамин ҷо меистоданд, иҳота карда буданд. Мардум дар беруни лента ҷамъ омада, аз ҳамшафатони худ дар бораи майит мепурсиданд. Яке «мошин задааст» гӯяд, дигаре «аз хунукӣ ях карда, мурдааст» мегуфт, сеюмӣ тахмин мекард, ки «кушта рафтаанд». Баъзеҳо ба навори телефон мегирифтанд.

Ҷавонмард ба лента наздик шуда, дар истгоҳ ҷасадро дид. Дар канортари мурда борхалтаи сафед меистод. Болои майитро бо карбос пӯшонда буданд. Гоҳ-гоҳ шамол онро боло мебардошт ва рӯймоли сабзи якранги сари майит намоён мешуд. Ҷавони қадбаланд ба ҷасад ва атрофи он нигоҳ кард. Вақте чашмаш ба рӯймоли сабз афтид, дар баданаш мурғак дамид. Дубора ба борхалта нигоҳ кард. Дар худ ларзид ва зуд қафо баргашт. Рухсораш ранг бохтаву нигоҳҳояш парешон буд. «Наход ҳамон зан» аз дил гузаронд...

***

Ҷавонзани афсурдарӯе ба бинои сабти никоҳ даромада, ба чор тараф кунҷковона нигоҳ кард. Аз афт ба куҷо рафтанро намедонист. Дар даст борхалтаи сафед дошт. Ранги рухсораш паридаву либосҳояш рангпаридатар. Дареро кушода диду ҳамон тараф шитофт.

– Салом, – гуфт ба духтараке, ки хонаро ба тартиб меовард.

– Ассалому алайкум, – сар аз кор бардошт духтар.

– Барои нусхаи гувоҳномаи таваллуд ба куҷо...

– Қабати дуюм, хонаи ҳаштум, – сухани ҷавонзанро бурид духтар.

– Чӣ?

– Ба ошёнаи дувум баромада, – бо даст ишора кард, – ба хонаи ҳаштум дароед.

– Раҳмат, – гуфт ҷавонзан ва ба ошёнаи дувум баромад.

Дар пушти дари утоқи ҳаштум се нафар меистоданд. Ҷавонзан навбат гирифта дар канор истод. Либоси дарози фарсуда, поҷомаи сиёҳи мардона, сарбандии сабзи якранг, калӯшҳои чангзеркардаи зан диққати ҳамаро ба худ мекашид. Вақт мегузашту навбатпоён бештар мешуданд. Яке мушкилашро зуд ҳал карда мебаромад, дигаре ҳаял мекард. То навбати ҷавонзан ба ҷойи се нафар ҳафт нафар даромад. Ҳаштум нафар ҳоло дар пеши сарвар буд. Яке рост омада, ба навбатпоён нигоҳ накарда, рост дарояд, дигаре «як чизро мепурсаму зуд мебароям. Вақти зиёдро намегирам» гуфта, хеле дар дарун монда мерафт. Баъзеҳоро котиба ном гирифта, даъват мекард.

– Ту чӣ хел одам? – рӯй ба ҷавонзан оварда, шартакигӯӣ кард зани рафидарӯйи газгӯшт. – Навбатат омаду ба ҷойи ту дигарон медароянд. Як даҳон гап намезанӣ.

– Чӣ гӯям? – дар рухсори заъфарони ҷавонзан хун давид.

– Чӣ гӯӣ? – баланд дод зад зани рафидарӯй. – Навбатам гуфта даро. Яке тағояшро, дигаре аммаю амакашро, боз яке ҳамсояашро ба миён дароварда, бенавбат дароянд, мо то бегоҳ мешинем? Навбатат расид, даро-дия.

– Хай, – ҷавонзан пушти дар рафта, оҳиста кӯфту ба дарун сар халонд.

– Намебинед, дар пешам одам ҳаст? – аз ҷойи нишаст дод зад ҷавони қадбаланд ва бо қаҳр ба котиба рӯй овард.

Котиба, ки дар паҳлӯи дар менишаст, зуд аз ҷой хеста, ҷавонзанро берун тела дод:

– Ҳозир ин одам равад, шумо медароед, – димоғсӯхта гуфт.

– Навбати ман...

– Навбати шумо баъди ҳамин одам, – бо қаҳр дарро пӯшид.

Ҷавонзан малӯлу озурда дар паҳлӯи дар истод. Пай мебурд, ки тири нигоҳи ҳама ба ӯ равона шудааст ва ботинан вайро сарзаниш мекунанд. Ба девор такя карда, сархам меистод, ки чашмаш ба калӯшҳояш афтод. Аз чанг сап-сафед шуда, дар чанд ҷояш лой часпида буд. Бо гӯшаи чашм ба пойафзори атрофиён нигоҳ кард. Пойпӯши онҳо лок задагӣ, ялтос мезад. Ҷавонзан калӯшҳояшро дарунтар кашид, то дар зери куртаи дарозаш номаълум шаванд. Соате гузашт, аммо касе намебаромад. Навбатпоён норoҳат шуданд. Дар толори ошёнаи дувум то рафт одам пур мешуд. Ҷавонзан чун гурбае, ки ба муш камин мегирад, аз паҳлӯи дар як қадам дур намерафт. Метарсид, ки ба ҷойи ӯ дигаре дарояд.

Ҷавони қоматбаланд ҳамроҳи марди чорпаҳлӯе, ки бенавбат даромада буд, баромад. Якҷоя поён рафтанд ва ҷавон баъди қариб ним соат баргашт. Дар толор чунон роҳ мерафт, ки гӯё идораи тамоми корҳои ҷаҳонро дар ихтиёр дорад. Бовиқор қадам мемонд ва аз пеши одамон бепарвою беэътибор гузашта, вориди утоқ шуд. Гӯё дар ниҳод «сазои шумо ҳамин аст. Даркор бошад соатҳо интизор мешавед» мегуфт.

Чанд дақиқа гузашта, котиба баромад:

– Навбати кӣ? – пурсид.

– Ман, – қариб даст боло кунад ҷавонзан ва зуд аз пайи котиба даромад.

Ҷавони баландболо ӯро бедимоғ пешвоз гирифт. Аз он самимияте, ки ҳангоми гусели марди чорпаҳлӯ дар рухсораш аён буд, асаре ба назар намерасид. Дар курсӣ мағрур менишаст, чун дар тахти шоҳӣ.

– Чӣ хидмат? – мутакаббирона пурсид.

– Барои нусхаи гувоҳномаи таваллуд омадам, – дар пеши дар мехвор меистод ҷавонзан.

– Дубликаташ? – ҷавонмард аз табақча шоколадеро гирифта, ба даҳон андохт.

– Ҳа, дубликат.

– Аз куҷо шумо? – сар то пойи ҷавонзанро бо нигоҳ палмосид.

– Аз Пойариқ.

– Аз куҷои Пойариқ? – аз ҷавонзан чашм намеканд. Азбаски худи сардор ҳам пойариқӣ буд, мароқ зоҳир кард.

– Челак.

– Ин хел бошад, шумо ба загсхонаи Пойариқ равед.

– Рафтам. Онҳо ба шаҳр фиристонданд.

– Чаро? – бо тааҷҷуб пурсид, гӯё бори аввал бо чунин ҳол рӯ ба рӯ меояд.

– Аз шаҳр мегиред гуфтанд. Чунки модарам...

Фаҳмид, ки модараш зодаи шаҳр аст, сухани ҷавонзанро бурида, ба котиба фармуд:

– Ариза нависанд.

Котиба чаққон коғазу ручкаро болои миз гузошт. Ҷавонзан борхалтаашро дар паҳлӯи дар гузошта, коғазу худнависро пештар кашид.

– Чӣ нависам? – хиҷолатмандона пурсид.

– Ариза! – тунд гап мезад котиба.

Ҷавони қадбаланд дар телефон саргарми суҳбат буд. Ҷавонзан чӣ навиштанро намедонист. Як ба коғаз ва як ба котиба нигоҳ мекард.

– Дар шумо намуна нест? Агар...

– Уф-ф, – норозиёна бастаеро кушод котиба ва аз даруни он аризаеро гирифта, дар пеши ҷавонзан гузошт.

– Чӣ шуд? Ариза навиштанд? – телефонро хомӯш карда пурсид ҷавонмард.

(Давомаш дар саҳ.8).

# МАЪРУФИ БОҒИ САНЪАТ



Маърака идома дошт. Баранда эълон кард, ки навбат ба сароянда – Маъруфҷон. Меҳмонону мизбонон, хидматгузорону ҳангоматалабон ва ҳатто кӯдакони шӯху беқарор ҳам дам ба дарун зада, чашм ба саҳна дӯхтанд. Ҷавони болоқади хушлибос тор дар даст ба ҳозирон бо табассуми малеҳ нигариста, ба микрофон наздик шуд.

Ҳама гӯшу ҳуш хомӯш монда, интизори суруди дилошӯб буданд. Ниҳоят, ҳофиз захма ба тор заду савти дилангез ба атроф танин андохт:

*Даст бар сӯрох барӣ, аз заҳри мор андеша кун,*
*Пой бар гил мениҳӣ, аз захми хор андеша кун.*
*Чун шиновар нестӣ, по бар лаби дарё манеҳ,*
*Дар миёнаш ғарқ гардӣ, аз канор андеша кун...*

Рақсу бозӣ тафсиду қалбҳои беқарор ба тапиш даромаданд. Гӯё ҳама дар осмони рӯъё ба парвоз омада буданд. Афсуне ҳамаро фаро гирифта, як ҷаҳон лаззати руҳӣ мебахшид. Санъаткори навҷӯю навписанд Маъруфҷон Каримов сурудро ба итмом расонида, навбатро ба дигарон доданӣ буд, ки мардум бо исрор талаб карданд: «Ҷуфт шавад, ҷуфт!» Шоире фармудааст: «Гар суруд, аз дил барояд, лоҷарам бар дил нишинад». Воқеан, мавриде кас ба эҷодиёту маҳорат, услубу ҳунари волои сароянда диққат диҳад, дилбастагӣ ва муҳаббати ӯро ба санъат дарк мекунад. Завқи баланд, истеъдоди табиӣ, маҳорати андӯхта ӯро маҳбуби дилҳо гардондааст. Мавзӯъҳои бахту саодат, муҳаббати пок, кишвари маҳбуб, Самарқанди қандманд мундариҷаи сурудҳои ҳофизро ташкил медиҳанд. Санъаткори умедбахш дар тӯли фаъолияти ҳунарварии худ кӯшиш ба харҷ додааст, ки ғановату гуногунрангии ҳар як суруд таъмин гардад. Маъруфҷон дар пайравӣ ба устодони санъат Ҷӯрабек Муродов, Далер Назар, Шералӣ Ҷӯраев ҳангоми интихоби матн аввал ба маънӣ ва мазмуни онҳо эътибор медиҳад, сипас, бо назардошти вазну ҳиҷо оҳанг мебандад.

Шояд аз ҳамин сабаб ҳангоми ҳунарнамоӣ кардани ӯ мухлисонаш, алалхусус, устодонаш Маъруфҷон Бозоров, Эркинхон Муҳаммадиев, дӯстони ҷониаш, ҳамкасбонаш ба қавле курта-курта гӯшт мегиранд. Камина низ яке аз мухлисони ӯям. Чанде пеш бо ҳамсинфам Нормурод Каримзода дар як маърака ҳузур доштем ва Маъруфҷон хидмат мекард. Нормурод ба ман гуфт, ки чаро шумо ҳамчун хабарнигори «Овози тоҷик» дар бораи ин ҳофизи тоҷик чизе наменависед?! Сипас суҳбати гарми мо ба вуқӯъ пайваст. Ҳангоми мулоқот ба ӯ суоли анъанавиро додам, ки бо чӣ ангезае по ба ҷодаи ноҳамвори ҳунар ниҳодааст. Вай аз ҷумла изҳор дошт:

– Раҳматӣ падарам – Раҷаббой мухлиси ашаддии ҳофизи номдор Маъруфҷон Бозорови миронқулӣ буданд. – Пас аз ба дунё омаданам ба мақсаде, ки мисли ӯ сароянда шавам, номамро Маъруфҷон гузоштаанд. Солҳои таҳсил дар мактаби миёнаи рақами 17-уми ноҳияи Самарқанд аъзои маҳфили дастаи ҳаваскор будам. Захма ба тор задану иҷрои сурудро аз аввалин устодам Эркинхон Муҳаммадиев омӯхтам. Муҳаббат ба ин касб каминаро ба Омӯзишгоҳи санъати Самарқанд ба номи Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов овард. Дар як маърака қиблагоҳам маро ба Маъруфҷон Бозоров муаррифӣ карданд. Ана баъд ҳамкору ҳамдил шудем. Сафари аввалини мо ба шаҳри Панҷакент шуд. Тӯйи арӯсӣ буд. Рости гап, баранда номи маро эълон карду дасту поям ба ларза даромад. Як нигоҳи ширини устод ба ман таскин бахшид ва ман чанд суруд хондам. Ҳоло ҳар гоҳ дар маъракаҳои серодам ширкат варзам, сафари Панҷакенти бостонӣ пеши назар меояд.

Воқеан, асрори комёбии рӯзафзуни эҷодии Маъруфҷон Каримов пеш аз ҳама дар он аст, ки вай пайваста оҳангҳои халқӣ, алалхусус, тоҷикӣ ва ӯзбекиро ҳаматарафа меомӯзаду такмил медиҳад. Аз ин сабаб, ӯ аз байни санъаткорони имрӯзаи Самарқанд яке аз ҳофизони маҳбуб ва овозадор аст. Вай аз устоди «Шашмақом» Ҷӯрақул Солиев, санъаткорони намоён Олимҷон Неъматов, Азим Қувондиқов ва дигарон низ асрори ҳунар омӯхт, ки ба ду забон озод месарояд. Овози фораму ширадор ва дилнишини ӯ сомеони худро сеҳр мекунад. Ҳофизи соҳибҳунар, ки завқи баланду салими бадеӣ дорад, ғазалҳои хубу мувофиқи Шамси Табрезӣ, Хоҷа Ҳофиз, Алишери Навоӣ, Ҳилолӣ, Фузулӣ, Ҷомӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода, Лоиқ ва дигаронро интихоб мекунад.

Маъруфҷон Каримов на фақат санъаткори варзида, балки пеш аз ҳама инсони хоксору ҳалим, дилкашу ширинсухан аст. Дар айни замон ӯ тарбиягар, устоди санъаткорони ҷавон ва падари чор фарзанд мебошад. Бо ҳамсари меҳрубонаш Дилфуза Сатторова гулдухтараш Меҳрубон, писарҳояш Заррухҷон, Абдураҳим, Аҳмадҷонро мувофиқи талаби давр таълиму тарбия медиҳад. Чанде пеш духтарашро ба хонаи бахт гусел карда буд. Модари меҳрубонаш дуогӯйи ӯянд.

Имрӯзҳо Маъруфҷон маъруфи боғи санъат аст. Мо ба ҳофизи ҳунарманду маҳбуби халқ комёбиҳои нав ба нав таманно дорем ва аз забони шоири шаҳири тоҷик Мирзо Турсунзода мегӯем:

*Рӯдворона зиндагонӣ кун,*
*Ҷӯш зан, ҷӯш зан, ҷавонӣ кун!*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*


Обуна – 2021

## «Овози тоҷик» – овози шумо!



Ба «Овози тоҷик» – рӯзномаи 96-солаи ягонаи тоҷикии ҷумҳуриявӣ барои соли оянда обуна сар шудааст. Тартиби расмӣ кардани он дар сартосари ҳудуди Ӯзбекистон як хел аст ва аз солҳои пешин фарқ намекунад. Агар то ба охир расидани мавсими обуна он расмӣ карда шавад, тамоми соли 2021 аз он баҳраманд шудан мумкин аст.

Ҳоло тамоми шуъбаҳои алоқа, ширкатҳои хусусӣ ва агентиҳои махсусе, ки бо рӯзнома дар ин бобат қарордод доранд, бо нархҳои гуногун ҳуқуқи обуна карданро соҳибанд.

Шитобед, то аз «Овози тоҷик» бебаҳра намонед!


# ЧОЙПУЛӢ

(Ҳикоя)

(Аввалаш дар саҳ.7).

– То ҳол се бор хато карданд, – мужда гирифт котиба. — Чорумашро менависанд.

– Э-ҳе, ба ин аҳвол корхона касод мешавад-ку? Коғаз бепул не, – киноя зад ҷавон. – Тезтар нависед. Дар берун одамон бисёр. Ҳа нагуфта, пешин мешавад.

Ҷавонзан «пешин мешавад» гуфтани ҷавонро шунида, гуруснагии худро эҳсос кард. Охир пагоҳӣ ношто накарда, ба роҳ баромада буд. Аз гушнагӣ буд ё ҳаяҷон дасташ меларзид. Ниҳоят аризаро навишта, ба ҷавони қадбаланд дод. Ҷавон ба ариза як чашм давонд.

– Мешавад. Ҳуҷҷатҳоятонро диҳед, – гуфт.

Ҷавонзан аз борхалтаи сафед папкаи ҳуҷҷатҳоро гирифта, дароз кард.

– Ман ин папкаро чӣ мекунам? – дод зад ҷавонмард. – Шиносномаатонро...

– Шиносномаи худамро? – ба худаш ишора намуд.

– Гувоҳномаи шумо гум шуд? – абрӯ чин кард ҷавонмард.

– Не, гувоҳномаи модарам.

– Э, тавба. Чаро ҳаминро барвақттар намегӯед?

– Ман нав гуфтам, ки модарам дар шаҳр...

– Гувоҳномаи модаратон даркор бошад, худашон оянд, – дарғазаб аризаро пеши ҷавонзан партофт. – Қариб як соат вақтамро гирифтед. Равед, худашон биёянд.

– Худашон омада наметавонанд, – овози ҷавонзан ларзид.

– Чӣ?

– Беморанд. Аз ҷой ҷунбида наметавонанд.

– Не, намешавад, равед, – гуфт ва рӯй ба котиба овард:

– Дигарашро ҷеғ занед.

– Илтимос, акаҷон ёрдам кунед, – гиря гулӯгираш кард. – Се моҳ боз барои ҳамин ҳуҷҷатҳо сарсону саргардонам. Як ҳуҷҷатро тайёр кунам, дар дигараш камбудӣ мебарояд. Кайҳо ба нафақа баромаданашон даркор буд. Ҳамин ҳуҷҷатҳоро гуфта, ба қафо меафтад. Илтимос, акаҷон, ёрдам кунед.

– Намешавад. Ба як кас нағзӣ мекунам гуфта, ба бало гирифтор шуданро намехоҳам. Равед, вақтамро нагиред!

– Илтимос, акаҷон. Саломатии худам ҳам нағз не. Аз роҳи дур омада, рафтанам душвор.

– Саломатиятон нағз набошад, ба шифокор равед. Ман чӣ кунам? – хандид ҷавон.

Котиба ҳайкалвор пеши дар меистод. Ин сабаб дошт. Котиба интизор буд, ки ҷавонзан «илтимос корамро ҳал кунед. Чӣ хидмат бошад, мекунам. Мо ба хидматаш тайёр» гӯяд ва ӯ дарҳол ҳуҷҷатҳои занро тайёр карда, «хидмат»-ро фармояд. Чойпулӣ кор кунад. Аммо ҷавонзан аз илтимосу илтиҷо ба он сӯ намегузашт. «Аҷаб калтафаҳм будааст. Мебинад, ки сардор не мегӯяд. Як даҳан, «аз мо чӣ хидмат» гӯй, олам гулистон. Худаш баъзеҳо табиатан чунин соддафаҳми гарангтобанд», дар ниҳод андешид котиба.

– Илтимос, пагоҳӣ боз нигоҳ карда шиштаам.

– Мо ҳам бекор, чойнӯшӣ карда нашистаем. Мушкили чанд касро ҳал кардем, – оташин шуд ҷавон.

– Медонам, ако. Илоҳо, аз умратон барака ёбед. Ҳузури фарзандонатонро бинед. Илтимос, ёрдам кунед, – гиря кард ҷавонзан.

– Хай, – ба кресло такя кард ҷавонмард. – Дуямон «земляк» будаем. Рӯйи хотири ҳамин, ёрдам мекунам. Ҷаримаро ба касса супурда, квитансияашро биёред.

Ҷавонзан шитобон баромада рафт.

– Аҷаб зани кундфаҳм будааст, – аз қафои ҷавонзан гуфт ҷавонмард.

– Ҳа, – тасдиқ кард котиба. – Аз афташ маълум-ку.

– Либосҳояш ҳам турфа. Рӯймоли сарашро намегӯӣ. Аз замони дақёнус мондагӣ. Хато накунам, модаркалонамро модарашон чунин рӯймол доштанд, – қоҳ-қоҳ зада хандид.

– Борхалтааш ҳам хӯрҷини ҷӯгиҳоро мемонад, – сухани роҳбари худро дастгирӣ кард котиба. – Аз ин хелҳо чойпулӣ он тараф истад, пӯсти пиёз ҳам намерӯяд.

Ҳар ду саргарми ғайбат буданд, ҷавонзан ҷаримаро пардохта баргашт. Мехост корро тезтар ҳал карда, деҳа баргардад.

– Дар газета дар бораи гум шудани гувоҳнома эълон додед?

– Ҳа, ана, – газетаро дароз кард.

– Нағз. Акнун нусхаи шиносномаро диҳед, – газетаро гирифта, пурсид ҷавон.

– Нусхааш...

– Ҳа.

– Нусхааш нест.

– Набошад, биёред, – амр кард ҷавон ва боз як шоколадро ба даҳон андохт. – То баргаштани шумо гувоҳномаро тайёр мекунем.

– Дар куҷо копия кардан мумкин? – узрхоҳона пурсид.

– Кӯча бароед, дар ҳар қадам ксерокопия ҳаст, – бепарво гуфт ҷавон ва ба котиба дигар касро ҷеғ заданро фармуд.

Ҷавонзан кӯча баромад. Ба чанд дӯкони гирду атроф сар халонд. Дар онҳо дастгоҳи нусхабардорӣ набуд. Раҳораҳ пулашро ҳисоб мекард. Охир вай барои гувоҳнома ҷарима супурданашро намедонист. Аз ин рӯ, аз ҳамсоя камтар пул қарз гирифта буд.

«Агар барои копия 2000 сӯм гирад, 13 ҳазор мемонад. Нархи ҳабдоруи модарамро 16 ҳазор гуфт. Ба 11 ҳазор дору харам, 2 ҳазор роҳкиро мемонад» дар сар ҳисоб мекард. Ниҳоят дар дӯконе шиносномаро нусхабардорӣ кард.

– Ноинсоф! – аз дӯкон баромада, зери лаб гуфт. – Барои як порча коғаз 3000 сӯм гирифт. Инсоф ҳам чун ҳақиқат нест шуду рафт. Ҳама дурӯғгӯю ноинсоф шудаанд. Ҳамаи 20 ҳазори қарз гирифтаамро меовардам, бемалол мерасид. Беҳуда 3 ҳазорашро дар хона мондам.

Ҷавонзан ба загсхона шитофт, аммо аз ноомади кор дари хонаи ҳаштум қуфл буд. «Ба абед рафтагистанд» аз дил гузаронд.

Худро беҳол ҳис кард. Аз як тараф кӯфтагии роҳ, аз тарафи дигар гуруснагӣ азоб медод. Пеши тирезаи толор рафт. Аз бемадорӣ буд ё бемории чашмонаш фурӯ рафта буданд.

«Ҳоли модарам чӣ шуд? То пешин бармегардам гуфта будам. Хӯроки нимирӯзиашон чӣ шуд? Ақаллан ба ҳамсоя мегуфтам, аз ҳолашон бохабар мешуд. Бехавотир корамро ҳал мекардам. Телефони ҳамсояро ҳам намедонам, ки аз ягон ҷой телефон кунам. Тезтар сардор меомад, гувоҳномаро гирифта бармегаштам».

Рӯз бегоҳ мешуд, аммо аз ҷавони қадбаланд дарак набуд. Ҷавонзан ҳафт маротиба аз котиба пурсид. Доим «Ҳозир меоянд. Дар ҷамъомад» мегуфт. Чанд нафар дилтанг шуда рафтанд.

Ҷавонзан чун анкабут дар байни дари ҳаштум ва тирезаи толор тор метанид.

«Бевақт шуд. Автобус то соати чанд мегардад, намедонам. Ақаллан ба охирин автобус бошад ҳам расидагӣ мекардам. Гувоҳномаро мегирифтам, модарҷонам ҳам хурсанд мешуданд. Ҳал шудани нафақаашон ҳам рӯдаи буз барин дароз шуд. Имрӯз ҳам рафта, ҳал нашуд гӯям, хафа мешаванд. Чӣ хел набошад ҳам, корро ҳал карда бармегардам. Бо ин тани носолим боз кай ба шаҳр меоям? Кош, бародар ё хоҳаре дошта будам. Дар чунин вақт ёрдам мекарданд. Афсӯс, ки маро танҳо модар ҳасту модарҷонамро ман...»

Дар толор ҷавони қадбаланд намоён шуд. Ба биниаш хода намерасид. Ҳама аз пушти ӯ ба дар наздик шуданд. Котиба баромада, сардор аввал онҳоеро, ки аз пайи камбудии ҳуҷҷат рафтаанд, қабул мекунад, гуфта эълон кард. Ҷавонзан оҳи сабук кашид. Вақте ки нусхаи шиносномаро тақдим кард, ҷавони қадбаланд баҳона пеш овард, ки нусхаи шиноснома хира аст.

– Арзиши ҳар як коғаз бо маълумоти он вобаста аст, – норозиёна гуфт ҷавон. – Коғазе, ки тоза аст, арзиш ҳам надорад. Монанди ин нусхаи шиноснома. Аз дигар нусхабардорӣ карда биёред.

Ҷавонзан чӣ кор карданро намедонист. Аз кӣ ёрӣ пурсад? Ба кадом девор сар занад. «Арзиши коғаз бо навиштаи он муайян гардад, арзиши одамро бо чӣ ҳисоб мекунанд? Ин сардор ҳеҷ дар ин бора фикр карда бошад?» дар ниҳод андешид ва аз котиба оҳиста пурсид:

– То омаданам, намеравед?

– Кор то соати шаш. Баъди шаш қабул намекунем, – бурро ҷавоб дод котиба.

– Ҳозир соат чанд?

Котиба соати телефонашро дида:

– Панҷу ним, – гуфт.

Ҷавонзан ранҷидахотир берун баромад.

«Ним соат. Дар ним соат чӣ хел рафта меоям. Намешавад. Танҳо барои рафтан ним соат вақт даркор». Пойбанди хаёл аз зина мефаромад ва занеро, ки боло мебаромад, надиду бархӯрд.

– Мебахшед, – аз олами хаёлот берун омада, узр пурсид ва дар рӯ ба рӯйи худ ҳамон зани рафидарӯйиро дид, ки пагоҳӣ ба вай эътироз карда буд. – Ба хаёл дода шудаам.

– Ҳеҷ гап не, – хандид зани рафидарӯй. – Хаёлпарешонӣ дар ҳама мешавад. Коратон ҳал шуд?

– Не, – димоғсӯхта гуфт ҷавонзан.

– Чаро?

– Нусхаи шиноснома лозим будааст. Овардам, «хонда намешавад. Аз дигар копия карда биёр» гуфтанд.

– Ҳамин ҳам гап шуд-у. Дар худашон дастгоҳи копия ҳаст-ку?

– Намедонам, – китф дар ҳам кашид ҷавонзан.

– Чойпулӣ додед?

– Чойпулӣ?!

– Ҳа, чойпулӣ. Ба котиба.

– Не.

– Як 20 ҳазор диҳед, коратон бе ягон муаммо ҳал мешавад, – гуфт зани рафидарӯй. – Ҳозир ҳама гадорӯю гадочашманд. «Аробаи равғанназада ҳаракат намекунад», гуфтаанд. Ҳозир гулӯи «аробаа»-ҳоро ҳамарӯза равған кунед ҳам, ба осонӣ гапи хуш намефаҳмед. Рафта нусхаи шиносномаро аз нав биёред, боз дигар баҳона пеш меоранд. То чойпулӣ нагиранд, коратонро ҳал намекунанд. Маро ҳам барои як маълумотнома фиристоданд. Чойпулӣ бештар медиҳам гӯям, бе маълумотнома намешавад гуфтанд. Ҳамонро мебиёрам. Рафтем, ман даромада, котибаро пеши шумо мефиристам.

Ҷавонзан ҳамроҳи зани рафидарӯй қафо баргашт.

– Барои густохии имрӯза узр мепурсам. Агар ҳамон хел намекардам, боз чанди дигар бенавбат медаромаданд, – зан беист гап мезад.

Ҷавонзан дар назар ӯро мешунид, аммо хаёлан пулашро ҳисоб мекард. «Агар ба котиба 10 ҳазор диҳам, 2 ҳазор мемонад. 2000 танҳо ба автобус мерасад. Тезтар гувоҳномаро гирифта, ба истгоҳ равам, ба автобуси охирин шояд расонам», меандешид.

Зани рафидарӯй дарун даромад. Ҷавонзан канортар рафта, пулашро дубораю себора шумурд: 11 то ҳазорсӯмӣ, дуто панҷсадсӯмӣ. Сари калобаи худро гум кард. Чӣ кор карданро намедонист. Ҳамин вақт котиба баромад.

– Маро кӣ ҷеғ зад? – аз одамони пушти дар пурсид. Ҷавонзан дарҳол 2 ҳазорро дар борхалтаи сафед андохта, шитобон пеши котиба рафт.

– Ман ҷеғ задам, – гуфт ва ӯро ба канортар кашида, ба дасташ пулро дод.

– Ин чойпулӣ, хоҳарҷон. Илтимос, гувоҳномаро бароварда диҳед.

Котиба пулро беларвоёна гирифта, як нигоҳ кард ва дар ҷайби худ андохта, ба утоқ даромад.

Пас аз лаҳзае зани рафидарӯй баромаду котиба ҷавонзанро даъват кард.

– Котиба гуфтанд, ки шумо саросема ҳастед, – дар лаби ҷавонмард табассум гул мекард. – Хидмат бе ҳиммат намешавад. Шумо «хидмат»-ро кардед, акнун мо ҳам ба хотири «земляк» буданамон як ҳиммат кунем. Ҳамон нусхаи шиносномаатонро дода равед. Мо ҳамеша ба ҳамшаҳриҳои худ ёрӣ мекунем. Ин гувоҳномаро бурда, модаратонро хурсанд кунед, – мамнун гувоҳномаи навро дароз кард. – Аз номи мо ягон кило шоколад ҳам баред.

Ҷавонзан изҳори миннатдорӣ намуду аз дил гузаронд, ки «бедавлат агар кишт кунад, об намеёбад, бодавлатро киштаву нокишта як хел». Шоколад баред мегӯяд. Аз куҷо донад, ки бо пули қарз ба ин ҷо омадам ва дорупулии модарҷонамро ба ӯ додам» гуфт ва гувоҳномаро гирифта, берун баромад. Рӯз торик шуда буд. Ҷавонзан бо пахлӯи базмгоҳи Кӯксарой ба роҳи калон фаромада, қад-қади роҳ, пиёда ҷониби истгоҳи Пойариқ - чорроҳаи Даҳбед шитофт.

Дар истгоҳ танҳо мошинҳои сабукрав меистоданд. Ронандаҳо бо овози баланд мусофиронро ҷеғ мезаданд: «Пойариқ, Пойариқ, Челак».

Ронандагон роҳкироро 8000 сӯм мегуфтанд.

Дили ҷавонзанро гург тала мекард. «Ҳоли модарам чӣ шуд? Пешин чӣ хӯрданд? Аз дер кардани ман парешон мешаванд. Илоҳо, ягон ҳамсоя ба аёдат омада бошад.»

Бо умед аз ду-се ронандаи сабукрав хоҳиш кард, ки то ба манзил расонед.

– 2000 сӯм пулам ҳаст. То хона баред, пули боқимондаро медиҳам, – гуфт.

Азбаски хонаи ҷавонзан дар канортари шаҳраки Челак буд, ронандаҳо розӣ намешуданд.

Дар қади роҳ истода, ба ҳар як мошин даст боло мекард. Шофёрон либосҳои кӯҳнаву рангпарида, калӯшҳои чиркин, рӯймоли сабзи якранги ӯро дида, аз ҳамон талбандаҳое мепиндоштанд, ки дар назди чорроҳаҳо истода, аз ронандагон садақа мепурсиданд. Аз ин рӯ, наистода мегузаштанд...

Торафт ҳаво сард мешуд. Шамол авҷ мекард. Шохҳои урёни дарахтони қади роҳ зери шуои чароғҳои ду бари кӯча музтарибу бенур ба назар мерасиданд. Сардӣ ба ҷавонзан асар карда буд. Борхалтаи худро оғӯш карда, дар истгоҳ аз шамоли сард паноҳ ҷуст. Сар ба оинаи истгоҳ гузошта, чашм аз роҳ намеканд. Бо гузашти вақт гаштугузори одамон ва мошинҳо камтару эҳсоси яъсу навмедии дили ҷавонзан бештар мегардид...

Сабукраве омада дар рӯ ба рӯйи истгоҳ қарор гирифт. Аз он ҷавони қадбаланд фаромад. Ҷавонзан ӯро шинохта, сар ҳам кард. Ҷавонмард тарафи мусофиркаши охирине қадам зад, ки дуртар аз истгоҳ меистод.

– Куҷо меравед, ака? – пурсид ронанда.

– Челак.

– Гап не. Биёед, ду каси дигар гирем, меравем.

– Рафтем, ман пули се касро медиҳам, – гуфт ҷавони қадбаланд ва дар сабукрав нишаст.

Ҷавонзан боумед дар истгоҳ нишаста буд, ки агар мошин пур нашавад, ронанда ӯро то ба манзил мебарад. Аммо сабукрав рафту бо худ охирин умеди дили ҷавонзанро ҳам бурд ва ӯ дар истгоҳ танҳо монд...

**Фаридуни ФАРҲОДЗОД.**

# ОВОЗИ МИЛЛАТИ БАРОДАР

Тоҷикон, бино ба саршумори аҳолӣ, дар мамлакатамон баъди ӯзбекон дар ҷойи дуюм қарор доранд. Ин ду халқи бародар ба якдигар ба он андоза наздиканд, ки агар сухан нагӯянд, фарқ кардани онҳо душвор аст. Ин аст, ки моро «як халқи дузабона» мегӯянд.

Ҳам тоҷикони Ӯзбекистон, ҳам ӯзбекони Тоҷикистон дар мамлакати худ диаспора нестанд. Нисбати қавмҳое, ки ба сабабҳои иҷтимоию сиёсӣ аз кишвари худ ба кишвари дигар кӯч бастаанд, истилоҳи «диаспора» ба кор бурда мешавад. Мисли ин, ки Ватани аслии тоҷикони Ӯзбекистони кунунӣ Ӯзбекистон аст, Ватани аслии ӯзбекони Тоҷикистони кунунӣ низ Тоҷикистон мебошад. Мисли ин, ки дар ҳудуди Тоҷикистон бо забони ӯзбекӣ асарҳои бадеӣ офарида мешаванд, дар ҳудуди Ӯзбекистон низ бо забони тоҷикӣ осори илмию бадеӣ ва ёдгориҳои беназир офарида шудаанд. Ба ҷуз ин, дар хазинаи дастхатҳоямон мероси бузурге, ки бо забони форсии тоҷикӣ офарида шудаанд, чун гавҳараки чашм нигоҳдорӣ мешаванд...

Рӯзномаи «Овози тоҷик» нашрияи ҷумҳуриявии иҷтимоию сиёсиест, ки барои тоҷику тоҷикзабонон ҳаёти мамлакатамонро, чун дар оина, инъикос менамояд. Он таърих ва анъанаҳоеро дорост, ки тӯли солҳо ташаккул ёфтаанд. Аз ҳама муҳимаш, муштариёни худро дорад.

Аз он ки ин нашрия матолиби зиёдеро доир ба мероси бузурги маънавӣ (бо шарҳу тафсирашон) ба дасти чоп месупорад, инҷонибро писанд аст.

Як ҳақиқатро бояд эътироф намоем, ки омӯхтани мероси миллии мо, дар ҳоли бехабар мондан аз манбаъҳои забони тоҷикӣ, имкон надорад. Дар мамлакатамон навиштаҷоти меъмориҳои таърихӣ, катибаи рӯйи сангҳо ба забонҳои форсӣ, арабӣ ва туркиянд. Манбаъҳои форсии ба тасаввуф иртиботдошта низ, нисбат ба манбаъҳои бо забони арабӣ таълифгардида, хеле зиёданд. Таърихи адабиётамон низ бо санъати сухани форсии тоҷикӣ иртиботи ногусастанӣ дорад. Баъзе адибон зуллисонайнанд, яъне дузабона. Баъзе адибони пешинаи ӯзбек асарҳояшонро ба тариқи назира ба осори адибони форс-тоҷик навиштаанд ва ғайра.

Аҳамияти нашрияи «Овози тоҷик», ҳамчунин, дар он аст, ки он амалан собит менамояд, ки дар Ӯзбекистони мо барои рушди озодонаи забон, адабиёт, маданият ва урфу одатҳои миллатҳои ҷумҳурӣ асосҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шудааст.

Тӯли солҳои истиқлолият дар мамлакатамон барои рушду нумӯъи адабиёти форсии тоҷикӣ низ заминаи мусоид фароҳам омад. Китобҳои бисёр шоиру нависандагон рӯйи чопро диданд. Ба ҷуз ин, барои мактабиёни тоҷик дар нашриётҳои кишвар нашри китобҳои дарсӣ низ ба роҳ монда шудааст. «Овози тоҷик» барои адибоне, ки бо забони тоҷикӣ эҷод мекунанд, минбари баланд маҳсуб меёбад.

Рӯзномаи дӯстдоштаи мо ба тарғиби адабиёти муосири ӯзбек низ саҳм мегузорад. Фикр мекунам, ки муштариёни «Овози тоҷик» мисли ҳамеша минбари баланди худро дастгирӣ мекунанд, яъне ба он дастаҷамъона обуна мешаванд.

**Султонмурод ОЛИМ,**
**номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири маҷаллаи «Нақшбандия».**

# ТАҚДИМОТИ КИТОБИ РАССОМОН

Дар маҷмӯи маънавӣ-маърифатии «Олами китоби Самарқанд»-и шаҳри Самарқанд тақдимоти китоби «Рассомони Самарқанд ва устодони санъати амалӣ» шуда гузашт. Дар он рассомони самарқандӣ ва китобдӯстон иштирок намуданд.

Тадбирро роҳбари шӯъбаи маънавият ва маърифати шаҳри Самарқанд Хуршед Нуруллоев кушода, оид ба эҷодиёти рассомони самарқандӣ, аҳамияти китоб гап зад.

Дар китоб-каталоги мазкур намунаҳо аз асарҳои 41 нафар рассоми шинохта ҷамъоварӣ шудааст. Китоб моҳи гузашта аз ҷониби ҶММ «Relieble print»-и пойтахт чоп шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

Аҳли «Овози тоҷик» нисбати вафоти ҳуруфчини собиқ, ҳамсари шоир, собиқ муовини сармуҳаррири рӯзнома Ҷонибек Қувноқов

**Кимё ҚУВНОҚОВА**

андӯҳгин буда, ба аҳли хонавода ва наздикони марҳума ҳамдардии чуқур баён менамояд.


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-1035 Адади нашр 692 ҳаҷм 4 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Ҳисоби сурати мо дар бонк:
Ҳ/С 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.20

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ: 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.